
Улугзода
Калтакдорони
сурх

С. Улуғзода

# Пьесаҳо

Калтакдорони сурх

Гавҳари шабчароғ

Рӯдакӣ

БИБЛИОТЕКА
Инв. № 354541
Пединститута

ПРОВЕРЕНО
1975 г.

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
*Душанбе—1964*

Тоҷик 2
У — 35

*Дар ин китоби нависанда ва драмматурги маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода пьесаҳои беҳтарини ӯ гирд оварда шудаанд. Асарҳои нависанда ба воқеаҳои фаромӯшнашавандаи замонҳои гуногун ва ҳодисаҳои таърихӣ бахшида шудаанд. Агар дар пьесаи «Қалтакдорони Сурх» мубориэаи деҳқонон ва коргарони тоҷик — калтакдорони сурх ва мубориэаи Аскарони Сурх дар роҳи тамоман несту нобуд кардани босмачигарӣ дар Тоҷикистон нишон дода шуда бошад, дар пьесаи «Гавҳари шабчароғ» ҳаёти пурҷӯшу хурӯши имрӯзаи колхозчии тоҷик тараннум карда шудааст. Инчунин дар ин комедия норасогиҳои ҳаёт ва одамони кӯҳнапараст фош ва масхара карда мешаванд.*

*«Рӯдакӣ» яке аз пьесаҳои беҳтарини Сотим Улуғзода буда, дар бораи фаъолияти эҷодӣ ва ҳаёти фоҷеавии сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ навишта шудааст. Пьесаи мазкур дорои аҳамияти калони таърихӣ мебошад.*

# Калтакдорони сурх

*Пьеса, иборат аз 4 парда ва 9 намоиш*



## ИШТИРОККУНАНДАГОН:

Салим — раиси колхоз, баъд командири отряди калтакдорони сурх.

Хоркаш — деҳқони солхӯрда.

Хурмо — духтари вай.

Хӯчаёр — раиси совети қишлоқ.

Сафар, Эрназар — рафиқони Салим.

Бобохол — деҳқони солхӯрда.

Маҳкам — набераи вай, чӯпонбача.

Аскари сурх.

Раҳимбек — сардори босмачиён.

Соҳиб додхоҳ, Султонбек додхоҳ — наздикони Раҳимбек.

Қали Одина — тӯқсабо.

Мирзосаъдулло — мулло.

Қӯганбек — босмачӣ.

Тӯрақул — бои қишлоқ.

Ғоибназар — бойбачаи қишлоқ.

Оқьюз — эшон.

Мирзоқаландар — мурид ва хоси вай.

Даврукшо — саркардаи хориҷӣ, асири босмачиён.

Муаллима, колхозчиёни зану мард, калтакдорони сурх, чанд аскари сурх, чанд қӯрбошӣ ва йигитҳои босмачӣ.

Воқеа дар баҳор ва тобистони соли 1931 дар Тоҷикистон мегузарад

# ПАРДАИ ЯКУМ

## НАМОИШИ ЯКӮМ

Харобаи қалъае дар он сӯи сарҳад. Вақти субҳдам. Раҳимбек бо қиёфаи қаҳролуд нишастааст. Соҳиб додхоҳ аз болои девори қалъа ба дур нигоҳ карда истодааст.

Раҳимбек. Як шабонарӯз гузашт, то ҳол аз онҳо дарак нест. Ҷалилро ба ин хел кор фиристодан лозим набуд.

Соҳиб. Хавотир накашед, бек, омада мемондагист.

Раҳимбек. Дина боз чашми чапи ман мепарад...

Соҳиб. Иншооллоҳ, ҳеҷ гап намешавад, бек. Аз Ҷалил хотири ман ҷамъ аст.

Раҳимбек. Аммо хотири ман ҷамъ не. Ин ҷавони беандеша мабодо...

Соҳиб. Ба Ҷалил ҳеҷ бало намезанад.

Раҳимбек. Ҳайронам, ки шумо ин қадар хотирҷамъ...

Соҳиб. Худи вай балост, бек. Одам не, бало. Ду бор аз зиндони Қобул, як бор аз таги дор гурехтааст.

Раҳимбек. Шумо ба гапҳои вай бовар кардед?

Соҳиб. Ман ин корро таҳқиқ кардам. Вай бо падараш дар исьён иштирок карда будааст. Подшоҳ баъд аз куштани сардори исьён, Ҷалил ва падари уро ҳам дастгир карда ба зиндон андохта будааст. Падар ва писарро мехостаанд ба дор кашанд, лекин

Ҷалил гурехта халос шудааст, падарашро ба дор кашидаанд.

Р а ҳ и м б е к *(бетоқат)*. Рӯз шуда монд, дигар нигоҳ карда истодан мумкин нест. Ҷалил ё ба даст ғалтид ё кушта шуд. Мо бояд аз ин ҷо ҳаракат кунем.

С о ҳ и б. Ба куҷо?

Р а ҳ и м б е к. Ба пешвози лашкари подшоҳ. Ҳуҷумро аввал ман мекунам. Дар қабати кӯҳ шинак мегирем, душман наздик биёяд, нохост ҳамла мекунем. Ман, чунон ки як моҳ пеш хонободиҳоро торумор карда будам, қӯшуни подшоҳиро ҳам торумор мекунам. Равед, йигитҳоро ба ҷанг ҳозир кунед!

С о ҳ и б. Андак сабр кунем, бек...

Р а ҳ и м б е к. Ҳеҷ андак надорад! Равед!

С о ҳ и б. Бек, шумо пойлуҷони хонободиро бо лашкари подшоҳӣ баробар мекунед? Имрӯз дар сари қаҳру ситеза бо подшоҳи ин мамлакат ҷангталаб шуда, сарбозҳои худамонро нобуд карда монем, пагоҳ бар зидди большевик бо кадом қувва ҷаҳод мекунем?

Р а ҳ и м б е к. Набошад чӣ кор мекунем? Нигоҳ карда шиштан мегирем-мӣ?

С о ҳ и б. Боз як-ду соат нигарон шудан лозим, бек. На ин ки аз панҷоҳ йигити мо яктааш ҳам барнагардад?

Садои суми аспон.

Р а ҳ и м б е к. Чӣ тӯпаланг?

С о ҳ и б *(аз болои девори қалъа нигоҳ карда)*. Одамони мо баргаштагӣ барин... Ман Ҷалилро шинохтам... Як касро ба тақими аспаш зада овардааст...

Ғавғо ва тӯпаланг дар берун. Ҷалил як офицери даст ба пушт бастаро аз гиребонаш кашола карда медарорад.

А с и р. Қашола накун моро, мо гов нестем, падарсаг!

Ҷ а л и л. Худат саг! Падари маро ҳақорат накун! Ба зону шин! *(Ба Раҳимбек)*. Ҷаноби лашкарбошӣ, ман дар наздикии деҳаи Сафедшох бо дастаи ин кифтон ҷанг хӯрдам; дастаашро нобуд кардам, худашро

асир гирифтам. Аз йигитҳои ман чаҳор кас кушта шуд.

Асир. Моро мешиносӣ, сардор?

Раҳимбек. Кистӣ ту?

Асир. Мо кифтони қӯшуни подшоҳием, сардор Муҳаммадвалихон моро ба хизмати иктишоф* фиристода буд, ин падарсаг моро асир гирифт...

Ҷалил (*шамшерашро кашида ӯро заданӣ мешавад*). Даҳанатро банд! Шукр кун, ки ман туро зинда овардам.

Раҳимбек. Сабр кун, Ҷалил.

Ҷалил. Падарамро подшоҳаш кушт, акнун кифтонаш ҳақорат медиҳад, падари ман ба вай чӣ гуноҳ кард?..

Раҳимбек (*ба асир*). Агар боз дашном диҳӣ, забонатро мебурам.

Асир. Забони мо ба худи мо даркор аст, сардор: агар бибурӣ, мо ба саволҳои ту чӣ тавр ҷавоб медиҳем?

Раҳимбек. Ту бояд ширинкори дарбор мешудӣ, на ин ки кифтон. Номат чист?

Асир. Номи мо Давруқшост. Агар боз савол дорӣ, бипурс, аз мо ҷавоб бигир, пас моро озод кун, сардор. Мо меравем ба роҳи худ. Сардор Муҳаммадвалихон ба мо мунтазир аст.

Раҳимбек. Муҳаммадвалихон ҳоло дар куҷост?

Асир. Пагоҳӣ дар Гарданрег буд, ҳоло бояд ба Шаҳри Бузург расида бошад.

Соҳиб (*хавотир кашида*). Ба Шаҳри Бузург?

Асир. Албатта. Роҳ ки меравад, мерасад, роҳ намеравад, намерасад...

Раҳимбек. Муҳаммадвалихон лашкари бисьёр дорад?

Асир. Лашкараш мисли мӯру малах аст. Дувоздаҳ ҳазор сарбоз, шаш ҳазор савора, шаш ҳазор пиёда. Худи сардор Муҳаммадвалихон бо ҳашт ҳазор аз ҷониби Файзобод меояд, сардор Ғуломҳайдархон бо чор ҳазор аз ҷониби Хонобод.

---

* *Иктишоф* — разведка.

Р а ҳ и м б е к. Тӯпхона дорад?

А с и р. Дорад, сардор, нӯҳ тӯп дорад.

Раҳимбек фикр мекунад, гардиш мекунад, ба Ҷалил ишора мекунад, ки асирро барад

Ҷ а л и л *(ба асир)*. Хез!

А с и р. Даст бар мо назан, мо худ меравем!.. Куҷо мебарӣ моро?.. Мо гуноҳ надорем...

Ҷ а л и л. Роҳ гард! Ҷифтон нашуда мур ту! *(Ҳар ду мераванд)*.

Р а ҳ и м б е к. Дувоздаҳ ҳазор лашкар ба муқобили ман! Подшоҳи ҷадид! Хуб, ҷанг хоҳӣ — ҷанг! Ман боз як бор ба ту кӣ буданамро нишон дода монам.

С о ҳ и б. Бек, шумо ҷанг кардан мехоҳед-мӣ?

Р а ҳ и м б е к. Набошад-чӣ? Ё шумо мехоҳед, ки ман таслим шавам?

С о ҳ и б. Худо нигоҳ дорад!

Р а ҳ и м б е к. Пас, ба ақидаи шумо, ман чӣ кор бояд кунам?

С о ҳ и б. Машварат бояд кард, бек.

Р а ҳ и м б е к *(бо ҷаҳл)*. Як шабонарӯз бо машварат гузашт. То ин машваратҳо ба охир мерасанд, ки душман омада моро иҳота мекунад. Акнун ба ман фақат ду роҳ мемонад: ё бо подшоҳ ҷангидан, ё худро ба тарафи Тоҷикистон зада, бо большевикҳо ҷаҳод кардан.

С о ҳ и б. Бек, ҷаҳод ҳазлбозӣ нест.

Р а ҳ и м б е к. Кӣ гуфт, ки ҳазлбозӣ аст?

С о ҳ и б. Бе амри амир Олимхон мо чӣ тавр ғазоту ҷаҳод мекунем? Ҷаноби олӣ бояд бо сафирони давлатҳои калони мағрибзамин гуфтугӯ карда, натиҷаашро ба мо маълум мекарданд...

Р а ҳ и м б е к. Роҳ баста аст, сарбозони подшоҳ элчиёни моро дастгир карда истодаанд. Ҳеҷ имконияти бо ҷаноби олӣ алоқа кардан нест. Ҳар чи ки гӯед, ба мо ғайр аз ҳамин ду роҳ роҳи дигар нест.

С о ҳ и б. Ҳаст, бек.

Р а ҳ и м б е к. Чӣ хел?

С о ҳ и б. Ба кӯҳҳо рафта пинҳон шудан.

Раҳимбек. Ба кӯҳҳо?

Соҳиб. Бале. Лашкари подшоҳ дар байни кӯҳҳо аз қафои мо пеш карда намегардад...

Раҳимбек. Охир, онҳо зер карда омада истодаанд! Мо чӣ тавр даррав ба роҳ баромада ба тарафи кӯҳ меравем?

Соҳиб. Ҳилла кардан лозим, бек. Мо ин асирро ба дасташ хат навишта дода ба пеши Муҳаммадвалихон мефиростонем, «таслим мешавем» гуфта менависему якчанд шартҳои чигилро ба миён монда, вақтро мебарем, худамо зуд ба кӯҳ ҳаракат мекунем.

Раҳимбек. Не, намешавад. Ман ҷанг мекунам!.. (*Пауза*). Ман марди соҳибхурӯҷам, худои таоло маро барои он офаридааст, ки бо кофирон ҷаҳод кунам. Худо мададгори ман аст. Амир Темур ҳам дар аввал сардори як дастаи хурди далерон буд, баъд ҷаҳонгир шуд. Ман подшоҳро мағлуб мекунам! Баъд ба Тоҷикистон лашкар мекашам. Равед, йигитҳоро тайёр кунед!

Ҷалил (*меояд*). Ҷаноби лашкарбошӣ, ду мард ва як зан омадаанд, рухсати даромадан мепурсанд.

Раҳимбек. Кӣ будаанд онҳо? Аз куҷо?

Ҷалил. Аз он тарафи дарьё омадем мегӯянд. Яктаи онҳо кал, номаш Одина тӯқсабо будааст.

Раҳимбек. Одина тӯқсабо?

Ҷалил. Бале, ҷаноби лашкарбошӣ.

Раҳимбек. Дарор онҳоро!

Ҷалил. Хуб шудааст! (*Меравад*).

Соҳиб. Боз ин ҳамон Одина тӯқсабо набошад, ки аз ин панҷ сол пеш ба шумо хиёнат карда, бо панҷоҳ йигит ба большевик таслим шуда буд?

Раҳимбек. Албатта, худи ҳамун, дигар кӣ мешуд? Дар соати хатар баргаштани ин хоин фоли нек аст.

Соҳиб. Ба фикри ман, баръакс.

Раҳимбек. Чаро?

Соҳиб. Дар соати хавфу хатар пайдо шудани ин шумшакл амри хайр не. Ин аз пешомади нағз хабар намедиҳад... Аммо аз бало пешгирӣ кардан мумкин.

Раҳимбек. Чӣ тавр?

С о ҳ и б. Ба ёдатон ҳаст, шумо қасам хӯрда будед, ки агар Одина ба дастатон ғалтад, сарашро мегиред?

Р а ҳ и м б е к. Хӯш?

С о ҳ и б. Ҳамон қасамро ба ҷо овардан лозим. Вай, албатта, тавбаву тазарруъ мекунад, ба поятон меғалтад, лекин шумо ба сафсатаи вай гӯш накунед, кора кунед, ки дар арафаи ҷанг ба ҳама ибрат шавад. Вайро фавран ба қатл расонидан лозим.

Р а ҳ и м б е к. Сухани ҳақ. Ҳамин тавр бояд кард.

С о ҳ и б. Ба пеши мо гурезаҳо бисьёр меомадагӣ шуда монданд, большевик мардумро ба танг овардагӣ барин.

Ҷалил, Одина, Мирзосаъдулло ва Хурмо медароянд. Одина ба дасташ қамчин, дар миёнаш қаторвазна ва таппонча, дар китфаш милтиқ дорад, ба сараш рӯмоли шоҳиро тоб дода бастааст. Хурмо ҳаросон, дар канортар меистад. Раҳимбек дар рафти сухан якзайл ба тарафи ӯ нигоҳ мекунад.

О д и н а ва М и р з о с а ъ д у л л о. Ассалому алайкум.

Р а ҳ и м б е к. Ҳо, Мирзосаъдулло-ку!

М и р з о с а ъ д у л л о *(ба пои вай ғалтида, ҳунгас зада)*. Эй мири ғозӣ, эй пушту паноҳи мусулмонон, алами газотро боло кун, ки ғазо фарз шуд, тезтар бо кофирон ҷаҳод сар кун, ки дигар тоқат намонд...

Р а ҳ и м б е к. Хезед! Гирьяву зориатонро баъд мекунед, ҳоло вақт нест.

Мирзосаъдулло чашмонашро пок карда бармехезад!

Ин аёл кист?

М и р з о с а ъ д у л л о *(хушомадгӯёна)*. Ин гулест аз гулистони тоҷик, ҷаноби мири ғозӣ. *(Ба Одина ишора карда)*. Тӯқсабо вайро ба ҷониби шумо савғотӣ гӯён оварданд.

Р а ҳ и м б е к *(ба рӯи Одина нигоҳ карда, таҳдидомез)*. Ҳа, Одина? Дар чӣ бора хаёл карда мондӣ?

О д и н а. Хаёл мекунам, ки ба дастбӯсии ҷаноби бек мушаррaф мешуда бошам-мӣ гуфта.

Р а ҳ и м б е к. Ту худро кайҳо аз ин шараф маҳрум кардай!

Одина. Ман афв металабам...

Раҳимбек. Ман хоинҳоро афв намекунам!

Одина. Ман пушаймон шудам, бек, ман боз ба кӯҳҳо рафтам, йигит ғундоштам, мана акнун боз ба ҳузури шумо омадам, ки дар ғазот корнамоӣ кунам...

Раҳимбек. Ту барин ғозиҳо ғазотро бадном мекунед.

Одина. Ман омадам, ки тавба кунам, бек...

Раҳимбек. Дер шуд.

Кӯганбек меояд.

Чӣ гап, Кӯганбек.

Кӯганбек *(ба наздики Раҳимбек рафта бо овози паст)*. Дар байни саркардаҳо ҷанҷол хест; Раҳмон додхоҳ йигитҳояшро гирифта баромада рафтанӣ. «Лашкарбошӣ гурехта меравад, сарбозони подшоҳ омада моро мекушанд» мегӯяд.

Раҳимбек, аз паси вай Соҳиб ва Кӯганбек баромада мераванд.

Ҷалил *(ба Хурмо бо чашми харидорӣ нигоҳ карда)*. Бай-бай, паризод-ку! Натарс аз ман, натарс, ҳурлиқо, ман туро намехӯрам; хӯроки лашкарбоширо ҳеҷ кас хӯрда наметавонад. Ҳа, ба қафас ғалтидӣ, ғамгинӣ, кабки кӯҳистон? Ҳайф, ки аз дастам намеояд, набошад туро озод карда мефиристодам...

Одина. Ҳой, даюс, даст нарасон ба вай!

Ҷалил. Дев! Ҳар ҷо, ки парӣ бошад, як дев ҳам ҳаст мегуфтанд, рост будааст.

Мирзосаъдулло. Ҳай, ҳай, йигити нагз, ин лафзҳои ношоистаро ба даҳон нагиред, ки ба шаъни ҷаноби бек мерасад. Ин духтар ба бек савғотии хос аст.

Ҷалил. Қошкӣ ман ҳам бек мешудаму ҳамин хел савғотиҳо мегирифтам. Аҷаб духтари нозанин будааст ин! Чашмакош саққои сиёҳ, рӯякош нони ширмол, бағбағаҳош тухми нимдунбул барин-а! Ин кал аз кадом боғ канда овард туро, себаки Самарқанд?

Одина. Ҳой, даюс, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан!

Ба тарафи Ҷалил ҳайбат мекунад, Мирзосаъдулло вайро даст мегирад.

Астағфируллоҳ!

Ҷ а л и л *(ба Одина аҳамият надода, ба Хурмо)*. Номат чист, паризод?... Гап зан охир, натарс. *(Ба Одина расонда)*. Ман дев нестам, кал ҳам нестам. Як одами холис. Гӯй, номат чист?

Х у р м о *(як қадар нисбат ба вай рӯйгарм мешавад)*. Номам Хурмо.

Ҷ а л и л. Хурмо? Ҳай, ҳай, чӣ тавр номи нағз! Хурморо ҳоҷиҳои мо аз Макка меоварданд, ин ҳоҷии кал аз Тоҷикистон овардааст.

Одина боз ба тарафи вай ҳайбат мекунад. Мирзосаъдулло вайро нигоҳ медорад.

О д и н а. Астағфируллоҳ!

Ҷ а л и л *(ба Одина)*. Ту оташин нашав, додар. Йигит гуфтагӣ ҳазлбардор мешавад. Милтиқатро ҳам ба ҷояш мон, фоида надорад! Мехоҳӣ ҳунари мерганиатро нишон диҳӣ? Лозим нест, дар ин ҳунар ман аз ту монданӣ надорам. Дар шаби тор чашми мӯрчаро мезанам. *(Ба Хурмо рӯй гардонида)*. Раҳматӣ падарам ба ман афсонаи калҳоро бисьёр мегуфт, дар он афсонаҳо духтарони зебо доим ба дасти калҳо меафтанд, мана акнун дида истодам, ки рост будааст...

Раҳимбек, Соҳиб ва Кӯганбек бо ду-се йигити босмачӣ меоянд.

Р а ҳ и м б е к *(оташин, ба Соҳиб)*. Ман ҷанг мекунам, гап ҳамин! Қавмҳои тоҷик, ӯзбек, туркман, ки аз зулми подшоҳ ба дод омадаанд, ҳама тарафдори мананд. Дудила шуда истодан гирем, аввал дар байни одамҳои худамо фасод мехезад. *(Одинаро дида, ба Ҷалил ва Кӯганбек)*. Ароқи вайро гиред!

К ӯ г а н б е к. Хуб шудааст. *(Ба Одина)*. Канӣ, яроқатро барор!

О д и н а. Ҷаноби бек, ман ба шумо гап дорам...

Р а ҳ и м б е к. Ман ба шунидани гапҳои ту фурсат надорам. *(Ба Ҷалил ва Кӯганбек)*. Зудтар!

К ӯ г а н б е к. Зуд бош, яроқатро барор!

О д и н а. Ман яроқамро ба ҳеҷ кас намедиҳам, ҷаноби бек!..

К ӯ г а н б е к. Намедиҳӣ? Кали айёр!

Бо Ҷалил ва йигитҳо ба Одина дарафтида бо зӯр яроқҳои ӯро мегиранд.

Одина. Ҷаноби бек!..

Раҳимбек. Ман аз номи ҷаноби олӣ кайҳо ба қатли ту ҳукм баровардаам. Ҳукм дар пеши ҳамаи йигитҳо ва саркардаҳо ба ҷо оварда мешавад. Баровед ӯро!

Одина *(фарьёд зада)*. Дар танҳоӣ як даҳан суханамро шунавед, баъд ҳар чӣ кунед, майлаш!

Пауза.

Раҳимбек *(ба одамҳои худ)*. Ҳамаатон равед. *(Ба Соҳиб)*. Шумо, додхоҳ, йигитҳоро ба сафар тайёр кунед!

Соҳиб. Хуб.

Ғайр аз Раҳимбек ва Одина дигар ҳама мераванд...

Раҳимбек. Канӣ, чӣ гап дорӣ ба ман?

Одина *(ором ва худбоварона)*. Ман пеш аз он ки ба ин ҷо сафар кунам, ба Тошканд рафта будам.

Раҳимбек. Ба Тошканд?

Одина. Ҳа. Аз Ҳиндустон ярок гирифтед?

Раҳимбек *(ба вай нобоварона нигоҳ мекунад)*. Гирифтам. Чӣ буд?

Одина *(аз қабати ҷомааш хатча баровarда дароз мекунад)*. Мана инро хонед!

Раҳимбек *(хатро гирифта мехонад)*. «Ҷаноб, зуд бошед — бачаҳоро гирифта гузаред. Бо соҳибхона ҷанҷол карда нашинед...» Соҳибхона?

Одина. Яъне бо подшоҳ.

Раҳимбек. *(Мехонад)*. «Дар ин ҷо тайёрии мо калон аст. Дар аввалҳои тобистон тундбоди ғарбӣ мехезад».

Ба Одина нигоҳ мекунад.

Одина. Яъне давлатҳои калони ғарб бо ҳукумати шӯро ҷанг сар мекунад.

Раҳимбек. Ҳм... Барои чӣ ин хатро ба ман даррав надодӣ?

Одина. Дар танҳоӣ доданам лозим буд; ба ман супориш шудааст, ки ҳатто ба сояи худам ҳам бовар накунам... Тез ба тарафи сарҳад ҳаракат кунед, бек;

дар роҳ қувваҳотонро ба тартиб биёред, аз ӯзбеку туркману тоҷик, аз гурезаҳо қувваҳои нав ҷамъ кунед.

Р а ҳ и м б е к. Охир лашкари подшоҳ зер карда омада истодааст...

О д и н а. Ба тарафи сарҳадди Тоҷикистон ҳаракат кунед, лашкари подшоҳ шуморо таъқиб намекунад. *(Ба ин сӯ, он сӯ нигоҳ карда, оҳиста)*. Дар ҷанги большевик дасти мо боло шудан гирад, подшоҳ ба ҷои душманӣ кардан, ба мо мадад хоҳад расонд.

Р а ҳ и м б е к. Охир ба ғалаба дилпурӣ ҳаст-мӣ?

О д и н а. Ҳаст, бек. Одамҳои мо аз колхозсозӣ фоида бурда, барои халқро норозӣ кардан ҳар чӣ аз дасташон меомад, карданд. Ҳамин ки шумо аз сарҳад гузаштед, дар ҳама ҷо шӯриш мехезад. Дар ҳамаи қишлоқҳо одамони мо ҳастанд.

Пауза.

Р а ҳ и м б е к. Дар ин чаҳор-панҷ соле ки ман туро надидаам, ту, кали айёр, тамоман одами дигар шудаӣ. Сиёсатҳои дуньёро мефаҳмидагӣ шуда мондаӣ!

О д и н а. Аз марҳамати ҳукумати шӯро ман амалдор ҳам шуда будам: аввал раиси ҷамоат шудам, баъд сардори милиция шудам, чанд вақт раиси иҷроияи районӣ ҳам шуда будам. Баъд ду моҳ пеш ба кӯҳ гурехта, ба йигитғундорӣ сар кардам.

Р а ҳ и м б е к. Зиндагонии тинҷ ба дилат задааст-дия?

О д и н а. Ба дилам зад. Барои он ки ман баринҳо аз зиндагӣ розӣ бошанд, се чиз даркор аст, бек: аспи даванд, шамшери тез ва кӯҳи баланд.

Дар берун ғавғо. Хурмо давида меояд, аз паси вай Мирзосаъдулло сар ҷунбонида, «бай, бай, афсӯс, афсӯс»-гӯён медарояд.

Р а ҳ и м б е к. Чӣ гап шуд, Мирзо?

М и р з о с а ъ д у лло. Ҳеҷ воқеа не, бек. Як саркардаи воҳидул-айн * доштаед, ба ин духтарак чаққид, духтарак кашидаву кушода ба рӯи вай чунон зад, ки аз бинниаш хун омад. Афсӯс, кори нағз нашуд.

---

* як чашма.

Р а ҳ и м б е к *(Хурморо нишон дода, ба Одина).* Кист ин?

О д и н а. Ин-мӣ? Ин... арӯси Салим.

Р а ҳ и м б е к. Салим?

О д и н а. Шумо вайро нағз мешиносед?

Р а ҳ и м б е к. Ҳамон Салиме, ки...

О д и н а. Ҳа, ҳамон Салиме, ки бо отряди партизаниаш чаҳор сол шуморо азоб дода буд.

Р а ҳ и м б е к. Вай ҳанӯз зинда аст?

О д и н а. Зинда аст, ҷаноби бек. Баъд аз он ки шумо ба ин тараф гурехтед.... афв кунед, баъд аз он ки шумо ҳиҷрат кардед, Салим аз кӯҳ ба водӣ фуромада аз отряди худаш колхоз ташкил кард.

Р а ҳ и м б е к. Арӯси вай чӣ тавр ба дасти ту ғалтид?

О д и н а. Ман шабона хонаи Салимро зер кардам, мехостам, ки сари вайро оварда ба пеши пои шумо партоям, аммо лаънатӣ дар хонааш набудааст. Модари вай бо ин духтар хобида будааст. Хайр, «худаш набошад, арӯсаш» гуфтаму инро гирифта гурехтам. Ҳама гапи шудагӣ ҳамин. Фармоед, яроқи маро гашта диҳанд.

Р а ҳ и м б е к. Ба пеши Соҳиб додхоҳ рав, яроқатро гашта гир.

Одина мебарояд. Раҳимбек наздики Хурмо меравад.

Р а ҳ и м б е к. Аз кадом қишлоқӣ? *(Хурмо хомӯш).*

М и р з о с а ъ д у л л о. Ҷавоб деҳ, духтарам, худи амиралмӯминин аз ту гап пурсида истодаанд...

Р а ҳ и м б е к. Аз кадом қишлоқ мегӯям?

Х у р м о. Аз Ҷӯйбор.

Р а ҳ и м б е к. Духтари кистӣ?

М и р з о с а ъ д у л л о. Вай духтари...

Р а ҳ и м б е к. Аз шумо напурсидам!

М и р з о с а ъ д у л л о. Маъзур, ҷаноби бек.

Р а ҳ и м б е к. Падарат колхозчӣ аст?

Х у р м о. Колхозчӣ.

Р а ҳ и м б е к. Колхоз нағз аст?

Х у р м о. Нағз-мӣ, бад-мӣ, ба ту чӣ?

М и р з о с а ъ д у л л о. Ҳай, ҳай, духтарам, ҳаё кун...

Раҳимбек. Дам шавед, Мирзо!

Мирзосаъдулло. Маъзур, ҷаноби бек.

Раҳимбек. Ба саволи ман бурро-бурро ҷавоб деҳ. Колхоз нағз аст ё бад?

Хурмо. Нағз.

Раҳимбек. Деҳқонон аз колхоз розианд?

Хурмо. Розӣ.

Мирзосаъдулло. Дурӯғ мегӯяд, ҷаноби бек, ҳамаи мусулмонҳо...

Раҳимбек *(бо ғазаб)*. Дафъ шавед!

Мирзосаъдулло. Хуб шудааст, ҷаноби бек. *(Таъзим карда баромада меравад)*.

Раҳимбек *(ба Хурмо)*. Ҳамаи деҳқонон розианд?

Хурмо. Розиаш ҳам ҳаст, норозиаш ҳам ҳаст.

Раҳимбек. Салимро мешиносӣ? *(Хурмо як меларзад)*. Мешиносӣ ё не?

Хурмо. Мешиносам.

Раҳимбек. Вай ошиқи туст? *(Хомӯшӣ)*. Ту акнун канизаки ман мешавӣ, духтарак.

Гардишкунон аз Хурмо дуртар меравад.

Хурмо. Эй худо, кошкӣ ман мемурдам... *(меравад)*.

Соҳиб, Султонбек, Ҷалил ва Кӯганбек меоянд. Кӯганбек як хурҷин, Ҷалил як чизи дарози ба матоъ печонидашударо бардошта меоваранд.

Соҳиб. Ҷаноби бек. Султонбек баргаштааст.

Султонбек. Ассалому алайкум.

Раҳимбек. Ваалайкум ассалом, Султонбек. *(Султонбек дасти Раҳимбекро бо ду даст гирифта бӯса мекунад)*. Бисьёр дар вақташ омадед.

Султонбек. Нагӯед-а, қариб ба дасти сарбозҳои подшоҳ ғалтида ҳалок шуда будам.

Раҳимбек. Ҷаноби олӣ амир саломатанд?

Султонбек. Шукр алҳамдуллоҳ. Ба ҷаноби шумо бисьёр-бисьёр салом мерасонанд. Амирам аз эҳтиёт хат накарданд, фармуданд, ки мири ғозӣ бе ҳеч таъхир ба хоки Бухорои шариф гузаранд.



254541
БИБЛИОТЕКА
Инв. №

Р а ҳ и м б е к. Кӯганбек, ҳамаи саркардаҳоро чеғ зан!

Қ ӯ г а н б е к. Хуб шудааст, ҷаноби бек. *(Меравад).*

С у л т о н б е к. Ҷаноби бек, амирам ба ҷаноби шумо як савғотӣ фиристоданд. *(Чизи ба матоъ печонидашударо мекушояд).*

Р а ҳ и м б е к. Чӣ будааст он?

Кӯганбек бо як гурӯҳ қӯрбошиҳо меояд.

С у л т о н б е к *(аз даруни матоъ шамшерро баровардa, рӯи ду даст ба тарафи Раҳимбек бурда).* Ин шамшерро ҷаноби олӣ амир Олимхон ба ҷаноби шумо пешкаш гӯён фиристоданд. Ин шамшер — шамшери ғазот, шамшери фатҳу зафар аст. Амирам фармуданд, ки ҷаноби мири ғозӣ бидуни таъхир ба мулки Бухорои шариф гузашта бо кофирҳо ҷаҳод сар кунанд.

Р а ҳ и м б е к *(шамшерро гирифта мебӯсад. Ба қӯрбошиҳо).* Қанӣ, ғозиёни ислом, чӣ мегӯед?

С о ҳ и б. Мо мунтазири фармони соҳибхурӯҷем.

Р а ҳ и м б е к *(шамшерашро боло карда).* Ғазот!

Қ ӯ р б о ш и ҳ о *(шамшерҳошонро кашида боло карда).* Ғазот!..

П а р д а.

## ПАРДАИ ДУЙӮМ

### НАМОИШИ ДУЙӮМ

Ба пеши саҳна аз тарафи рост Хоркаш, аз тарафи чап Бобохол мебароянд. Хоркаш сархам, андӯҳгин.

Б о б о х о л. Ҳа, Хоркаш, ба куҷо?

Х о р к а ш. Оқьюз эшон ба қишлоқи мо омадаанд.

Б о б о х о л. Ҳа, медонам.

Х о р к а ш. Он кас ҳоло дар куҷо бошанд, намедонӣ?

Б о б о х о л. Дар масҷид. Мехоҳӣ рафта зиёрат кунӣ?

Х о р к а ш. Эшон мардумро ба пеши худ чеғ задаанд, биё ҳамроҳ рафта мебинем...

Б о б о х о л. Не, ман намеравам.

Х о р к а ш. Барои чӣ?

Б о б о х о л. Ман ба тӯи колхоз меравам. Охир имрӯз тӯи сесолаи колхози мост. Меравам, камтар хурсандӣ мекунам. Равон шав бо ман, камтарак пирона дами беғам занем. Ба пеши эшон баъд меравӣ.

Х о р к а ш *(маъюсона)*. Ба мани кулфатзада тӯйро кӣ мондааст...

Б о б о х о л. Ҳанӯз ҳам дар ғами духтарат месӯзӣ? Бисьёр ғусса хӯрдан нагир, бародар. Хурмо агар зинда бошад, ёфт шуда мемонад. Хайр, бирав, эшон дар масчид аст мегӯянд.

Мераванд.

Парда кушода мешавад. Даруни масчид. Дар пешгаҳ Оқьюз эшон ва Мирзоқаландар, дар пойгаҳ — наздики дар — Мирзосаъдулло, ба либоси дарвешӣ, сари дузону нишастааст. Тӯрақул дар пеши тиреза рост истода ба берун нигоҳ мекунад.

О қ ь ю з. Тӯрақул, канӣ ин одамҳои хабар кардагетон кай меоянд? Вақт рафта истодааст...

Т ӯ р а қ у л. Худам ҳам ҳайронам, тақсир; надонам чӣ бало зад ба ин мусулмонҳо. Эҳтимол ҳама ба тӯи колхоз рафта бошанд. *(Ба тиреза)*. Ғоибназар! Ҳеч кас наменамояд-мӣ?

Овоз аз берун: «Хоркаш омада истодааст».

Т ӯ р а қ у л. Ҳа, бисьёр нағз.

О қ ь ю з. Ин ҳамон Хоркаши духтарашро дузд бурдагӣ-мӣ?

Т ӯ р а қ у л. Ҳа, тақсир, ҳамун.

Хоркаш меояд.

Х о р к а ш. Ассалому алайкум.

Бо Оқьюз вохӯрӣ карда, дасти ӯро мебӯсад.

О қ ь ю з. Биё, биё, Хоркаш, шин. Боракалло, боракалло. Ман туро ғоибона мешиносам. Фалокати ба сари ту омадагиро ба ман нақл карданд.

Т ӯ р а қ у л. Аҳволат чӣ тавр аст, бобо Хоркаш?

Х о р к а ш. Напурс. Дар ман аҳвол монд-мӣ!

О қ ь ю з. Ҳанӯз ҳам аз духтарат дарак нест?

Х о р к а ш. Ҳеҷ напурсед, пирам. Касе агар лоақал хабари мурда ё зиндаашро меоварад ҳам, ман розӣ будам, ки бақияи умрамро ба вай бахшам.

О қ ь ю з. Ҳар кор аз тақдир аст, Хоркаш.

М и р з о қ а л а н д а р. Мегузарад, бобо Хоркаш, бисьёр ғусса хӯрдан суд надорад. «Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд бигзарад».

Т ӯ р а қ у л *(ба паҳлӯи Хоркаш нишаста маънинок)*. Хоркаш, духтарат аз хонаи Салим гум шуд мегӯянд, рост-мӣ?... Духтарат шабона дар хонаи Салим чӣ кор мекард?

Х о р к а ш. Салим ба район рафта, шаб аз он ҷо барнагашт. Модараш «танҳо метарсам, биё ҳамроҳи ман хоб кун» гуфта, Хурморо гирифта бурда буд.

Т ӯ р а қ у л. Мӯйсафеди нодон... Мӯят сафед шудаасту ҳанӯз ҳам ақлат надаромадааст.

Х о р к а ш. Чӣ гуфтан мехоҳӣ, Тӯрақул?

Т ӯ р а қ у л. Ба фикри ту, Салим аспи кабудро ба кадом пул харид?

Х о р к а ш *(дар ҳайрат)*. Асп харидани вай бо гум шудани духтари ман чӣ алоқа дорад?

Т ӯ р а қ у л. Барои чӣ дузд аз хонаи Салим ҳеҷ чизашро набурда, фақат духтари туро бурд? Ту дар ин бора ҳеҷ фикр кардӣ?

Х о р к а ш. Ту... ягон гапро медонӣ магар?

Т ӯ р а қ у л. Ҳаминро медонам, ки Салим шарики дузд аст.

Х о р к а ш. Ҳазл накун, Тӯрақул.

Т ӯ р а қ у л. Э, мӯйсафеди нодон, ту раиси колхозатро ҳанӯз ҳам нашинохтаӣ. Гӯш кун, ман воқеаро ба ту гӯям.. Қали Одина духтари туро бо ёрии Салим дуздида ба Афғонистон бурдааст; вай барои ин ёрмандиаш аз Одина се ҳазор сӯм гирифтааст. Акнун ба кадом пул харида шудани аспи кабудро худат дарьёб, мӯйсафед.

Х о р к а ш. Ту инро аз кӣ шунидӣ? Аз куҷо медонӣ?

Т ӯ р а қ у л. Аз куҷо медонам? *(Ба тарафи Мирзосаъдулло нигоҳ мекунад)*. Хотирҷамъ бош, дар ин вилоят ҳеҷ воқеае намегузарад, ки Тӯрақул аз вай аз ҳама пеш хабардор нашавад.

Х о р к а ш. Наход ки аз дасти Салим ин кор меояд?.. Не, бовар намекунам...

Т ӯ р а қ у л. Бовар намекунӣ? Ба гапҳои дурӯғи Салим, ки «ошиқи Хурмо ҳастам» гуфта, туро ва ҳам духтари туро фиреб дода омад, бовар мекунию ба сухани рости як мусулмон бовар намекунӣ?

Х о р к а ш. Не... бовар намекунам... Салим коммунист аст...

Т ӯ р а қ у л. Коммунист?

Х о р к а ш. Ҳа, ту намедонистӣ магар?

Т ӯ р а қ у л. Чӣ магар коммунист пулро бад мебинад, аспро ҳеҷ кас бад намебинад, лекин одам, хусусан коммунист, барои пул ва асп шуда ин корро намекунад?..

Се-чаҳор нафар аз аҳли қишлоқ салом дода медароянд ва мешинанд.

Т ӯ р а қ у л. *(ба Хоркаш)*. Ман ба ту шоҳид нишон медиҳам. Мирзосаъдулло! Ту ба ин мӯйсафед гуфта деҳ, ки чӣ навъ Одина духтари ӯро дуздида бурд.

Боз чанд нафар одам меояд. Мирзосаъдулло баъд аз нишастани онҳо мехезад ва кулоҳашро аз сар мегирад. Деҳқонони омадагӣ ҳайрон.

Х о р к а ш. Во аҷабо! Ту Мирзосаъдуллоӣ?

М и р з о с а ъ д у л л о. Ман худам. Ман ба он тараф бо ҳамроҳии Одина рафта будам, духтари ту ҳам бо мо буд. Ман воқеаи ёрӣ додани Салим ба дуздидани Хурмо ва аз Одина се ҳазор сӯм гирифтани вайро аз худи Одина шунидам.

Т ӯ р а қ у л *(ба Хоркаш)*. Қанӣ, акнун чӣ мегӯӣ? Акнун Салимро шинохтӣ?

Х о р к а ш. Наход! Не, не, бовар намекунам... Дурӯғ!..

М и р з о с а ъ д у л л о. Ман дар хонаи худо нишастаам, қасам мехӯрам, ки дурӯғ намегӯям.

Х о р к а ш *(моту ҳайрон. Аз ҷой мехезад. Ба эшон)*. Тақсир, ба ман рухсат...

Т ӯ р а қ у л. Не, не, сабр кун! Шин! *(Ба эшон)*. Тақсир, дигар нигарон намешавем, сар мекунем. Тӯи

колхоз ба миёнаи кори мо лагад зад. Ҳамаи одамҳо ба ҳамон ҷо рафтагӣ барин. Ғоибназар, дарро банд!

Ғоибназар хеста дарро занҷир мекунад.

Оқьюз. Мусулмонон, гӯш кунед, гирья ва зориҳои мо ба гӯши парвардигор расидааст, вай барои мо, мусулмонон, як соҳибхурӯҷ фиристодааст. *(Ҷунбиш дар байни деҳқонон)*.

Деҳқони I. Тақсир, соҳибхурӯҷаш чӣ?

Мирзоқаландар. Аввал гӯш кунед, сухани пирамро шунавед, баъд пурсед.

Оқьюз. Ҳамин рӯз баъд аз пешин мири ғозӣ амиралмӯминин Абдураҳимбек бо ҳафтод ҳазор лашкар ба хоки мо гузаштаанд. *(Ҷунбиш дар байни ҳозирон)*. Баъд аз гузаштан, мири ғозӣ лашкарҳошонро ба чанд даста ва фавҷ тақсим карда, фавҷеро ба тарафи Самарқанд, фавҷеро бо тарафи Душанбе ва Бухоро, фавҷеро ба тарафҳои Ғарм ва Бадахшон равона кардаанд. Термиз ва Саройкамарро гирифтаанд. Иншооллоҳ, пагоҳ-фардо шаҳрҳои мазкур, инчунин Тошканд ва Маскавро ҳам мегиранд!

Хоркаш. Худоё, ин чӣ қиёмат!

Деҳқони II. Пирам, шумо аз ин воқеа чӣ навъ хабардор шудед?

Оқьюз. Мана ин Мирзосаъдулло ҳоло ҳама гапро ба шумо мефаҳмонад.

Мирзосаъдулло. Ман навакак аз ҳузури мири ғозӣ омадам. Мир ҳоло дар байни кӯҳ мебошанд. Одина тӯқсабо, ки ҳоло яке аз саркардагони бек шудааст, бо як дастаи сарбозон баъд аз як-ду соат ба қишлоқи мо меояд. Мири ғозӣ маро пештар фиристода фармуданд, ки: ба мусулмонони Ҷӯйбор амри маро расон, сарбозони маро бо иззату икром пешвоз гиранд, коммунисту комсомолҳоро, дар навбати аввал Салимро дастгир карда ба ман супоранд.

Хоркаш. Чӣ? Салим?

Мирзосаъдулло. Ҳа, Салим, ҳамон ки духтари туро ба Одина фурӯхт. Хурмои ту ҳоло дар дасти бек аст.

Хоркаш. Чӣ!.. Худоё, худовандо! Ҳоло духтари ман ба дасти Раҳимбек ғалтид?

Мирзосаъдулло. Ҳа, шодӣ кун, ки худи амиралмӯминин домоди ту шудаанд, бобо Хоркаш.

Чанд нафар аз деҳқонон оҳиста баромада рафтанӣ мешаванд. Тӯрақул ва Ғоибназар пеши онҳоро медоранд.

Тӯрақул. Ба куҷо? Шинед! Ҳеҷ кас намебарояд!

Деҳқонон ноилоҷ мешинанд.

Оқьюз. Ба ҷамии мӯъмину мусулмон ғазо фарз шуд. Ҳозир ҳамаатон бо Тӯрақул рафта фармони амиралмӯъмининро ба ҷо меоваред, аммо лозим аст, ки аввал дар бобати ғозӣ шудан қасам ёд кунед. Қанӣ, аз паи ман такрор кунед. *(Як қисми ҳозирон қасамро аз паи вай ҷумла ба ҷумла такрор мекунанд)*. Ба номи худованди ҳаждаҳ ҳазори олам... ва расулаш Муҳаммад пайғамбар саллаллоҳу-алайҳи-вассаллам... қасам ёд мекунам, ки... то ҷон дар рамақ дорам... бар зидди кофирҳо... коммунист ва комсомолҳо... хоҳ мард бошанд ва хоҳ зан...

Хоркаш оҳиста хеста худро ба тарафи дар мезанад ва онро кушода баромада мегурезад. Шӯру ғавғо дар байни ҳозирон.

Тӯрақул. Доред вайро! Доред!.. Ҳой, мӯйсафеди беимон! *(Ба Оқьюз)*. Тақсир, чӣ мекунем, вай ҳоло рафта хабар медиҳад. *(Ба деҳқонон)*. Гӯш кунед, ҳозир ҳамаатон қасами ғазот хӯрдед...

Оқьюз. Ҳа, ҳа, аз ҳамин соат ҳар кадоми шумо ғозӣ ҳастед, ҳар кас қасамашро шиканад, ғазаби худо ба сари вай мисли жола меборад ва фардо рӯзи қиёмат вайро бо ҳамаи хешу табораш ва фарзандонаш ба дӯзах меандозанд...

Тӯрақул. Мо ҳозир ба тӯйхона меравем. Салим дар ҳамон ҷост. Мо ҳамин тавр нишон медиҳем, ки гӯё ба тӯй омадаем. Баъд шумоҳо бо ишораи ман Салим ва шариконашро нохост зер мекунед. Равон шавед!

Ғайр аз эшон ва Мирзоқаландар дигарҳо баромада мераванд.

Парда.

## НАМОИШИ СЕЙӮМ

Ҷои хушманзарае дар беруни қишлоқ. Таги чинор. Аз дур талҳои сабз, аз паси онҳо кӯҳҳои барфин намоёнанд. Салим ва Хӯҷаёр меоянд.

Хӯҷаёр. Хурморо аз ёдат барор, Салим. То кай оҳу воҳ карда мегардӣ? Ҳар кадом духтари ин вилоят ба ту барин кас ҷон-ҷон гуфта мерасад. «Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре».

Салим. Ба ман насиҳат кардан лозим нест, Хӯҷаёр. Ту намефаҳмӣ.

Хӯҷаёр. Оббо, Фарҳод шаву рав. Охир тӯи колхозро тӯи Салим ғуфтан мумкин, ин колхозро ту ташкил карда будӣ. Дар тӯи худат рӯятро турш карда шинӣ, нағз мешавад-мӣ?

Салим. Рӯямро турш накардаам.

Хӯҷаёр. Не, ҳар чанд ту пинҳон кунӣ ҳам, лекин маълум шуда меистад...

Ҳаёҳуи мардум шунида мешавад. Салим ва Хӯҷаёр ба лаби суфа мешинанд.

Мардум ошро хӯрда тамом карданд. Ҳозир рақсу бозӣ сар мешавад.

Ҷавонон, колхозчиёни марду зан меоянд. Доиразанӣ, ашӯлахонӣ, рақсу бозӣ сар мешавад. Баъд садои суми асп шунида мешавад. Маҳкам дар дасташ таёқи чӯпонӣ, дар ҳаяҷон меояд.

Маҳкам. Ака Салим!

Салим. Ҳа, ҳа! Чӣ гап. Маҳкам?

Маҳкам. Рамаро дузд бурд!

Салим. Дузд? Қадом дузд?

Маҳкам. Э вое, гӯё ки ту ҳамаи дуздонро мешинохта бошӣ, ака Салим. Як тӯда дуздони милтиқдор аз кадом гӯре пайдо шуда, рамаи гӯсфандони моро ба даруни кӯҳ ҳай карда бурданд.

Салим. Қай?

Маҳкам. Офтоб нав дар ақиби кӯҳ пинҳон шуда буд.

Хӯҷаёр. Милтиқдор буданд мегӯӣ?

Маҳкам. Ҳа, шофҳошон ҳам буд.

Э р н а з а р. Чанд кас буданд?

М а ҳ к а м. Даҳ-дувоздаҳ кас.

С а л и м. Ягонтаашонро нашинохтӣ?

М а ҳ к а м. Не. Яктааш аз қафои ман сур кард...

Х ӯ ҷ а ё р *(дар ҳайрат)*. Дуздони милтиқдор! Аз куҷо пайдо шудаанд онҳо?

С а л и м. Ҷавонон, зуд аспҳотонро зин кунед. Эрназар! Ту ба район меравӣ, ба милиция хабар медиҳӣ...

Хоркаш, саросема давида меояд.

Х о р к а ш. Мардум! Гурезед! Раҳимбек ба болои қишлоқ омада истодааст! Гурезед!..

О в о з ҳ о. Чӣ?.. Раҳимбек?.. Босмачиҳо?.. Аз куҷо?..

Х ӯ ҷ а ё р. Хоркаш, ту Раҳимбекро хоб дидӣ магар? Мо вайро панҷ сол пеш аз хоки худамон зада пеш карда будем.

Х о р к а ш. Вай ҳамин рӯз ё дина ба ин тараф гузаштааст.

Талотӯп, як қисми одамон рӯ ба гурез мениҳанд.

С а л и м. Хомӯш! Ором! *(Оромӣ)*. Ҳамаатон чизҳои даркориатонро гирифта ба кӯҳ баромада равед!..

Х ӯ ҷ а ё р. Салим! Нодуруст ин фармони ту! Ман муқобил!

С а л и м *(ба халқ)*. Дар қишлоқ аз озуқа, ему хошок ҳеҷ чиз намонад! Сафар, Эрназар, Бобохол, шумоён дар ҳамон ҷо монед. Эрназар, давида рафта асп, асбобу анҷомҳоро биёр!

Э р н а з а р. Хуб. *(Меравад)*.

Халқ пароканда мешавад. Бо ҳамроҳии Салим Хӯҷаёр, Хоркаш, Сафар ва Бобохол мемонанд.

С а л и м. Қанӣ, гап зан, Хоркаш. Чӣ воқеа?

Х о р к а ш. Дар масҷид маслиҳат шуд. Ҳамаашон забон як карданд.

С а л и м. Киҳо?

Х о р к а ш. Оқьюз эшон, Тӯрақул, Мирзосаъдулло.

С а л и м. Мирзосаъдулло?

Х о р к а ш. Ҳа, дарвеши имрӯз дар қишлоқ пайдо

шудагӣ Мирзосаъдулло будааст, вай аз он тараф бо ҳамроҳии Раҳимбек гузашта омадааст.

С а л и м. Онҳо ҳозир дар масҷиданд?

Х о р к а ш. Ҳа. Дар масҷид.

Б о б о х о л. Писарам, беандешагӣ карда, боз ба сари ҷавонат балое наоварӣ!

С а л и м. Осуда бош, Бобохол. Ман бори якӯм нест. ки бо ин каллабурҳо кордор мешавам.

Б о б о х о л. Аз бало ҳазар гуфтаанд. Эҳтиёт шарт аст, писарам.

С а л и м. Бачаҳо, рафтем ба масҷид.

Рафтанӣ мешаванд, лекин Тӯрақул, Мирзосаъдулло ва тарафдорони онҳо омада мемонанд. Онҳо зоҳиран ором ва осудаанд, гӯё ҳеҷ гап нагузаштааст.

О м а д а г о н. Ассалому алайкум!

С а л и м. Ваалайкум ассалом.

Т ӯ р а қ у л. Ин чӣ шӯру ғавғо, Салим? Ягон гап шуд-мӣ?

С а л и м. Ту бояд нағзтар донӣ.

Т ӯ р а қ у л. Ман? Во аҷабо! Ин чӣ гуфтагет, Салим? Мо навакак намози асрро хонда омада истодаем...

С а л и м. Ман шунидам, ки шумоён имрӯз дуоҳои намозро ба забони тоҷикӣ хондаед. Чиҳо гуфта намоз хондед?.. Баъд мегӯянд, ки имрӯз баъзе намозхонҳои нав пайдо шудаанд. *(Ба Мирзосаъдулло нигоҳ мекунад)*. Ин дарвеш кист?

Т ӯ р а қ у л. Ин-мӣ? Ин як дарвеши роҳгузар будааст. Аз Кӯлоб омада истодаам мегӯяд.

С а л и м. Дарвеш ба ман шинос барин менамояд.

Т ӯ р а қ у л. Эҳтимол пештар дар ягон ҷо дида бошӣ.

С а ф а р *(кулоҳи Мирзосаъдуллоро аз сараш гирифта партофта)*. Рӯбоҳ! Қиро фиреб додан мехостӣ?

Б о б о х о л. Э вой, ин Мирзосаъдулло-ку!

С а л и м. Муттаҳамҳо! Қаждумҳои таги бӯрьё! Шумоён боз сар бардоштед?.. Боз ба ҳукумати шӯро неш заданӣ ҳастед?.. Мо сарҳои шумо морони газандаро лағадкӯб мекунем! Гап зан, Хӯҷаёр, ту ҳукумати қишлоқ ҳастӣ.

Хӯҷаёр *(ба Тӯрақул ва шариконаш)*. Ман кӣ ҳастам, раиси ҷамоа, шумоёнро ба ҳабс мегирам.

Тӯрақул. А? Ҳоло гап ҳамин-мӣ?

Салим. Ҳамин!

Тӯрақул. Озмой! Бинам канӣ, кӣ моро ба ҳабс мегирифтааст. Дар кадом қонуни шӯро ҳаст, ки одамро барои намоз хонданаш ҳабс кунанд? *(Ба одамони худаш)*. Занед, натарсед!

Занозанӣ, афту дарафт. Эрназар пайдо мешавад, дар дасташ таппонча, милтиқ ва шамшерҳо.

Эрназар *(ба ақибаш нигоҳ карда фарьёд зада)* Зудтар, бачаҳо! Занед ин душманҳоро!

Худаш милтиқро шақаррос мезанонад. Тӯрақул ва тарафдоронаш мегурезанд.

Салим. Киҳоро чеғ задӣ?

Эрназар. Ҳеҷ кас набуд, ака Салим. Ҳамин таврон муттаҳамҳоро тарсондам.

Салим *(асбобу аслиҳаро гирифта истода)*. Рафиқон, мо дар ин ҷо як дақиқа ҳам истода наметавонем. Фавран ба тарафи кӯҳ меравем.

Хӯҷаёр. Ба кӯҳ?.. Ман намеравам. Майлаш маро кушанд, ман қишлоқи худам, халқи худамро партофта намеравам. Кӯдакони мо, занҳои мо дар ин ҷо...

Салим. Хӯҷаёр!

Хӯҷаёр. Не, ба ҳеҷ ҷо намеравам.

Салим. Мо, охир, беяроқ ҳастем, дидаву дониста худро ба дасти ҷаллодони Раҳимбек супурда наметавонем.

Хӯҷаёр. Яроқ набошад, бо дандон меҷангем.

Салим. Бас! Сафсата гуфтан лозим нест. Ҳамамон ба кӯҳ баромада меравем.

Аз қафои саҳна тапар-тапари аспҳо шунида мешавад.

Сафар. Босмачиҳо!

Салим. Бобохол, ту дар қишлоқ мемонӣ. Дигарҳо бо ман. Канӣ, рафтем. Хоркаш! Чаро намехезӣ?

Хоркаш. Ман ба ҳеҷ ҷо намеравам, то даме-ки духтарамро наёбам.

С а л и м. Хоркаш! Ҳоло вақти ин гапҳо нест. Рафтем! Сафар, Эрназар, ба мӯйсафед ёрӣ диҳед!

Э р н а з а р. Рафтем, бобо!

Х о р к а ш. Монед маро! Ман намеравам...

Вайро бо зӯрӣ гирифта мебаранд.

П а р д а.

## НАМОИШИ ЧАҲОРӮМ

Дар байни кӯҳҳо. Маҳтобшаб. Салим, Хӯҷаёр, Сафар, Эрназар, Хоркаш.

Хоркаш дар ҷои дуртар дар болои санге нишастааст. Сафар дар даруитари саҳна, дар як баландӣ истода дидбонӣ мекунад.

Х ӯ ҷ а ё р. Мо дар ин соати хавфнок ҳамқишлоқиҳои худро ба босмачӣ партофта омадем, инро фирқа* ба мо ҳеҷ афв намекунад...

Э р н а з а р. Ака Хӯҷаёр, охир мо яроқ надоштем...

Х ӯ ҷ а ё р. Яроқ набошад, таёқ буд, досу табар буд.

Э р н а з а р. Охир барои досу табар гирифта баромадан ҳам фурсат намонд-ку.

С а л и м. Беҳуда мурдан кори осон аст, вай мардонагӣ ҳисоб намешавад. Сафар! Ба чаҳор тараф нигоҳ кун! Ягон харгӯш ҳам, агар аз хонааш сар барорад, ту бояд бинӣ!

С а ф а р. Хуб.

Х ӯ ҷ а ё р *(Ба Салим)*. Хӯш, чӣ кор мекунем?

С а л и м. Ба сари ман як фикр омада истодааст.

Х ӯ ҷ а ё р. Хӯш?

С а л и м. Бобо Хоркаш, чаро ғамгинӣ? Наздиктар биё, мана дар ин ҷо шин. *(Хоркаш хоҳам-нохоҳам ба Салим наздиктар рафта мешинад)*. Дар қишлоқҳои атроф отрядчиёни пештараи ман бисьёранд. Ва ҳам бисьёр деҳқонон ҳастанд, ки ба муқобили Раҳимбек мубориза кардан мехоҳанд...

Х ӯ ҷ а ё р. Хайр, чӣ?

С а л и м. Мо агар хоҳем, худи ҳамин шаб чиҳилпанҷоҳ касро ҷамъ карда метавонем.

---

* партия.

Э р н а з а р. Ёдат ба хайр, ака Салим.

Х о р к а ш. Салим, ту ин хаёлҳоро аз сарат барор, бало аз қафои ту сур карда гаштааст...

С а л и м. Хотиратро ҷамъ дор, бобо Хоркаш, бало маро кофта намеёбад, агар ёбад ҳам, мо ана бо санги ин кӯҳҳо дандони вайро зада мешиканем.

Э р н а з а р. Мешиканем, ака Салим, қабурғаҳояшро ҳам мешиканем.

С а л и м. Оҳиста, Эрназар, мағал накун.

С а ф а р. Кист вай? Ист! Мепарронам!

Овоз аз ақиби саҳна: «Ман, ман, Маҳкам».

С а ф а р. Маҳкам?

Салим, Хӯҷаёр ва Эрназар ба тарафе, ки овоз шунида шуд, мераванд, баъд аз андак фурсат бо Маҳкам меоянд.

Х о р к а ш. Маҳкам?! Чӣ хел омадӣ ба ин ҷо, бачем?

М а ҳ к а м. Гурехта омадам. Шаби дароз шумоёнро кофтам.

С а л и м. Дар қишлоқ чӣ гап?

М а ҳ к а м. Босмачиҳо падарам ва хоҳарамро дастгир карданд... Ба хонаи мо алов сар доданд. *(Ба Салим).* Хонаи шумо ва хонаи ака Сафарро ҳам тала карданд, алов сар доданд.

Х ӯ ҷ а ё р. Худи Раҳимбек ҳам дар қишлоқ аст?

М а ҳ к а м. Намедонам.

Э р н а з а р. Боз киҳоро дастгир карданд?

М а ҳ к а м. Бисьёр касҳоро дастгир карданд. Бисьёр касҳо гурехта рафтанд.

С а ф а р. Рафиқон, нигоҳ кунед, қишлоқҳо сӯхта истодааст.

Ҳама нигоҳ мекунанд.

Мана ба ин тараф биёед, аз ин ҷо нағз дида мешавад.

Ғайр аз Хоркаш ҳама мераванд.

Х о р к а ш (*ғамгин*). Се ҳазор сӯм... аспи кабуд... Пурсам ё напурсам... Наход ки гапи Саъдулло рост бошад?! Фарзанди азизи ман, нури чашми ман асири де-

ви сиёҳ!.. Оҳуи ман дар чанголи паланг!.. *(Худро ба замин партофта гирья мекунад).*

Салим, Хӯҷаёр, Эрназар ва Маҳкам бармегарданд.

С а л и м *(даромада истода, ҷӯшида гап мезанад).* Дуруст, Хӯҷаёр, лекин қӯшуни сурх босмачиро дар майдони ҷанг торумор мекунад. Аммо ту магар Тӯрақулҳо, Мирзосаъдуллоҳоро фаромӯш мекунӣ? Босмачиҳои «хонагӣ»-ро фаромӯш мекунӣ? Ҳоло онҳо дар ҳама ҷо ба тарафдории Раҳимбек сар бардошта истодаанд. Ба муқобили онҳо кӣ бояд мубориза кунад? Мо, отрядҳои ихтиёрии мо.

Х ӯ ҷ а ё р. Мо на бо район ва на бо сарҳадчиён алоқа карда натавонистем. Аввал таги гапро нафаҳмида, мо чӣ хел ба ин гуна кори ҷиддӣ сар мекунем? Балки инҳо як дастаи дуздон бошанду пагоҳ-бегоҳ ба ҷои омадагиашон гашта раванд...

С а л и м. Сафар! Ту он сӯтар рафта роҳро дидбонӣ кун. Ба ҷои ту Маҳкам меистад.

С а ф а р. Хуб шудааст. *(Меравад).*

С а л и м. Рав, Маҳкам, дар ҷои Сафар дидбон шуда ист.

М а ҳ к а м. Хуб, ака Салим. *(Рафта меистад).*

С а л и м *(ба Хӯҷаёр).* Гарчанде ту раиси ҷамоа бошӣ ҳам, мисли кӯдак муҳокима мекунӣ. Ту фикр мекунӣ, ки Раҳимбек фақат бо мақсади дуздӣ ба ин тараф омадааст? Вай чаҳор сол боз дар он тараф қувва ҷамъ мекард, то ки баъд ба ин тараф гузараду аз халқи мо аламҳои худаш ва қасоси Олимхонро гирад. Алангаи оташро дидӣ? Қишлоқи колхозии мо сӯхта истодааст. «Дастаи дуздон» не, душмани хонумонсӯз, душмани халқи озод ҳуруҷ кардааст. Чашматро кушо. Хӯҷаёр, ин ҷо гап дар бораи муборизаи калони халқӣ меравад.

Х о р к а ш. Салим!

С а л и м. Ҳа, бобо Хоркаш?

Х о р к а ш. Духтари ман куҷост? Ёфта деҳ ӯро ба ман!

С а л и м. Бечора падар... Дилатро маҳкам дор, бобо Хоркаш. Ман умедворам, ки вай ёфт мешавад.

Х о р к а ш. Ёфт мешавад?

С а л и м. Бояд ёфт шавад, идораҳои давлатӣ ҳам дар ҷустуҷӯи ваянд.

Х о р к а ш. Ман хаёл карда будам, ки ту дар куҷо будани ӯро медонӣ.

С а л и м. Ман? Аз куҷо?

Х о р к а ш. Намедонӣ?

С а л и м. Кошки медонистам!

Х о р к а ш. Вай дар дасти Раҳимбек аст.

С а л и м. Чӣ? Дар дасти Раҳимбек? Хурмо?

Х о р к а ш. Ҳа, магар ту хабар надорӣ?

С а л и м. Ман?.. Во аҷабо!.. Ту чиҳо гуфта истодай, бобо Хоркаш?.. Вай чӣ навъ ба дасти Раҳимбек ғалтидааст?

Х о р к а ш. Салим, росташро гӯй, ту хабар надорӣ?

С а л и м. Ту аз ман бадгумонӣ?

Х о р к а ш. Ту коммунисти ҳақиқӣ ҳастӣ?

С а л и м. Ин чӣ хел савол, бобо Хоркаш? Ту маро соли якум нест, ки мешиносӣ...

Х о р к а ш. Не, не, ту ба саволи ман ҷавоб деҳ: коммунисти ҳақиқӣ ҳастӣ ё не?

С а л и м. Ман ҳамеша кӯшиш кардам ва кӯшиш мекунам, ки коммунисти ҳақиқӣ бошам. Чӣ буд?

Х о р к а ш. Дили ту пок аст?

С а л и м. Тавба!.. Ту чӣ гуфтан мехоҳӣ?

Х о р к а ш. Ту аспи кабудро ба кадом пул харидӣ?

С а л и м. Аспи кабуд?.. Бобо Хоркаш, туро кадом як иғвогар ба васваса андохтагӣ барин менамояд. Суханро кашол накун, тезтар гӯй, гап чист? Ту чӣ тавр аз Хурмо дарак ёфтӣ?

Х о р к а ш. Дараки вайро Мирзосаъдулло овард... Духтарамро Одина дуздидааст, бурда ба Раҳимбек пешкаш кардааст...

С а л и м. Эй беномус! Бечора Хурмо... Ман қасоси туро мегирам, Хурмо. Ман туро меёбам...

Сафар пайдо мешавад.

С а ф а р. Салим! (*Бо имои вай Салим ба пеши ӯ меравад*). Оқьюз эшонро даст гирифтам, худро босмачӣ карда нишон додам.

Салим *(ба ҷояш баргашта)*. Хоркаш, хез, ана дар он тараф пинҳон шуда шин, ки Оқьюз эшон омадааст.

Хоркаш мебарояд.

Сафар *(даромада истода ба ақибаш)*. Қанӣ, омадан гиред, тақсир, ғозиҳо дар ҳамин ҷо.

Оқьюз эшон ва Мирзоқаландар медароянд.

Оқьюз ва Мирзоқаландар. Ассалому алайкум.

Салим. Ваалайкум ассалом.

Сафар *(ба Салим)*. Ҷаноби юзбошӣ, пирам Оқьюз эшон қароргоҳи бекро мепурсанд.

Салим. Қанӣ, пирам, марҳамат, Эрназар, ҷомаатро кашида ба таги пирам андоз. Марҳамат кунанд. Ба таги ҳазратам ягон кӯрпача ҳам андохта наметавонем.

Оқьюз. Майлаш, майлаш, зарар надорад.

Салим. То вакте ки большевик дар сари кор аст, насиби лашкари ислом ҳамин-дия: хоки сиёҳ бистар, сангҳои кӯҳ болишт. Лекин ками мою карами шумо, тақсир.

Оқьюз ва Мирзоқаландар мешинанд. Хӯҷаёр ва Эрназар бо имои Салим омада бо Оқьюз ва Мирзоқаландар вохӯрдӣ мекунанд.

Салим. Сафар, ту боз ба ҷои худат бирав.

Сафар гашта меравад.

Оқьюз *(даст ба фотеҳа кушода)*. Илоҳо омин, дасти лашкари исломро бар ҷамии душманҳо боло бинмоӣ, ба мири ғозӣ амиралмӯъминин Абдураҳимбек умри дароз бахшоӣ ва шамшерашро бурро ва фатҳу нусратро бар вай ёр гардон, омин оллоҳу акбар. Қанӣ, ҷаноби юзбошӣ, хуш омадетон пас аз интизориҳои зиёд. Мамлакат пешкаш, молу ҷон садақа.

Салим. Қуллуқ, тақсир.

Оқьюз. Ҷаноби мири ғозӣ сиҳат ва саломатанд?

Салим. Шукр, алҳамдуллоҳ. Пирам аз куҷо омада истодаанд?

О қ ь ю з. Аз Ҷӯйбор. Мо дар он ҷо ба мири ғозӣ мунтазир шудем, аммо он кас наомаданд. Аз саркардаҳои бек Одина тӯқсабо, шумо бояд вайро шиносед, ба Ҷӯйбор омада буд, ба мо гуфт, ки «лашкарбошӣ дар Найза-Булоқанд, ба ҳамон ҷо раветон». Ба Найза-Булоқ рафта фаҳмем, он кас ба Ҷӯйбор баромада рафтаанд.

М и р з о қ а л а н д а р. Эшонам барои муридҳои худро дидан гоҳ-гоҳ ба ҳар гӯшаю канори мамлакат сафар карда меистанд. Дар қишлоқҳои ин вилоят ҳам муридони ҳазратам бисьёранд.

С а л и м. Бисьёр хуб... Пирам, шумо Салим-партизанро мешиносед?

О қ ь ю з. Салим партизан? Бале, агарчи худашро надида бошам ҳам, лекин шунидаам. Вай душмани қаттоли мири ғозӣ-ку.

С а л и м. Бале, душмани хунин... Пирам ба Ҷӯйбор рафта будам мегӯед, дар бораи Салим ҳеҷ хабаре нашунидед? Одина тӯқсабо вайро дастгир карда бошад ё не?

М и р з о қ а л а н д а р. Натавонист. Лаънатии кофир чаққонӣ карда гурехта рафт.

О қ ь ю з. Дар Ҷӯйбор тарафдорони ҷаноби бек кӯшиш карданд, ки Салим ва шариконии вайро дастгир кунанд, лекин нашуд, андак дер монданд. Иншооллоҳ, вай гурехта ба ҳеҷ ҷо намеравад, ба дасти бек меғалтад.

С а л и м. Агар Салим гурехта бошад, бояд дар байни ҳамин кӯҳҳо будагист: пирам шабона сафар кардаед, боз ба дасти вай нағалтед.

О қ ь ю з. Ҳай, ҳай, нафаси бад накунед, ҷаноби юзбошӣ, аузубиллоҳи минаш-шайтон-ар-раҷим, худо нигоҳ дорад.

Э р н а з а р. Чаро ин қадар метарсед, пирам? Охир Салим дев нест-ку.

О қ ь ю з. Афти он кофирро шайтон шӯяд.

М и р з о қ а л а н д а р. Қас аз шунидани номаш меларзаду худо накарда ба дасти вай ғалтем, ҳоли мо чӣ мешавад?

С а л и м. Пирам акнун ба бек мадад мекардагианд, албатта?

О қ ь ю з. Ҳо, албатта, албатта. Мо ба мусулмонон фатвои ғазот медиҳем. Ба муридони худ мефармоем, ки ҳамаашон ба пеши бек омада сарбозҳои он кас шаванд...

С а л и м *(ба худ андешае карда).* Ин фикратон бисьёр хуб аст, пирам. Айни муддао. Ҳазратам, ҷаноби бекро пеш аз ин дида будед ё не?

О қ ь ю з. Ҳазор афсӯс, ки дидорашон ҳеҷ муяссар нашуд, ман ба бек ғоибона ихлос бастаам...

С а л и м *(маънинок).* Бисьёр хуб. Аз саркардаҳо касеро намешиносед?

О қ ь ю з. Номҳошонро шунидаем, лекин афсӯс, ки шиносоии шахсӣ насиб нашуда будааст.

С а л и м. Бисьёр хуб, шумо, пирам, лекин ба мо як гапи дурӯғ задед...

О қ ь ю з. Лабай? Дурӯғ...

С а л и м. Шумо гуфтед, ки ягон бор ҳам Салимро надидаед.

О қ ь ю з. Рост, надидаам.

С а л и м. Шумо вайро дида истодаед. Салим ман ҳастам.

О қ ь ю з. Яъне... Э... э... ман э... э.

С а л и м. Натарсед, тақсир, Салим одамҳои беяроқро намекушад. Вақташ расад, шумоён дар пеши суди меҳнаткашон ҷавоб медиҳед. Ҳозир шумоён ба ман ҷомаю саллаҳотонро диҳед, бас аст. Ҷомаҳотонро кашед!

Оқьюз ва Мирзоқаландар ҳаросону ларзон ҷомаҳошонро кашида ва саллаҳошонро аз сар мегиранд.

С а л и м *(ба Эрназар).* Инҳоро ба он сӯ бурда дасту поҳошонро баста монед. Баъд Хоркашро чеғ зан. Сафар ҳам биёяд.

Э р н а з а р *(ба Оқьюз).* Роҳ гардед!

Онҳоро пешандоз карда мебарад.

Х ӯ ҷ а ё р. Ин чӣ кори кардагет, Салим?

С а л и м. Сабр кун, ҳозир мегӯям.

Ҷомаю саллаи Оқьюз ва Мирзоқаландарро ба танаш пӯшида мебинад.

Чӣ тавр, Хӯҷаёр? Мезебад-мӣ?

Хӯҷаёр *(қаҳролуд ва киноямез)*. Дуруст. Хуб коре ёфтӣ. Модом ки худамонро босмачӣ нишон додем, акнун роҳзанӣ, ғоратгарӣ кунем ҳам, мешавад.

Эрназар ва Хоркаш меоянд, Сафар ҳам меояд.

Хӯҷаёр. Гап зан охир, Салим, саллаву ҷомаи онҳо ба ту чӣ лозим шуд?

Салим. Ман мехоҳам, ки аз ту эшон созам. Худи ман муриди ту мешавам.

Хӯҷаёр. Баъд?

Салим. Баъд мо ба пеши Раҳимбек меравем.

Сафар. Боз ин чӣ гапи тоза?

Салим. Бале, мо дар он ҷо «муридҳои» худро ҷамъ мекунем.

Сафар. Кадом муридҳоро?

Салим *(ҷиддӣ)*. Отрядчиёни пештараро, партизанҳоро. (*Ба Хӯҷаёр*). Ана баъд отряд ҳам тайёр мешаваду мемонад, бародар. Фаҳмидӣ?

Хӯҷаёр *(хандида)*. Фаҳмидам, рост мегӯӣ, Салим ба худо, ки ту бисьёр фикри хуб кардаӣ.

Сафар. Чӣ хел фикри хуб? Ба фикрам, ин беэҳтиётӣ мешавад.

Хӯҷаёр. Не, не, ин бисьёр фикри пухта аст. Ҳеч набошад, сирҳои Раҳимбекро фаҳмида мегирем-ку.

Хоркаш. Салим, эшон ман мешавам.

Салим. Ту? Гуфтагӣ барин, бобо Хоркаш, гапи мову ту нотамом монд. Ту коммунисти ҳақиқӣ будани маро таҳқиқ кардӣ, мақсадат чӣ буд?

Хоркаш. Мақсади ман... Не, бешакку шубҳа, ту хабар надорӣ... Ту бегуноҳӣ, Салим... Лаънат ба авомию соддагии ман. Сад лаънат ба он касе ки ин дурӯғро бофта бароварду туро ва маро ба ту душман карданӣ шуд...

Салим. Хӯш!.. Он кас кӣ будааст?

Хоркаш. Тӯрақул, Мирзосаъдулло. Онҳо дар масҷид гуфтанд, ки ту гӯё аз Қали Одина чанд ҳазор сӯм гирифта, Хурморо ба вай дуздондаӣ. Иблисҳо! Мани нодон қариб буд, ки ба иғво бовар кунам... Аз гуноҳам гузар. Ту одами покдилӣ, Салим, коммунисти

ҳақиқӣ ҳастӣ. Шукр ба худо, ки ин боварӣ боз дар дили ман барқарор шуд.

Салим. Оҳ, Хурмо, Хурмо!.. Чӣ кулфатҳо овар-данд ба сари ту ин душманҳо!..

Хоркаш. Ту мехоҳӣ дар либоси эшонӣ ба пеши Раҳимбек равӣ? Салим, биллои азим, ту аз ман хубтар эшон ёфта наметавонӣ.

Хӯҷаёр. Ту «эшон» мешавӣ?

Хоркаш. Ман дар умрам ба даҳ эшон мурид шудаам, қиликҳои онҳоро хуб медонам.

Хӯҷаёр. Ман ҳам аз ту камтар намедонам.

Хоркаш. Синну сол ва риши сиёҳи ту ба эшонӣ мувофиқ намеояд.

Хӯҷаёр. Ту одами авом-бесавод ҳастӣ, ин кор аз дасти ту намеояд.

Хоркаш. Хотирҷамъ бош, чунон эшон шавам, ки худи Оқьюз омада ба ман мурид шавад.

Хӯҷаёр *(саллаю ҷомаи Оқьюзро гирифта)*. Не, ба ту ин кор муносиб нест, ту бояд дар ин ҷо монӣ.

Хоркаш *(ба саллаю ҷома даст андохта)*. Деҳ ба ман, Хӯҷаёр, ман бояд рафта духтарамро бинам.

Хӯҷаёр хомӯшона аз саллаю ҷома даст мекашад. Хоркаш онҳоро ба пӯшидану бастан сар мекунад.

Салим. Хуб майлаш, Хоркаш равад. Сафар, Маҳкам, шумо пинҳонӣ ба қишлоқҳои атроф меравед, одамҳои моро бо номи муридҳои эшон ба Чӯйбор ҷамъ карда меоваред. Агар онҳоро ба қишлоқ даровардан мумкин нашавад, ба ҳамин ҷо сар карда меоваред. Фаҳмидед?

Сафар ва Маҳкам. Фаҳмидем.

Салим. Равон шавед!

Сафар ва Маҳкам хайру хуш карда баромада меравaнд.

Эрназар, ту ҳар навъ карда худро ба район мерасонӣ. Аҳволро хабар медиҳӣ. Агар аскар бароянд, ба ин тараф сар карда меоварӣ.

Эрназар. Хуб.

Салим. Ҳаракат кун, ки то саҳар расида биёӣ.

Эрназар. Хуб.

Салим. Аз ту, Хӯҷаёр, хоҳиш мекунам, ки дар ҳа-

мин ҷо мон. Эшонҳоро нигоҳ дор, ки пеш аз вақт нагурезанд. Рафти корамонро ман ба ту хабар медиҳам.

Х ӯ ҷ а ё р *(ба Салим даст дода)*. Хуб, гуфтаи ту шавад.

С а л и м *(ба Эрназар даст дода)*. Тезтар ба роҳ даро. Хайр.

Салим ва Хоркаш хайру хуш карда баромада меравconfigured. Хӯҷаёр ва Эрназар онҳоро гусел карда гашта меоянд. Пас аз андак фурсат садои суми аспҳои раванда баланд шуда, кам-кам хомӯш мешавад.

Э р н а з а р. Хӯш, набошад ман ҳам ба роҳ медароям. *(Ба Хӯҷаёр даст дароз мекунад)*. Хайр, раис.

Х ӯ ҷ а ё р. Андак ист.

Э р н а з а р. Барои чӣ? Ака Салим «тезтар ба роҳ даро» гуфта фармон дод.

Х ӯ ҷ а ё р. Сабр кун... Дар бораи эшонҳо ягон маслиҳат кардан лозим.

Э р н а з а р. Чӣ хел маслиҳат? Онҳоро то пагоҳ нигоҳ медорӣ, баъд сар медиҳӣ-дия. Хайр, ака Хӯҷаёр, ман рафтам. *(Равон мешавад)*.

Х ӯ ҷ а ё р. Ист!

Э р н а з а р. Чӣ гап, ака Хӯҷаёр?

Хӯҷаёр ба Эрназар дармеафтад. Мубориза дар лаби ҷарӣ. Хӯҷаёр Эрназарро ба ҷарӣ тела дода мефиристонад. Баъд Оқьюз ва Мирзоқаландарро меоварад.

Х ӯ ҷ а ё р *(ба онҳо ҷомаҳои Салим ва Хоркашро нишон дода)*. Инҳоро пӯшед, тез ба Ҷӯйбор равона шавед, Салим ба ҳамон ҷо рафт.

П а р д а.

## ПАРДАИ СЕЙӮМ

### НАМОИШИ ПАНҶӮМ

Ҷои намоиши сейӯм. Дар тарафи чап хаймаи (чодири) Раҳимбек зада шудааст. Дар саҳна Раҳимбек, аз вай дуртар Ҷалил. Одина ва Тӯрақул, чанд нафар колхозчиён ва колхозчизанони даст бар пуштбастаро ҳай карда меоваранд. Мирзосаъдулло ҳам меояд.

О д и н а *(бандиҳоро бо қамчин зада)*. Сари зону шинед, сагҳо! *(Онҳоро бо ҳамроҳии Тӯрақул саризону*

*мешинонад)*. Ҷаноби лашкарбошӣ, мана ин нобакорон гурехта истода будаанд, дошта овардем.

Тӯрақул. Инҳо албатта ба пеши Салим рафтанӣ буданд, онҳо дар куҷо будани вайро медонанд. Мана инаш муаллимаи қишлоқ аст, ҷаноби бек.

Раҳимбек *(ба сари бандиҳо рафта, ба зани ҷавоне, ки муаллима гуфта шиносонда шуд)*. Қиҳоро мехонондӣ?

Муаллима. Одамҳоро.

Раҳимбек. Чӣ таълим медодӣ ба онҳо? *(Хомӯшӣ)*. Ҷавоб деҳ, ғарбача, чӣ таълим медодӣ ба мардум?

Муаллима. Озодиро таълим медодам, бар зидди ту барин хунхорон мубориза карданро ёд медодам.

Одина *(ӯро бо лағад ва бо қамчин зада)*. Мегаҷин, ту боз забондарозӣ ҳам мекунӣ.

Раҳимбек. Гӯш кун, манҷалақӣ, агар дар куҷо будани Салимро гӯй, ман аз хуни ту мегузарам...

Муаллима. Салим—аҷали туст. Ҳар вақт ки аҷалат расид, ту ӯро меёбӣ!

Раҳимбек. Баред инро! Дар бозоргоҳ аз мӯяш овезед!

Одина. Ҷаноби бек, пеш аз ба дор овехтан инро ягон соат ба ихтиёри ман диҳед.

Раҳимбек. Ихтиёраш ба дасти туст, ҳар чӣ хоҳӣ, кардан гир.

Одина. Қуллуқ, бек. *(Ба муаллима)*. Хез, мегаҷин!

Вайро мебарад.

Раҳимбек *(ба бандиҳои мондагӣ)*. Дар куҷо будани Салимро мегӯед ё не, сагҳо?.. *(Хомӯшӣ)*. Ман аз шумо пурсида истодаам, малъунҳо!

Як бандӣ. Мо намедонем, ба ту чӣ гӯем?

Бандии дигар. Ҳар чӣ аз дастат биёяд, кун, хунхор, ҷаллод! Мо аз ту наметарсем...

Раҳимбек. *(Ба Тӯрақул)*. Забони ин пирсагро буред, худашро аз пояш ба дарахт овезед! Дигарҳошонро ба бинои мактаб ҳабс карда, мактабро оташ занед.

Т ӯ р а қ у л. Хуб шудааст, ҷаноби бек. Хезед, пойлучҳои молимардумхӯр! *(Ба Раҳимбек)*. Обу замини маро ана ҳаминҳо кашида гирифтанд! Вақти қасосгирии ман омад, ба хуни инҳо ташнагиамро мешиканам.

Бандиҳоро пешандоз карда мебарад. Соҳиб ва Султонбек меоянд.

С о ҳ и б. Озуқа тамом шудааст, бек. Ба аспҳо ҳам ему хошок нест.

Р а ҳ и м б е к. Ҳавлиҳои қишлоқро кофтуков кунед!

С о ҳ и б. Кофтуков кардем, бек. Ҳар чӣ буд, рӯфта гирифтем.

Р а ҳ и м б е к. Халқро ба тоб гирифтан лозим, ки ёфта диҳад!

С о ҳ и б. Кадом халқро мегӯед, бек? Халқ ҳама гурехта рафтааст.

Р а ҳ и м б е к. Одина, Тӯрақул ва ана ин Мирзосаъдуллоро ба қишлоқҳои атроф фиристонед. Дар куҷо озуқа ва ему хошок ҳаст, бояд инҳо донанд.

М и р з о с а ъ д у л л о. Ҷаноби бек, рухсат диҳед арз кунам, ки...

Р а ҳ и м б е к *(оташин)*. Арзатонро баъд мекунед! Салимро дошта натавонистед, боз чӣ арз? Равед! Агар озуқа, ему хошок ёфта ҳамин рӯз ба ман нарасонед, саратонро мегирам! *(Ба дигарҳо нашунавонда, ба Соҳиб)*. Ба инҳо як даста йигит ҳамроҳ кунед. Тарафи рафти моро гӯед, аз қафои мо расида раванд. Баъд аз як соат мо аз ин ҷо ҳаракат мекунем.

С о ҳ и б. Хуб шудааст.

Соҳиб ва Мирзосаъдулло мераванд.

С у л т о н б е к. Ҷаноби бек, ман як гапи аҷиб шунидам.

Р а ҳ и м б е к. Чӣ гап?

С у л т о н б е к. Мегӯянд, ки Хурмо дар куҷо будани Салим ва падарашро медонистааст.

Р а ҳ и м б е к. Шумо инро аз куҷо фаҳмидед?

С у л т о н б е к. Канизакатон Қаросоч гуфт. Вай аз гапҳои Хурмо ба ҳамин маънӣ пай бурдааст. Хурморо як оварда мепурсидед, нағз мешуд.

Р а ҳ и м б е к. Ҷалил!

Ҷ а л и л. Лаббай, ҷаноби лашкарбошӣ.

Р а ҳ и м б е к. Қаросочро гӯй, Хурморо ба пеши ман фиристонад.

Ҷ а л и л. Хуб шудааст. *(Меравад)*.

Р а ҳ и м б е к *(киноямез)*. Чӣ тавр канизаки ман бо шумо ҳамгапу ҳамроз шуда мондааст?

С у л т о н б е к. Акнун... аз худатон гап намемонад, бек... Аз гуноҳам гузаред. Ба Қаросочатон дили ман андак...

Р а ҳ и м б е к. Ҳазар кунед, Султонбек! Бо ман шӯхӣ кардан хатар дорад, ҷаҳлам биёяд, ман риши сафеди шуморо ҳурмат карда намешинам. Равед, Хурмо омада истодааст.

Султонбек меравад. Хурмо маъюсона ва ғамгин меояд, дар наздиктари хайма рост меистад.

Р а ҳ и м б е к. Наздиктар биё!

Раҳимбек вайро аз дасташ кашола карда оварда ба даруни хайма тела медиҳад.

Х у р м о. Чӣ кор доштед ба ман?

Р а ҳ и м б е к. Ман зани худамро бе ҳеҷ кор ҳам ба пешам ҷеғ зада метавонам.

Х у р м о. Ман ҳанӯз зани шумо нашудаам.

Р а ҳ и м б е к. Нашуда бошӣ, имшаб мешавӣ.

Х у р м о. Падарамро ёбед, розигии вайро гиред, баъд майлатон.

Р а ҳ и м б е к. Ҳо, ин гапат ба ман маъқул. Акнун ақлат даромада истодааст. Мана ҳамин хел мулоим шавӣ, вахшигӣ накунӣ, ман туро хафа намекунам. Ба хаёли ту, падарат ҳоло дар куҷо бошад?

Х у р м о. Ман аз куҷо донам?

Р а ҳ и м б е к. Дар ин наздикиҳо хешу табор надоред? Балки падарат ба хонаи ҳамунҳо рафта бошад?

Х у р м о. Намедонам.

Р а ҳ и м б е к. Гӯш кун, духтарак, ман шунидам, ки ту дар куҷо будани Салим ва падаратро медонистай.

Хурмо. Ман? Ба шумо кӣ гуфт?

Раҳимбек. Қаросоч гуфт.

Хурмо. Дурӯғ гуфтааст. Ман ба Қаросоч фақат ҳаминро гуфтам, ки агар ман пеш аз омадани бек дар қишлоқ мебудам, ба кучо рафтани Салим ва падарамро медонистам.

Раҳимбек *(бо ҷаҳл ӯро бо қамчин зада)*. Шайтони мода! Маккора! Ту боз мехоҳӣ маро фиреб диҳӣ?

Ҷалил *(омада)*. Ҷаноби лашкарбошӣ, хазрати Оқьюз эшон омадаанд.

Раҳимбек *(ба Хурмо)*. Хез, ба пеши Қаросоч рав! *(Хурмо меравад. Ба Ҷалил)*. Гӯй дароянд.

Ҷалил. Хуб шудааст.

Мебароянд ва бо ҳамроҳии Хоркаш ва Салим, ки ҷомаю саллаҳои Оқьюз ва муридашро пӯшидаанд, медароянд. Султонбек ҳам меояд.

Салим ва Хоркаш. Бисмиллоҳур-раҳмонар-раҳим, ассалому алайкум.

Раҳимбек. Ваалайкум ассалом. *(Вохӯрдӣ мекунад)*. Қанӣ, эшонам, марҳамат. Ҷалил, дастархон фармой.

Хоркаш «бисмиллоҳур-раҳмонар-раҳим»-гӯён ба хайма медарояд, мешинад, дигарон ҳам мешинанд.

Хоркаш. Илоҳо омин, дасти лашкари исломро бар ҷамии душманҳо боло бинмой, ба ноиби ҷаноби олӣ, лашкарбошӣ, тӯпчибошӣ, мири ғозӣ амиралмӯминин Абдураҳимбек умри дароз бахшой ва шамшери ғозиёни исломро бурро ва фатҳу нусратро ҳамеша ба онҳо ёр гардон, омин оллоҳу акбар. Сиҳат ва саломатед? Ҷаноби саид амир Олимхон сиҳат аз саломатанд?

Раҳимбек. Шукр, алҳамдуллоҳ, аз худатон пурсем.

Хоркаш. Қуллуқ. Хуш омадед пас аз интизориҳои зиёд ба мулки Бухорои шариф; мамлакат пешкаш, молу ҷон садақа.

Раҳимбек. Қуллуқ. Овозаи эшонам борҳо ба гӯши ман ҳам расида буд, ватанашон гӯё Ҳоит аст?

Хоркаш. Бале, Ҳоит, бек. Мо барои муридони худро дидан гоҳ-гоҳ ба ин вилоят сафар карда меис-

тем, дар ин тарафҳо ҳам муридони мо бисьёранд. Хабари хуруҷи шуморо рӯзона дар ҳамин қишлоқ шунида умедвор шудем, ки дар ҳамин ҷо ҷаноби шуморо пешвоз гирифта зиёрат мекунем, лекин маълум шуд, ки ҷаноби шумо ба Найза-Булоқ фуромада будаед, зуд хеста ба Найза-Булоқ рафтем, дар он ҷо ба мо гуфтанд, ки бек ба Ҷӯйбор рафтанд, мо боз ба ин ҷо шитофтем.

Р а ҳ и м б е к. Бисьёр заҳмат кашидед-дия.

Х о р к а ш. Ҳеҷ заҳмат надорад, ҷаноби бек. Зиёрати ҷаноби шумо савоби бузург аст, аз паи савоб гаштан ба кас роҳат меоварад, ки заҳмат намеоварад.

Р а ҳ и м б е к *(Салимро нишон дода)*. Ин кас писари шумо-мӣ?

Х о р к а ш. Ин кас мурид ва ҳамдами хоси ман анд, ба як ҳисоб писар-дия. Номашон Мирзоқаландар.

Р а ҳ и м б е к. Бисьёр хуб.

С а л и м. Ҳиҷрати ҷаноби бек дар мулки бегона бисьёр тӯл кашид.

Р а ҳ и м б е к. Ҳа, панҷ соли расо.

С у л т о н б е к. Ҳиҷрат мегӯед? Афсӯс ки ин он кадар ба ҳиҷрат монанд набуд.

С а л и м. Пас чӣ буд, ҷаноби қӯрбошӣ?. Мо то имрӯз «амиралмӯъминин ҳиҷрат кардагӣ» гуфта мегаштем ва чашмамон ба раҳашон чор буд...

Соҳиб меояд. Вохӯрдӣ мекунад.

С о ҳ и б. Ҷаноби бек, сарбозон ба сафар тайёранд.

Р а ҳ и м б е к. Бисьёр хуб. *(Ба Хоркаш)*. Мо ҳозир аз ин ҷо меравем; агар хоҳед, бо мо ҳамсафар шавед, бақияи сӯҳбатро дар ҷои дигар мекунем.

Хоркаш чӣ гуфтанашро надониста саросема шуда мемонад.

С а л и м. Ҷаноби бек, эшонам ба қишлоқҳо одам фиристода, муридҳошонро ба ин ҷо ҷеғ задагӣ...

Х о р к а ш. Ҳа, ҳа, воқеан дуруст, мо муридони худро ба ҳузури шумо хабар кардем, то ки омада ба мири ғозӣ арзи ихлос кунанду ба сафи сарбозони баҳодури бек дохил шуда ба ҷаҳод раванд. Онҳо биёянду

шуморо наёбанд, нағз намешавад. Илтимос мекунем, ки боз як-ду соат дар ҳамин ҷо таваққуф кунед, ҷаноби бек.

Раҳимбек фикр мекунад.

Султонбек. Тахмин чанд кас меояд?

Хоркаш. Бояд дусад-сесад кас биёяд.

Соҳиб. Ин қуввai калон аст, ҷаноби лашкарбошӣ.

Салим. Эшонам фармуданд, ки фақат муридони ҷавон ва боқувват биёянд, пирҳо набиёянд.

Раҳимбек. Ҷалил, рав, ба саркардаҳо хабар деҳ, ки ман боз ду соати дигар дар ин ҷо мемонам.

Ҷалил. Хуб шудааст. *(Меравад)*.

Султонбек. Ҷаноби бек, рухсат диҳед пурсам аз духтарак дар бораи Салим ягон маълумоте рӯид ё не?

Раҳимбек. Не.

Соҳиб. Тӯрақул мегӯяд, ки падари ин духтарак Хоркаш ном як деҳқони пир ба Салим хабари омадани моро расонда, вайро гурезондааст. Худаш ҳам бо ҳамроҳии вай гурехта рафтааст.

Хоркаш. Ҷаноби бек, вай кадом Салим?

Раҳимбек. Як душмани деринаи ман.

Султонбек *(ба Хоркаш)*. Вай аз ҳамин кишлоқ аст. Омад-омади бекро шунида гурехта рафтааст.

Салим. Он малъун гурехта ба ҳеҷ ҷо намеравад. Иншооллоҳ, вайро худи муридони эшонам дастгир мекунанд.

Хоркаш. Хотири муборак осуда бошад. Мурдан ё зистани як душман чӣ аҳамият дорад?

Раҳимбек. Агар донед, ин як душман ба ман аз сад душмани дигар хавфноктар аст.

Султонбек. Ба ақидаи ман, бек, шумо аз Салим қасоси худро аллакай гирифтед.

Раҳимбек. Мехоҳед гӯед, ки арӯси Салим дар дасти ман аст?

Султонбек. Бале, ҷаноби бек.

Раҳимбек. Ин барои ман кам аст.

Соҳиб. Ба бек сари Салим даркор аст.

Раҳимбек. Тахмини шумо беҷо нест, Султонбек. Ин духтарак дар ҳақиқат ҷои пинҳоншудаи Салим ва падарашро медонистагӣ барин менамояд.

С у л т о н б е к. Ба ин имони ман комил аст. Қаросоч ба ман дурӯғ намегӯяд.

Х о р к а ш. Ҷаноби бек духтаракро пурсуков накарданд-мӣ?

Р а ҳ и м б е к. Кардам.

Х о р к а ш. Хӯш?

Р а ҳ и м б е к. Нагуфт. Пинҳон кард.

С о ҳ и б. Ба зоташ мекашад-дия.

С у л т о н б е к. Нозанинон кони макру ҳиллаанд.

С а л и м. Банда як мулоҳиза кардам, ҷаноби бек, агар рухсат шавад, арз кунам.

Р а ҳ и м б е к. Чӣ мулоҳиза?

С а л и м. Агар эшонам дар танҳоӣ бо духтарак гапзанон карда бинанд, чӣ мешуда бошад? Ҳар чӣ ҳам бошад, вай духтари мусулмон-ку. Агар эшонам худо ва пайғамбарро ба миён оварда, дурустакак ба вай насиҳат кунанд, шояд ки рози дилашро ба ин кас гӯяд.

Р а ҳ и м б е к *(ба Соҳиб)*. Чӣ мегӯед, додхоҳ?

С о ҳ и б. Мулоҳизаи бад не, бек.

Р а ҳ и м б е к *(ба Хоркаш)*. Шумо розӣ-мӣ?

Х о р к а ш. Агар ҷаноби бек фармоянд, ман ба хизмат тайёрам.

Р а ҳ и м б е к. Хуб, майлаш, инро ҳам як озмуда бинем. Қанӣ, пирам, набошад як фотеҳа хонед.

Х о р к а ш *(даст ба фотеҳа бардошта)*. Облоҳуммансур-маннасараддин лоимомалмуслимин, омин оллоҳу акбар. *(Ҳама даст ба рӯй кашида аз ҷой мехезанд)*.

Р а ҳ и м б е к. Шумо нахезед, тақсир, ман духтаракро ба назди шумо мефиристонам.

Х о р к а ш. Хуб шудааст. *(Ба Салим)*. Мирзо, шумо наравед, ба ман даркор мешавед.

Р а ҳ и м б е к. Ҳа, шумо ҳам монед, Мирзо.

Ғайр аз Хоркаш ва Салим, ки дар хайма мемонанд, дигарҳо равон мешаванд, Султонбек ва Соҳиб дар баромадгоҳ андак истода мемонанд.

С у л т о н б е к. Додхоҳ, шумо аз ягон чиз пай бурдед ё не?

Сохиб. Ҳа, эшон омӣ будааст. Ба ҷои: «оллоҳума» «облоҳумма» мегӯяд.

Султонбек. Ғайр аз ин, вай ба ҷои: «ё имомалмуслимин «лоимомалмуслимин» гуфт, яъне «фатҳу нусратро ба имоми мусулмонон набахш».

Сохиб. Наход?

Султонбек. Ҳамин тавр. Вай чӣ хел эшон аст, ки дуоро ғалат мехонад?

Сохиб. Боз фиребгар набошад? Ба бек гуфтан лозим. Равон шавед.

Мераванд, Хоркаш ва Салим танҳо мемонанд.

Хоркаш *(бо тарс)*. Ё Баҳоваддин, чӣ мекунем акнун, Салим?

Салим *(ҳама тарафро аз назар гузаронда)*. Гӯш кун, бобо, ҳамин ки як қисми муридҳоят омаданд, ту ҷаҳр сар мекунӣ.

Хоркаш. Ҷаҳр? Барои чӣ?

Салим. Барои Раҳимбекро дар ин ҷо бисьёртар нигоҳ доштан. Натарс, далер бош!

Хурмо ва Ҷалил пайдо мешаванд.

Хурмо. Ҷалил, ту одами нағз менамоӣ, ба ман росташро гӯй, бек маро барои чӣ ба пеши эшон фиристод?

Ҷалил. Ба худо ки намедонам. Ту натарс, ба эшон гирья кун, зорӣ кун, «маро халос кунед» гӯй. Рав, эшон дар чодир. *(Меравад)*.

Салим *(аз хайма баромада, ба рӯи Хурмо нигоҳ накарда)*. Ба ин тараф гузаред ҳамшира, эшонам дар хаймаанд.

Хурмо оҳиста-оҳиста ба тарафи хайма меравад. Хоркашро мебинад.

Хоркаш. Хурмоҷон... духтаракам, магар падари бадбахтатро нашинохтӣ?

Хурмо *(вайро шинохта)*. Ота! *(Худро ба оғӯши ӯ мепартояд)*.

Хоркаш *(сару пешонии ӯро бӯса карда)*. Фарзанди азизам, нури ҷашмам, гули навбаҳорам, туро ҳам медидагӣ рӯз будааст.

Хурмо. Падарҷон, Салим дар куҷост?

Хоркаш (*андак димоғаш сӯхта, Салимро, ки дидбонӣ карда меистод, нишон дода*). Ана вай.

Хурмо. Кӣ? Салим? (*Салим рӯяшро ба вай мегардонад*). Салим!..

Салим. Хурмо, азизам!..

Хурмо. Салимҷон, ту барои маро халос кардан омадӣ?

Салим. Албатта, азизам. Раҳимбек бо чӣ қадар лашкар гузашта омад?

Хурмо. Қариб се ҳазор.

Салим (*аз соқи мӯзааш ханҷар бароварда ба вай медиҳад*). Инро гир. Дар ин ҷо тӯпаланг мехезад. Мо ба халосии ту кӯшиш мекунем, лекин худат ҳам ҳаракат кун.

Хурмо. Хуб, Салимҷон.

Хоркаш. Духтаракам, эҳтиёт бош.

Ҷалил, Оқьюз (дар либоси Хоркаш) ва Мирзоқаландар (дар либоси Салим) меоянд.

Ҷалил. Дар ҳамин ҷо нигоҳ карда истед, бек мебиёянд. (*Меравад*).

Салим аз хайма давида мебарояд.

Мирзоқаландар (*Салимро шинохта*). Ҳа, дузди фиребгар! (*Ба Оқьюз*). Пирам, мана, фиребгарон дар ин ҷо будаанд!

Салим (*оҳиста таппончаашро бароварда нишон дода*). Дам! Овозатонро набаноред, ки мепарронам!

Хурмо. Ота, инҳо кистанд?

Хоркаш. Эшонҳои ҳақиқӣ ҳаминҳоянд. Расво шудем, боз ин чӣ фалокат буд?!

Салим. Хурмоҷон, акнун ту рав. Гапи ман аз ёдат набарояд. Нотарс бош! Хайр, азизам. (*Хурмо меравад. Салим ба Оқьюз ва Мирзоқаландар, тез*). Шумо ба Раҳимбек: «мо муридони эшонем» мегӯед ва ҳам дар пеши вай дасти ин мардакро бӯса мекунед. (*Хоркашро нишон медиҳад*). Агар ҳамин тавр накунед, сирро фош карданӣ шавед, ҳар дуятонро ҷо ба ҷо мепарронам!

Раҳимбек ва Султонбек меоянд. Хоркаш зуд ба хайма даромада нишаста, ба тасбеҳгардонӣ сар мекунад.
Салим тавозуъкорона даст ба пеш гирифта меистад. Салим ба Оқьюз ва Мирзоқаландар дар вақти гуфтугӯи онҳо бо Раҳимбек ало-ало нигоҳ карда таҳдид менамояд.

О қ ь ю з ва М и р з о қ а л а н д а р. Ассалому алайкум.

Р а ҳ и м б е к *(хоҳам-нохоҳам).* Ваалайкум ассалом. Шумоҳо кистед?

О қ ь ю з. *Мо*... мо, тақсир... муридони эшонем...

Р а ҳ и м б е к. Аз кадом қишлоқ?

С а л и м. Инҳо аз қишлоқи Бешкаппаанд, ҷаноби бек. *(Ба Оқьюз ало нигоҳ мекунад).*

О қ ь ю з. Ҳа, ҳа, аз Бешкаппа. *(Ба як тараф).* Мурам, ки ин қишлоқро дар умрам дида бошам.

Хоркаш аз хайма мебарояд. Бо имои таҳдидомези Салим Оқьюз ва Мирзоқаландар таъзимкунон рафта дасти Хоркашро мебӯсанд.

Р а ҳ и м б е к *(оҳиста ба Султонбек).* Гумони шумо беҷост, вай дар ҳақиқат эшон аст. *(Ба Хоркаш).* Канӣ, эшонам, духтарак дар кӯчо будани Салим ва падарашро медонистааст ё не?

Х о р к а ш *(саросема).* Ҳа... медонистааст...

С о ҳ и б *(даромада).* Муридони эшонам омадаанд, ҷаноби бек. Ман онҳоро дар бозоргоҳ нигоҳ доштам.

Р а ҳ и м б е к. Хуб. *(Ба Хоркаш).* Набошад, шумо рафта муридҳоятонро бинед, тақсир; натиҷаи гуфтугӯи бо духтарак кардагиатонро Мирзоқаландар ба ман маълум мекунад. Султонбек, шумо бо эшон равед. *(Ба Оқьюз ва Мирзоқаландар).* Шумоён ҳам раветон.

Хоркаш асояшро гирифта: «Бисмиллоҳур-раҳмонар-раҳим, ё ҳақ!»-гӯён ба роҳ медарояд, аз паси вай Султонбек, Оқьюз ва Мирзоқаландар равон мешаванд. Салим рафтани Оқьюз ва шарики вайро дида бесаранҷом мешавад.

Р а ҳ и м б е к. Хӯш, Мирзо, духтарак чӣ гуфт?

С а л и м. Вай мегӯяд ки... Салим... Салим ғайр аз қишлоқи... ҳа... Тошгузар... ба ҷои дигар рафта наметавонад. Дар он ҷо вай хешу табор доштааст... Эҳти-

мол бар зидди шумо отряд ҷамъ карда истода бошад, ҷаноби бек.

Хавотир кашида як зайл ба тарафе, ки Хоркаш ва дигарон рафтанд, нигоҳ мекунад.

Р а ҳ и м б е к. Ин қишлоқ дар куҷост?

С о ҳ и б. Дар сари роҳи мост, бек.

С а л и м. Ҷаноби бек, рухсат диҳед ман ба пеши эшонам равам, балки ман ба пирам лозим мешудагистам.

Р а ҳ и м б е к. Равед.

Салим тез-тез қадам монда меравад.

Биёед додхоҳ, як маслиҳат кунем. Ҷалил! (*Ҷалил ҳозир мешавад*). Ту дар ҳамин ҷо бош, ғайр аз Султонбек ҳеҷ касро ба пеши ман даромадан намон!

Ҷ а л и л. Хуб.

Раҳимбек ва Соҳиб ба хайма даромада пичиррос зада мешинанд. Аз як тарафи дигар Оқьюз ва Мирзоқаландар пайдо мешаванд.

О қ ь ю з (*телба шуда*). Бек дар ҳамин ҷо-мӣ?

Ҷ а л и л. Ист! Ба бек чӣ кор дорӣ?

О қ ь ю з. Қори бисьёр зарур дорам.

Ҷ а л и л. Ист, ист, бек ҳозир ҳеҷ касро қабул намекунанд. Рав, сонитар меой.

О қ ь ю з (*мағал карда*). Не, не, бекро ҳозир набинам намешавад!

Р а ҳ и м б е к (*бо Соҳиб аз хайма баромада*). Чӣ ғавғо? Кӣ ба ман кор дорад?

О қ ь ю з. Ман, ман. (*Ҳунгас зада гирья карда*), Ҷаноби бек. Оқьюз эшон ман ҳастам, вай пиракӣ фиребгар аст, шарики вай Салим аст...

Р а ҳ и м б е к. Салим?!

О қ ь ю з. Ҳа, ҳа, худи Салим, тезтар дастгир кунед, ки вай оламро хароб мекунад!

Аз паси парда ҷаҳрхонӣ шунида мешавад.

Р а ҳ и м б е к. Додхоҳ, онҳо ҷаҳр сар карданд. Тез ба ҳама ҷо сарбоз монед. Оҳиста, бе шӯру ғавғо. Салим ва одамони вай нафаҳманд.

С о ҳ и б. Хуб.

Меравад. Аз тарафи дигар Хоркаш пеш-пеш, аз паси вай Салим ва як тӯда деҳқононе, ки ҳама салла доранд, чаҳр карда меоянд. Чаҳр андак давом мекунад. Соҳиб бо як тӯда босмачиҳо омада оҳиста-оҳиста ҳамаро печонда мегирад. Салим аз хатар пай мебарад.

Салим. *(Нохост шамшери як босмачиро кашида гирифта боло карда)*. Занед, партизанҳои сурх!!

Талотӯп, шамшерзанӣ, дастбагиребонӣ. Ҳар ду тараф ҷангкунон ба ақиби саҳна рафта ғоиб мешаванд. Хоркаш асо дар даст аз саҳна давида гузаштанӣ мешавад, Одина дар дасташ шамшери бараҳна нохост пайдо шуда роҳи ӯро медорад.

Одина. Ҳа-а! Фиребгар, ту дар ҳамин ҷой? Калимаатро хон, ман ҳозир туро ба ҷаҳаннам мефиристонам.

Хоркаш. Озмой, ман аз ту наметарсам, мурдор! Босмачии оқипадар! Дузди беномус!

Бо асояш ба ӯ ҳамла мекунад, Одина бо шамшер худро мудофиа мекунад. Аз қафои Одина Раҳимбек пайдо мешавад. Хоркаш бо асо ӯро ҳам мезанад. Раҳимбек ӯро мепарронад. Хоркаш меғалтад. Шӯру ғавғо, садои шамшерзанӣ, тапар-тапар ва шиҳаи аспон ба гӯш мерасад. Соҳиб меояд.

Соҳиб. Ҷаноби бек, мо ба ҷанг андармон будем, як қисми он нобакорон ба аспҳои мо савор шуда гурехтанд...

Раҳимбек. А? Тез сур кунед! Доред!

Соҳиб. Хуб! *(Давида меравад)*.

Аз тарафи дигар ду босмачӣ Хурморо тела дода, кашола карда меоваранд. Сари вай луч, мӯяш парешон, куртааш пора-пора.

Босмачии I. Ҷаноби лашкарбошӣ, ин мехост гурезад...

Босмачии II. Ман ба аспи вай тир зада ғалтондам...

Хурмо нохост ба босмачӣ ханҷар мезанад, вай меафтад, духтар бо ҳамон ханҷар ба Раҳимбек ҳамла мекунад, аммо Одина дасти вайро маҳкам медорад.

Парда.

## НАМОИШИ ШАШУМ

Ҷои намоиши панҷум. Шабона. Чодир нест. Ҷалил Хурмои гирьён ва даст бар пуштбастаро посбонӣ карда нишастааст.

Ҷ а л и л *(зиқ шуда, ба тарафи рости худ нигоҳ карда)*. Машварати беки мо тоза ҳам кашол ёфт. Биллои азим, хоки ин қишлоқ вазнин будааст, бек ҳеҷ аз ин ҷо хеста рафта наметавонад. Уф, туро посбонӣ кардан ба дилам зад, духтарак. Ту аз кадом ғӯр дар байни мо пайдо шудӣ? Мана акнун беҳуда мурда меравӣ. Агар аз ҷонат сер нашуда бошӣ, ба лашкарбошии мо теғ мекашидӣ? Вай бераҳм аст, ба ҷавонӣ ва ҳусни ҷамоли ту нигоҳ карда намешинад, туро порапора карда мепартояд. Андак иқболат баландӣ карду ба пеши бек одам омада монд, ту боз як-ду соати дигар умр дидӣ, набошад ҳоло ба шохи ин чинор овезон мебудӣ... Аз ҳама зиёдтар ман хор шудам: охир ҳамин ҳам гап шуд, ки мани асптозу човандоз омада-омада ба ту барин духтараки нимҷонак қаровул шуда шинам?.. Э, доде! Охир маро Ҷалили Човандоз писари Сулаймони Говзӯр мегӯянд. Дар байни ҷӯраҳоям масхара шудам... Ҳа, барои чӣ ба ман ин хел нигоҳ мекунӣ?

Х у р м о. Сулаймони Говзӯр?

Ҷ а л и л. Ҳа, Сулаймони Говзӯр номи падари ман аст. Чӣ буд?

Х у р м о. Сулаймони Говзӯр... Вай куҷоӣ аст?

Ҷ а л и л. Аслаш аз Балҷувон. Ҳа, чаро ҳайрон шудӣ? Эҳтимол ҳозир ту мегуфтагистӣ, ки падаратро мешиносам. Хотирҷамъ бош, ман ба ин фиребҳо намеғалтам. Ту падари маро дар хоби шабат ҳам надидаӣ. Вақте, ки вай аз Балҷувон ба Афғонистон гурехта рафта буд, ту дар ишками очаат ҳам набудӣ.

Х у р м о *(ҳайраташ бештар шуда)*. Ист, ист, Ҷалил. Вай ба Афғонистон гурехта буд мегӯӣ?

Ҷ а л и л *(ба вай бо шубҳа нигоҳ карда)*. Макр накун. *(Қатъӣ)*. Дам шав! Бо посбон гап задан мумкин нест!

Х у р м о. Исто, Ҷалил, ин ҷо як сирри калон кушода шуда истодааст. Падарат ба ту дар бораи Восеъ ҳеҷ чиз нагуфта буд?

Ҷ а л и л. Восеъ?.. Ҳа, гуфта буд.

Х у р м о. Чӣ гуфта буд?

Ҷ а л и л. Восеъ шӯришчӣ будааст, амири Бухороро меғалтонам гуфта сар бардошта будааст, падари ман ҳам ба вай тарафдор шуда будааст, баъд амир Восеъро дастгир карда куштааст, баъд падари ман ба Афғонистон гурехтааст...

Х у р м о *(сухани ӯро бурида, бо ҳаяҷон)*. Вай амаки ман аст, ту амакбачаи ман ҳастӣ, Ҷалил!

Ҷ а л и л *(дар ҳайрат)*. Амакбача?

Х у р м о. Ҳа, падарам мегуфт, ки амакат Сулаймони Говзӯр баъд аз исьёни Восеъ ба Афғонистон рафт, дар ҳамон ҷо хонаву ҷо кард...

Ҷ а л и л. Во аҷабо!.. Ту духтари Хоркаш нестӣ?..

Аз тарафи чап Раҳимбек ва Хӯҷаёр мебароянд.

Р а ҳ и м б е к. Гап ҳамин, Хӯҷаёр. Ҳар навъ карда худатро ба отряди Салим расон. Ба тариқе ки ман гуфтам, Салимро нобуд кун, ё ҳеҷ набошад аз командирӣ бекор кунон, худат ба ҷояш гузар.

Х ӯ ҷ а ё р. То ҷон дар бадан дорам, ҳаракат мекунам, бек.

Р а ҳ и м б е к. Агар пурсанд, ки дар куҷо будӣ чӣ ҷавоб медиҳӣ?

Х ӯ ҷ а ё р. Ҷавоб ёфтан осон аст, бек. Мегӯям, ки Эрназар дар роҳи район ба босмачиҳо дучор шудааст, онҳо вайро сур кардаанд, вай гурехта босмачиҳоро ба ҷои мо истодагӣ сар карда овард, ман гурехтам, Эрназар дастгир шуд, эшонҳо бошанд, дар ҳамон ҷо монда буданд.

Р а ҳ и м б е к. Бисьёр хуб.

Х ӯ ҷ а ё р. Ман аз қишлоқҳои сари роҳ як отряд ҳам ҷамъ мекунам. Ба пеши Салим бо отряди худам меравам.

Р а ҳ и м б е к. Бисьёр кори пухта. Офарин. Хайр.

Хӯҷаёр хам шуда дасти Раҳимбекро гирифта мебӯсад. Баъд Раҳимбек ба тарафи чап меравад, Хӯҷаёр ба тарафи рост.

Х у р м о *(ӯро шинохта)*. Хӯҷаёр!

Х ӯ ҷ а ё р *(гашта нигоҳ карда)*. Ҳо-о, ту-мӣ? Қаждумбача! *(Меравад)*.

Хурмо *(аз қафои вай)*. Ҷувонимарг! Лаънат ба ту!

Раҳимбек *(баромада хомӯшона ба назди Хурмо меравад)*. Ҷалил! Ресмон биёр! Тез! *(Ҷалил меравад. Раҳимбек ба Хурмо)*. Ман ҳозир туро меовезам.

Хурмо. Овез, ман аз ту наметарсам.

Раҳимбек. Морбача!

Ҷалил ресмон меоварад.

Ба гардани вай банд! Тезтар!

Ҷалил маҷбуран ресмонро ба гардани Хурмо бастан сар мекунад. Садои суми асп шунавида мешавад. Қӯғанбек меояд. Аз тарафе, ки Раҳимбек баромад, Султонбек, Соҳиб ва Одина пайдо мешаванд.

Раҳимбек. Қӯғанбек?

Қӯғанбек. Ҷаноби лашкарбошӣ, мо дар болои Данғара аз аскарони сурх сахт шикаст хӯрдем. Қаюмпарвончӣ ва Аҳмад додхоҳ ба Данғара барои таслим шудан рафтанд. Аз панҷсад йигити мо як саду сию чор кас монд. Ману Раҳмон додхоҳ ба зӯр аз муҳосираи аскарони сурх баромада ба кӯҳҳо гурехтем, дар роҳ ба калтакдорони сурх дучор шуда, сахт ҷанг хӯрдем. Аз мо боз сию ҳафт кас кушта шуд. Раҳмон додхоҳ бо йигитҳои боқимонда дар кӯҳ пинҳон шуда хоб кардааст. Вай мунтазири ёрӣ ва фармони шумост, ҷаноби лашкарбошӣ.

Раҳимбек. Он ду нобакор дар ҳақиқат барои таслим шудан рафтанд?

Қӯғанбек. Бале, ҷаноби лашкарбошӣ.

Раҳимбек *(дар ғазаб, Қӯғанбекро мезанад)*. Нобакорон! Хоинҳо!.. Одина, ту дарҳол аз йигитҳо дусаду панҷоҳ касро ҷудо карда ба роҳ даро! То саҳар ба пеши Раҳмон додхоҳ расида рав!

Одина. Хуб, ҷаноби лашкарбошӣ.

Раҳимбек. Равед! Дар ҷоҳои кушод бо сурхҳо ҷанг накунед, ақиб гашта-ақиб гашта онҳоро ба даруни кӯҳҳо кашед, баъд нобуд кунед.

Одина. Хуб.

Одина ва Қӯғанбек меравanд.

Соҳиб. Аҳвол то рафт мушкил шуда истодааст, ҷаноби бек.

Султонбек. Бале, ба гузаштани мо чаҳор рӯз ҳам нашуда, аллакай аз понздаҳ зиёдтар дастаҳои мо шикаст хӯрданд.

Соҳиб. Бек, он чи ки шумо пагоҳӣ гуфтед, бисьёр мулоҳизаи пухта буд. Мо бояд зудтар аз дарьёи Вахш гузашта худро ба вилояти Ҳисор ва Бойсун расонем; ҳар кадоми мо дар ватани худ халқро ба шӯриш мехезонем: Алимардон додхоҳ бо шумо дар Лақай, Эсохон дар Ҳисор, ман дар Бойсун. Душанберо муҳосира мекунем, роҳи оҳан ва кӯпрукҳоро вайрон мекунем.

Раҳимбек. Биёед як маслиҳат кунем. *(Ба Ҷалил Хурморо нишон дода).* Вайро дар ҳамин ҷо нигоҳ дор, ба фармони ман мунтазир бош.

Раҳимбек, Соҳиб ва Султонбек мераванд.

Ҷалил *(саросема, дар ҳаяҷон. Ресмонро аз гулӯи Хурмо кушода мепартояд).* Тез бош! Ана аспи ман! Гурез!

Хурмо *(тез рафтанӣ мешавад, лекин дудила мешавад, меистад).* Ҷалил, ман гурезам, Раҳимбек туро мекушад...

Ҷалил. Зуд бош!

Хурмо. Ҷалил, ту ҳам бо ман гурез!

Ҷалил. Гурезам? Не, не...

Хурмо. Вай туро мекушад. Ҷонатро халос кун!

Ҷалил. Гурезам — большевик мекушад, нагурезам, бек мекушад. Майлаш, то маро большевик куштан, беҳтар ки худи бек кушад. Вақтро нагузарон! Мана қамчин! Зуд гурез.

Хурмо *(телба шуда, тез-тез гап мезанад).* Не, бе ту намегурезам! Ҷалил! Большевик он хел нест, ки ту хаёл мекунӣ. Салим ҳам большевик аст. Чашматро кушо, Ҷалил, дигар фиреби инҳоро нахӯр. Раҳимбек тарафдори бою амалдор, большевик тарафдори камбағалон аст...

Ҷалил *(андеша карда, ба қарори қатъӣ омада).* Хуб, равон шав!

Ҳар ду мегурезанд. Садои суми аспи раванда. Шӯру ғавғо, Соҳиб меояд, баъд, Раҳимбек ва Султонбек пайдо мешаванд.

Раҳимбек. Чӣ гап, додхоҳ?

Соҳиб. Ҷалил бо Хурмо гурехтааст.

Раҳимбек. Чӣ? Тез сур кунед! Доред!

Парда.

## НАМОИШИ ҲАФТУМ

Майдончае дар як дараи кӯҳӣ. Чаҳор нафар калтакдори сурх рақси ҳарбӣ мекунанд, дигарон қисме дар болои харсангҳо ва шаххо нишаста, қисме рост истода бо чапакзанӣ ва ҳаёҳуй рақсро тамошо карда истодаанд. Дар як канор наздиктар ба пойтахти саҳна Салим ва Хӯҷаёр байни худ гуфтугӯ ва мунозира карда нишастаанд. Сафар бо як нафар аскари сурх пайдо мешавад.

Сафар *(ба аскари сурх)*. Вот Салим. Ака Салим! Ин рафиқ туро мепурсад.

Аскари сурх. Здравствуйте.

Салим. Здравствуйте, товарищ.

Аскари сурх. Командир добротряда Вы будете?

Салим. Я.

Аскари сурх. Это Вам. *(Пакет медиҳад)*.

Салим. А, хорошо. *(Пакетро яла карда ба хондан машғул мешавад)*.

Аскари сурх *(ба калтакдорони сурх)*. Чего остановились? Продолжайте.

Сафар *(ба калтакдорони сурх)*. Давай, танцовать давай. Товарищ боец посмотреть хочет, как краснопалочник танцовать будет.

Салим. Вы здесь побудьте, товарищ. Мы сейчас придем. Вот Сафар Вас угощать будет. Сафар, ин рафиқро нағз зиёфат кун. *(Бо ҳамроҳии Хӯҷаёр меравад)*.

Сафар. Бобохол! Халтаро биёр! *(Ба аскари сурх)*. Мы сейчас тебя угощать будем, товарищ.

Аскари сурх. Спасибо, я не хочу.

Сафар. Э, зачем не хочу, товарищ? У нас такой закон «не хочу» нет.

Бобохол халта меоварад.

Яла кун: ҳар чӣ дорӣ, барор.

Бобохол саллаашро ба замин паҳн карда, аз халта озуқа баро-
варда ба рӯи он мемонад.

Давай, товарищ, садись. Вот это хорошая лепешка, вот это тут-мавиз, вот это талкан (талқон), вот это урюк. Давай кушай.

Аскари сурх. Спасибо. Зачем столько? Мне столько не надо.

Бобохол. Чӣ мегӯяд?

Сафар. Мегӯяд, ки шиками ман анбори амакат не, ин қадар авқотро хӯрда наметавонам. *(Ба аскари сурх)*. Давай, кушай, товарищ.

Аскари сурх фуражкаашро аз сар гирифта ба замин монда ба
хӯрдан сар мекунад, камтар мехӯрад.

Аскари сурх. Спасибо, очень вкусно, но больше не хочу.

Бобохол. Чӣ мега?

Сафар. Мегӯяд, ки шапкаамро пур кун, гирифта рафта дар хонаам мехӯрам.

Бобохол мавиз ва зардолуро ба фуражкаи аскари сурх меандозад.

Аскари сурх. Эй, зачем это, папаша? Не надо, спасибо.

Бобохол *(ба Сафар)*. Ӯй, чӣ механдӣ? Ин чӣ мегӯяд?

Сафар. Халтаатро бардор мегӯяд, талқонат ба дилам зад мегӯяд.

Бобохол *(шӯхии ӯро фаҳмида)*. Ҳой, очаат намурад, бачаи шум, дар пеши меҳмон шармандаам кардӣ. Акнун бо ин рафиқ худам бе тилмоч гап мезанам. *(Ба аскари сурх)*. Эй, товарищ, акнун, ки мавизу талқонамро нахӯрдӣ, биё камак рақс кун. *(Ба Сафар)*. Рақса ба русӣ чӣ мегӯянд?

Сафар. «Стреляй» мегӯянд.

Бобохол *(ба аскари сурх)*. Давай, товарищ, один раз стреляй. Стреляй метавонӣ?

Аскари сурх *(ҳайрон)*. Стрелять? Зачем?

Бобохол. Э, давай, один раз стреляй.

Аскари сурх. Да не хочу я стрелять. Что ты ко мне пристал?

Сафар. Он язык не знает, он говорит — танцуй.

Аскари сурх. А! Плясать? Это можно.

Бобохол. Чӣ мегӯяд?

Сафар. Рақс мекунам мега. Бачаҳо, ҳа, канӣ!

Музыка, қарсакзанӣ. Аскари сурх рақс мекунад. Салим ва Хӯчаёр ҳам омада тамошо карда меистанд.

Салим. Молодец, товарищ. Хорошо танцуешь.

Аскари сурх. В родном селе девушки не жаловались. Однако, товарищ командир, у нас так говорится: делу—время, потехе—час. Разрешите ехать.

Салим. Правильно. Поезжай. Скажи своему командиру, все будет точно выполнено.

Аскари сурх. Есть. Счастливо! (*Бо Салим ва наздиконаш даст дода хайрухуш мекунад, баъд ба калтакдорони сурх*). До свидания, товарищи, хайр!

Қалтакдорони сурх. Хайр!

Сафар. Добрый путь.

Аскари сурх. Скоро всем басмачам — конец. Вы снова заживёте мирно и счастливо. (*Ба Бобохол*). Так, что ли, папаша? (*Меравад*).

Бобохол. Чӣ гуфт?

Сафар. Мегӯяд, ки ту барин мӯйсафеди як пояш дар гӯр ҳам, таёқ бардошта омадаӣ, акнун шӯри босмачӣ хушк шуд.

Бобохол. Ҳамин тавр? Русӣ забони хуб будааст, ба як сухан ҳамин қадар гапа гуфта мешудааст.

Салим. Сафар, бачаҳоро ҷамъ кун!

Сафар. Хуб. (*Аз ҳар сӯ калтакдорони сурхро ҷамъ карда*). Ӯй, шербачаҳо, тезтар ҷамъ шавед! Ӯй валакисалангҳо, ҳангомаро бас кунед. Гоҳ нағмаю усул, гоҳ худову расул гуфтаанд. Ака-Салим ба шумоён камтар гап заданӣ.

Салим. Рафиқон! Аз штаби аскари сурх ба мо як супориши муҳим расидааст. Босмачиён дар ҷангҳо аз аскарони сурх шикаст хӯрда, ба кӯҳҳо гурехта истодаанд. Мо бояд роҳи онҳоро бандем, онҳоро зада нест кунем. Мо дигар намемонем, ки босмачиён

бародару хоҳар, зану фарзандони моро кушанд, қишлоқҳои моро тала кунанд, оташ зананд. Намемонем, ки боғу киштзорҳои моро поймол кунанд. Намемонем! Бас!

Қалтакдорони сурх *(калтаку милтиқу шамшерҳоро боло карда)*. Намемонем! Нест бод босмачӣ!

Салим. Боз як гапи дигар, рафиқон. Отряди рафиқ Хӯҷаёр бо отряди мо як шуд. Дар як отряд ду командир намешавад. Командир бояд якта бошад. Мо бояд командир интихоб кунем. Отряди мо ихтиёрӣ аст, рафиқон, командирро худи отряд интихоб мекунад. Биёед, ягонтаатон баромада раисӣ кунед. Бобохол, ту дар байни мо солхӯрдатарӣ, биё, худат раисӣ кун.

Овозҳо. Дуруст. Баро, Бобохол, мо туро раис хостем.

Бобохол *(назди Салим рафта)*. Канӣ, бачаҳо, қулфи даҳонатонро кушоед. Киро командир мехоҳед?

Сафар. Командири мо маълум. Командири дигарро намехоҳем!

Овозҳо. Дуруст!.. Рост мегӯяд!.. Фикри мо ҳам ҳамин.

Бобохол. Чӣ магар командири ту беном аст? Номашро гӯй, охир!

Сафар. Магар худат намедонӣ?!

Бобохол. Вақар-вукур накунед, тезтар номаша гӯй.

Сафар. Салим-дия.

Бобохол. Канӣ, ҳар кас Салимро хоҳад, даст бардорад...

Ғоибназар. Ист, Бобохол. Ба ман гап деҳ.

Бобохол. Гап зан.

Ғоибназар. Рафиқон, ман Салимро кам мешиносам. Локин мо бояд касеро командир интихоб кунем, ки ба вай сад фоиз боварӣ дошта бошем...

Сафар. Чӣ, ту ба Салим зид ҳастӣ?

Ғоибназар. Ба миёни гап лағат накун, ман ту барин гапдон нестам. *(Ба калтакдорони сурх)*. Дар бораи Салим гап-гап ҳаст, ки гӯё вай бо баъзе қӯрбошиҳо алоқа доштааст...

Сафар. Ист, ист! Ту инро аз куҷо шунидӣ? Бо кадом қӯрбошиҳо?

Бобохол. Ҳар кас бо босмачӣ алоқа дошта бошад, мо линги вайро аз осмон меоварем, ҳар кас дурӯғ гӯяд, линги вайро ҳам аз осмон меоварем. Даррав, ана дар худи ҳамин ҷо.

Салим. Бобохол, оташин нашав. Мон гапашро тамом кунад.

Бобохол (*ба Ғоибназар*). Хайр, бигӯ!

Ғоибназар. Гап-гап ҳаст, ки Одина ба Афғонистон бо ёрии Салим гурехта будааст.

Сафар. Дурӯғ! Тӯҳмат! Ин гапҳоро Мирзосаъдулло бофта баровардагӣ. Мо он рӯбоҳро хуб мешиносем. (*Ба Ғоибназар*). Аммо ту ба ин ҷо баромада мисли босмачӣ гап мезанӣ!..

Ғоибназар. Чӣ? Ман босмачӣ-мӣ? Нобакор!..

Ба сафар ҳуҷум мекунад. Шӯру ғавғо.

Хӯҷаёр (*ба пеш баромада*). Истед! (*Ба ҳама*). Пеш аз мағал бардоштан аввал таги гапро фаҳмидан лозим. Иғвост ин ё не? Ман коммунист ҳастам, ман вазифаи худ медонам ба шумо гӯям, ки ин овозаҳо на фақат Ғоибназар, балки маро ҳам ба ташвиш монондааст. Дар ҳамон шабе ки мо аз босмачиҳо гурехта ба даруни кӯҳ паноҳ бурда будем, раҳматӣ Хоркаш гуфт, ки духтари вайро Одина гӯё бо ёрии Салим дуздида ба Афғонистон бурда бошад ва барои ин гӯё Одина ба Салим ду ё се ҳазор сӯм дода бошад... Салим, ҳамин тавр гуфт Хоркаш ё не?

Салим. Гуфт...

Хӯҷаёр. Мана, худи Салим ҳам инкор намекунад.

Салим. Сабр кун, Хӯҷаёр, шитоб накун. Модом ки сар кардӣ, то охир гӯй: Хоркаш ин гапҳоро аз забони кӣ гуфт? Чӣ хел гуфт? Баъд аз он чӣ шуд?

Хӯҷаёр. Ман намедонам... ба ёдам нест аз забони кӣ гуфт; аммо ҳақиқат ин ки вай ҳамин тавр гуфт...

Салим. Ту нағз ба ёд дорӣ ва медонӣ. Нақл кун!

Х ӯ ҷ а ё р. Чаро ту ба ман дарафтидӣ, Салим, гӯё ки ту муфаттиш бошию ман айбдор. Аз ёдат набарор, ки ман ҳам командир ҳастам.

С а л и м. Ҳилаю найранг накарда ба савол ҷавоб деҳ. Хоркаш маро гунаҳкор кард ё не?

Х ӯ ҷ а ё р. Ҷаҳл кардан лозим нест. Салим, маро тарсонда наметавонӣ, ғайр аз Хоркаш, ман вақте ки дар қишлоқҳо отряд ҷамъ мекардам, ин гапро аз деҳқонон ҳам шунидам. Мумкин аст, дар ҳақиқат ин гапро душманҳо паҳн карда бошанд Аммо, ба ҳар ҳол, ин овозаро хуб тафтиш кардан лозим, то ки ту бадном шуда намонӣ, дар чашми халқ сафед шавӣ.

С а л и м. Ту ҳақиқатро баён кардан нахостӣ. Хуб, акнун лозим меояд, ки ин корро ба ҷои ту ман кунам. *(Ба ҳама)*. Ҳақиқат ин аст: якӯм ин ки, гӯё ман барои дуздидани Хурмо ба Одина ёрӣ дода бошам,— инро душманҳои ман — Мирзосаъдулло, Тӯрақул, Оқьюз бофтаанд ва ба гӯши Хоркаш хондаанд; дуввӯм ин ки Хоркаш баъди бо ман гуфтугӯ карданаш фаҳмид, ки ин иғвои босмачиён будааст ва онҳо хостаанд Хоркашро, ба воситаи Хоркаш халқи қишлоқро ба муқобили ман шӯронанд; сейӯм ин ки Хӯҷаёр ҳамаи инро нағз медонад, чунки дар вақти гуфтугӯи ману Хоркаш вай ҳам буд. Бо вуҷуди ин Хӯҷаёр аз чӣ сабаб бошад, ки имрӯз тӯҳмати чиркини босмачиёнро такрор карда истодааст...

Х ӯ ҷ а ё р. Тӯҳмати босмачиёнро ҳам тафтиш кардан лозим, то маълум шавад, ки ин тӯҳмат аст. Партия ва ҳукумат доим ҳамин хел рафтор мекунанд. Аз ҳамин сабаб, рафиқон, ман таклиф мекунам, ки то тафтиш шудани ин кор муваққатан ба командирӣ номзади Салимро намонда истем.

Садоҳои таҳсин ва норозигӣ, ғалоғула.

Ғ о и б н а з а р. Ман таклиф мекунам, ки рафиқ Хӯҷаёр командир хоста шавад.

Д и д б о н *(медарояд)*. Ака Салим, як гала саворҳо намоён шуданд.

Меравад.

Салим. Бобохол, тезтар тамом кун.

Бобохол (*ҳайрон*). Чӣ кунам, охир?

Хӯҷаёр. Ба овоз мон.

Бобохол. Ҳар кас хоҳад, ки Хӯҷаёр командир шавад, даст бардорад. Хуб. (*Мешумурад*). Яксаду ҳафтоду панҷ кас. Акнун даст набардоштагӣ чӣ қадар мемонад. Дар отряд чанд кас?

Хӯҷаёр. Сесаду сию панҷ кас.

Бобохол. Яъне... чанд кас даст набардошт?

Ғоибназар. Саду шаст кас.

Бобохол. Маълум мешава, аксарият тарафдори Хӯҷаёр?

Хӯҷаёр. Ҳамин тавр.

Бобохол. Маълум мешава, Хӯҷаёр командир хоста шуд.

Дидбон (*медарояд*). Босмачиҳо! Чанд сад савора!

Хӯҷаёр. Ба фармони ман гӯш кунед! Ҳама аз қафои ман! Мо босмачиро дар дашт пешвоз гирифта ҷанг мекунем.

Салим. Ист, Хӯҷаёр! Ту бо кадом ярок ҷанг карданӣ мехоҳӣ?

Хӯҷаёр. Ин чӣ гуфтагет? Бо ҳамон яроқе ки дорем, ҷанг мекунем.

Салим. Бо ин яроқ ба дашти кушод баромадан мумкин нест! Мехоҳӣ, ки босмачӣ ҳамаи отрядро зада қир кунад?

Хӯҷаёр (*бо таҳдид*). Командир ту ҳастӣ ё ман?

Салим. Командир ту, лекин мо ба дашти кушод намебароем!

Дидбон (*даромада ба Салим*). Рафиқ командир, ду касро дастгир кардем.

Хӯҷаёр. Биёр ба ин ҷо. (*Дидбон меравад*). Салим, вайронкорӣ накун, ба отряд бетартибӣ надарор!

Салим. Фармонатро дигар кун, отрядро аз хатар халос кун!

Хӯҷаёр. Пеши роҳамро нагир! Ҳар касе ки аз фармони ман сар тобад, ман ӯро мепарронам!

Салим. Ин фармони ту ё девонагӣ аст ё ки хиёнат!

Х ӯ ҷ а ё р. Боз як бор мегӯям, халал нарасон! Агар итоат накунӣ, ман туро...

Дидбон бо Хурмо ва Ҷалил меояд.

Х у р м о. Салим!

С а л и м. Хурмо!..

Х ӯ ҷ а ё р *(ба отряд)*. Бо ман, рафиқон!

Отрядро сар карда рафтанӣ мешавад.

Х у р м о. Истед, рафиқон!

Ҳама истода ба вай нигоҳ мекунанд.

Командир кист?

С а ф а р. Хӯҷаёр.

Х у р м о. Хӯҷаёр командир? Вай хоин аст! Ман вайро дар пеши Раҳимбек дидам. Раҳимбек вайро ба отряди Салим фиристод..

Хӯҷаёр ба тарафи Хурмо ва Салим як-ду тир холӣ карда гурехтанӣ мешавад, лекин Ҷалил чаққонӣ карда вайро парронда меғалтонад.

Х у р м о *(ба Салим, Ҷалилро нишон дода)*. Ин амакбачаи ман аст, номаш Ҷалил, вай маро халос кард.

С а л и м *(ба Ҷалил даст дода)*. Раҳмат.

Аз дур тапар-тапари аспҳо, паррон-парронӣ.

Сафар! Ту бо дастаи худат ба болои ин шах баро! Шариф! Ту бо одамҳои худат дар болои ана он баландӣ шинак гир! Босмачиро гузаштанӣ намонед, ба болояш санг резед! Дигарҳо бо ман, ба пеш!..

Шамшер луч карда одамҳоро сар карда мебарад.

П а р д а.

## ПАРДАИ ЧАҲОРУМ

### НАМОИШИ ҲАШТУМ

Дар байни кӯҳи Боботоғ. Маҳтобшаб. Аз дур дарьёи Қофарниҳон намоён аст. Маҳкам дар болои харсанги баланде нишаста, ба дур нигоҳ мекунад.— Бобохол дар поён.

Маҳкам. Ба ҳамин тараф омада истодаанд.

Бобохол. Чанд кас?

Маҳкам. Як, ду... ду кас.

Бобохол. Дурусттар нигоҳ кун, бачем, боз бисьёр набошанд?

Маҳкам. Нигоҳ кардам, бисьёр не.

Бобохол. Находки фақат ду кас бошанд?

Маҳкам. Бовар накунӣ, биё, худат нигоҳ кун, бобо.

Бобохол. Охир чашми ман дурро намебинад. Боз ин шабона. Вақте ки ман ту барин будам, одама аз якрӯза роҳ медидам.

Маҳкам. Э, боз яктааш пайдо шуд. Се кас будаанд.

Бобохол. Ана, ман нагуфтам? Нигоҳ кун, боз дигараш пайдо нашавад?

Маҳкам. Не, дигар нест.

Бобохол. Дурусттар нигоҳ кун.

Маҳкам. Бобо, агар бовар накунӣ, биё худат нигоҳ кун.

Бобохол. Охир чашми ман дурро намебинад, бачем.

Маҳкам *(ба дур нигоҳкунон бесаришта мешавад)*. Э, боз ин чӣ? Сабил монад...

Бобохол. Ҳа, боз пайдо шуд чӣ?

Маҳкам. Ҳа, боз яктааш пайдо шуд.

Бобохол. Ана, бачем, ман нагуфтам? Омада истодаанд ё не?

Маҳкам. Байни худ гапзанон карда истодаанд.

Бобохол. Чиҳо гуфта истодаанд?

Маҳкам. Ман аз куҷо донам? Гӯши ман телефон не, ки гапа аз дур шунавад.

Бобохол. Ба гӯшат чӣ шудааст? Вақте ки ман ту барин будам, гапро аз якрӯза раҳ мешунидам.

Маҳкам. Нигоҳ кун! Омада истодаанд!

Бобохол. Ба ҳамин тараф?

Маҳкам. Ҳо, рост ба ҳамин тараф. (*Тез мефарояд*). Меравем, бобо. Тезтар ба ака Салим хабар додан лозим.

Бобохол (*шитоб накарда*). Сабр кун, бачем.

Маҳкам. Э, охир зуд бош! Ин қадар ту сусткорӣ, бобо? Ака Салим ба мо нигарон аст дар он лаби дарьё.

Бобохол. Охир онҳоро монда меравем чӣ? (*Тарафи босмачиён намоёншударо нишон медиҳад*). Ба ягон ҳила инҳоро ба он тараф — ба пеши Салим бурда намешуда бошад?

Маҳкам (*дар ҳайрат*). Ту чиҳо мегӯӣ, бобо, магар ин мумкин аст? Охир ака Салим нагуфт, ки: «ҳамин ки босмачиро дидед, тез омада хабар диҳед?»

Бобохол. Ҷони бобо, охир мо ин гургҳоро ҳай карда барему ба қапқони Салим андозем, магар Салим моро ҷанг мекунад?

Маҳкам. Чӣ хел ту инҳоро ба қапқон меандозӣ бобо? Мабодо ки инҳо моро...

Бобохол. Натарс, бачем. Мо ҳозир ягон тадбир мекунем. Биё меравем.

Маҳкам. О, бобои ҳилагар-е!..

Ҳар ду меравaнд. Раҳимбек, Соҳиб, Султонбек ва Одина меоянд. Онҳо бисьёр кӯфт хӯрда ва монда шудаанд.

Соҳиб (*дурро нишон дода*). *Ин* Қофарниҳон нест?

Одина. Қофарниҳон.

Соҳиб. Маълум мешавад, мо ба доманаи кӯҳ омада мондаем.

Одина. Ба доманаи Боботоғ расидем. Акнун куҷо меравем? Ба водӣ фуромадан мумкин нест...

Раҳимбек. Мо ба тарафи ҷануб мегардем. Уф... Биёед, аввал камтар дам гирем. Одина, ту дидбонӣ кун.

Соҳиб. Ба тарафи ҷануб меравем мегӯед?

Раҳимбек. Бале, навъе карда, то дарьёи Аму мерасем. Аз он ҷо ба Афғонистон гузашта меравем.

Соҳиб. Ба Аму? Бо кадом роҳ?

Раҳимбек. То ҷое ки кӯҳ ҳаст, дарун-даруни кӯҳ меравем, баъд ба дашт баромада лаб-лаби дарьёи Сурхон меравем.

Соҳиб. Ин роҳ бисьёр дур аст. Беҳтар нест, ки ҳозир аз Қофарниҳон гузарему шабона наистода ба кӯҳи Оқтов баромада равем? Дар он ҷо одамони мо бошанд ҳам аҷаб нест. Бо ёрии онҳо ба лаби Панҷ фаромада, ба Афғонистон гузашта рафтан ҳам он қадар мушкил намешавад.

Раҳимбек. Ба ақидаи шумо, дар он сӯи Қофарниҳон сурхҳо нестанд?

Соҳиб. Чаро набошанд? Ҳастанд албатта.

Раҳимбек. Дар ақиби мо чӣ?

Соҳиб. Ин чӣ савол аст, ҷаноби бек? Душман аз ақиби мо пеш карда гаштааст-ку!

Раҳимбек. Вақте ки дар ақиб ва дар пеш душман бошад, одам ё ба тарафи чап, ё ба тарафи рост меравад. Агар дар он тарафҳо ҳам душман пайдо шавад, одам ҳилаҳо мекунад, роҳро чапғалат мезанад, кӯшиш мекунад, ки худро ба манзили бехатар расонад.

Соҳиб. Охир ин як роҳи номаълум ва дуру дароз аст, бек. Мо асп надорем, хӯрок надорем...

Раҳимбек. Аспу хӯрокро аз қишлоқҳои сари роҳ ба даст меорем.

Султонбек *(бо алам)*. Акнун ин фоида надорад. Дер шуд.

Раҳимбек. Чӣ дер шуд?

Султонбек. Гурехтан дер шуд, бек. Акнун мо... мо бояд... ба тақдир тан диҳем...

Раҳимбек. Яъне?

Султонбек. Чӣ ҳоҷат, ки ман он лафзи нофорамро аз даҳон барорам.

Раҳимбек. Таслим? Шумо мехоҳед таслим шавед? *(Султонбек хомӯш)*. Раҳимбек тамом шуд? Мурд? Бозиро бой дод? Гап зан, тарсончак! *(Баъд аз пауза ба*

*Соҳиб ва Одина).* Балки шумоён ҳам бо ин пири фартут ҳамфикр ҳастед?

Султонбек. Бек, охир мо ду моҳ боз монанди гургоне ки аз сайёдон мегурезанд, дар ин кӯҳҳо сарсон шуда гаштаем. Ба байни мардум рафта наметавонем: дар ин мамлакати бединон калтакдорро аз бекалтак фарқ карда намешавад. Асп нест, хӯрок нест, мардум як парча нони худро ба саг медиҳанду ба мо намедиҳанд... Ба ҳоли мо сангҳои ин кӯҳ гирья кунанд, меарзад...

Раҳимбек. Бас аст! Рав таслим шав, номард! Раҳимбек ба душман таслим намешавад, вай ҳанӯз зинда аст, иншооллоҳ, вай боз бармехезад, боз хуруҷ мекунад!..

Султонбек. Бек, худатон мулоҳиза кунед, масофаи то Аму аз сад чақрим зиёдтар аст, имкон дорад, ки то он ҷо моро сад бор дастгир кунанд. Фарз кунем, ки аз ин сад хатар ҳам саломат гузаштем, лекин шумо аскарони сарҳаддиро фаромӯш мекунед? Онҳо басе чанголи гиро доранд. Аз ғазаби худои таоло шуд-мӣ, ё аз худамон гузашт-мӣ, ба ҳар ҳол мо... мо бозиро бой додем, бек. Акнун боз ҳам аз паи дурустии он кор гаштан ба корхонаи илоҳӣ ҷанг задан аст. *(Бо зорӣ).* Бек, ҳукумат ба таслимшудагон шафқат мекунад...

Раҳимбек *(фарьёд зад).* Бас аст! Тарсончаки номард! Дафъ шав!

Султонбек. Бек, шумо мақсади маро нафаҳмидед...

Раҳимбек. Дур шав аз назарам, беномус!

Султонбек. Афв кунед, бек. *(Мехезад, таъзим мекунад, рафтанӣ мешавад).*

Раҳимбек. Ист! Ба куҷо?

Султонбек. Ба он ҷое ки агар худам наравам, маро даст ба пушт баста мебаранд.

Раҳимбек. Ист!.. Ист!.. *(Султонбек намеистад).* Ба ту мегӯям — баргард! *(Аз қафояш рафта вайро аз кифташ кашида нигоҳ медорад).* Ту ба ҳеҷ ҷо намеравӣ!

Султонбек. Бек, дар ин хел вақтҳо ҳар кас соҳибихтиёр аст.

Р а ҳ и м б е к. Соҳибихтиёр? Хоин! Ту хаёл кардӣ, ки Раҳимбек тамом шуд? Мурд? Не, вай аввал ту барин нобакоронро нест мекунад! *(Бо ғазаб Султонбекро буғ мекунад).*

С о ҳ и б. Бек, ба шумо чӣ шуд? Ба худ оед!..

Р а ҳ и м б е к *(ӯро тела дода).* Дур шав! *(Султонбекро ба поён, ба ҷарӣ тела дода мефиристонад).* Нест шав! Нобуд шав!

Оҳиста-оҳиста аз баландӣ мефарояд. Аз қувват рафта, муддате ба харсанг такья карда меистад.

Наход ки корам ба поён расид... Худоё, парвардигоро, боз як бор... боз як бор маро аз ин гирифторӣ наҷот деҳ, ба ман қувват бахш... Саросар оташ мезанам, хароб мекунам ман ин мамлакатро! Мардумашро қатли ом мекунам, то даме ки ин хок ғарқи хун шавад. Эй дод, ҳамаи умедҳояш барбод рафт...

Ба замин меғалтад. Аз дур овоз шунида мешавад. «Хольёр ҳо-о-й». «Ҳо-о-о!».

Р а ҳ и м б е к. Чӣ фарьёд? Кӣ дод мезанад?

Б о б о х о л *(ба саҳна омада гӯё аз босмачиён пай набурда).* Биё ин ҷо, ба куҷо гум шудӣ?!

С о ҳ и б *(оҳиста).* Бек, пинҳон мешавем.

Раҳимбек ва шариконаш саросема худро ба пушти харсанг гирифта гӯш мекунанд.

Б о б о х о л *(худ ба худ ғур-ғур карда).* Ҳе, худо ҷони ҳар дуята ҳам бигирад! Бар падари ту ҳам лаънату бар падари буз ҳам! Ин буза мурданаш омадааст. Биллоҳи азим, агар ёбам, якбора кушта мехӯраму ҷонама халос мекунам. Шири медодагиат сарата хӯрад, паъланати миҷморуқ. Бе шири ту ҳам рӯзам мегузарад...

Маҳкам меояд.

Дар куҷоҳо мегардӣ ту? Ман ба ту нагуфтам, ки арғамчинаша сахт банд? Паъланати валадизно, аз ӯҳдаи як бузак ҳам набароӣ, ту ба ман чӣ даркорӣ?

М а ҳ к а м. Сахт баста будам охир, арғамчин аз гулӯяш кушода шуда рафтааст.

Б о б о х о л. *(Ӯро заданӣ шуда)*. «Сахт баста будам»? Ба куҷо рафтааст, набошад? Гург хӯрдааст? Ё замин фурӯ бурдааст? *(Ӯро зада)*. Биллои азим, ҳар дуята кушта мехӯрам.

**Раҳимбек, Соҳиб ва Одина таппончаҳошонро ба даст гирифта, оҳиста-оҳиста меоянд ва онҳоро бехабар мононда миёнагир мекунанд.**

О д и н а *(таппончаашро ба вай рост карда)*. Ҷим! Овозата набарор! Кистед шумоҳо?

Б о б о х о л. Мо... мо одами ҳаминҷой...

О д и н а. Аз кадом қишлоқ?

Б о б о х о л. Қишлоқи ман аз ин ҷоҳо дур аст... дар лаби дарьё зиндагонӣ мекунам, гупсарчӣ ҳастам...

О д и н а. Чӣ?

Б о б о х о л. Гупсарчӣ.

Р а ҳ и м б е к. Дар ин ҷоҳо чӣ кор мекунӣ?

Б о б о х о л. Ман бузи худамро мекобам. Як буз доштам, баста монда будам, арғамчина кушода рафтааст.

С о ҳ и б. Ин бача кист?

Б о б о х о л. Набераи ман. Буза ана ҳамин бача гум кард-дия.

Р а ҳ и м б е к. Дар он лаби дарьё чӣ гап?

Б о б о х о л. Ҳеҷ гап не. Хотирҷамъӣ. Шумоён кӣ мешавед?

Р а ҳ и м б е к. Мо отрядчиёни ихтиёрӣ ҳастем.

Б о б о х о л. Ҳа-а, дуруст, дуруст...

М а ҳ к а м. Шумо дар ин ҷоҳо як бузи ало надидед?

О д и н а. Чӣ хел гуфтӣ?

М а ҳ к а м. Алю, сафеду сиёҳ.

О д и н а. Не, ин хелашро надидем.

Б о б о х о л. Шумо ҳам магар ягон кори зарур қатӣ ба ин тарафҳо омадед?

О д и н а. Аҷаб мӯйсафеди кунҷков будааст ин!

С о ҳ и б. Отряди мо ба Сурхон мерафт. Дар роҳ ба босмачиҳо дучор шудем. Аспҳоямон кушта шуданд,

мо пиёда мондем. Дар он лаб аспу улав ёфт мешуда бошад?

Бобохол. Чаро ёфт нашавад? Колхози он ҷо бой, аспҳои хуб дорад.

Соҳиб. Одамҳои мо наменамоянд-мӣ?

Бобохол. Не, чанд рӯз аст, ки наменамоянд.

Раҳимбек. Аз босмачиҳо чӣ хабар?

Бобохол. Тохтутоз карда гаштаанд. Ана ба ҳамин қарибӣ Алимардон қӯрбошӣ қишлоқи Шӯриёнбошро зер кардааст мегӯянд. Ҳамон вақт Салим-командир дар ҳамон қишлоқ будааст. Шумо Салим-командирро мешиносед?

Одина. Ҳо, бисьёр нағз мешиносам.

Раҳимбек. Баъд чӣ?

Бобохол. Мегӯянд, ки онҳо ҳуҷум кардаанд, якчанд одами Салимро кушта, яроқҳошонро гирифта ба кӯҳи Оқтов баромада рафтаанд.

Раҳимбек. Худи Салим чӣ?

Бобохол. Вай, гоҳ мегӯянд, ки кушта шуд, гоҳ мегӯянд, ки ба даст ғалтид; рости гап, аниқашро намедонам.

Соҳиб. Ту ин гапҳоро аз куҷо шунидӣ?

Бобохол. Ҳама мегӯянд.

Соҳиб. Яъне киҳо?

Бобохол. Яъне ман дар Шӯриёнбош як домод дорам, номаш Саримсоқ, мана ин бача писари вай аст, ҳамун, вай дина пагоҳӣ ба пеши ман омада буд, вай ҳам ҳамин хабарро овард...

Раҳимбек. Ба Оқтов рафт мегӯӣ?

Бобохол. Кӣ Алимардон? Ҳо, ба Оқтов рафтааст. Ҳар вақт мешунавам, ки вай имрӯз дар Гардани Уштӣ бошад, фардо дар Оқтов, пасфардо дар Арриқтов, ҳамин хел кӯҳ ба кӯҳ пинҳон шуда мегаштааст.

Пауза.

Раҳимбек. Дар лаби дарьё хона дорӣ?

Бобохол. Хона не, коза дорам.

Раҳимбек. Дар коза истиқомат мекунӣ?

Бобохол. Ҳо, дар коза. Коза бошад ҳам чӣ бадӣ

дорад? Қоза хубай. Хонакум коза боша, дилакум тоза боша...

Соҳиб. Падар гупсари ту дар куҷост?

Бобохол. Дар лаби дарьё.

Соҳиб. Бо гупсари ту ба он лаб гузашта мешудагист?

Бобохол. Набошад чӣ? Гупсар мешаваду аз дарьё гузашта намешавад?

Соҳиб. Мо мехоҳем, ки ба он сӯ гузашта андак дам гирем ва асп пайдо кунем.

Бобохол. Набошад, ман рафта гупсара ба об партоям?

Соҳиб. Ҳа, ҳа, бирав. Одина, ту ҳам бо ин мардак рав.

Одина. Хуб, рафиқ командир. Рафтем, падар.

Бобохол, Маҳкам ва Одина мераванд.

Соҳиб. Ин мардакро ба мо худо фиристод.

Раҳимбек. Аз ду яке: ё худо, ё... Салим.

Соҳиб. Салим?

Раҳимбек. Пирамард ҷосус бошад ҳам, аҷаб нест.

Соҳиб. Ҳеҷ ба ақл рост намеояд.

Раҳимбек. Ман ба ҳеҷ як бошандаи ин мамлакат бовар намекунам.

Соҳиб. Сабил, моргазида аз ресмони ало метарсад гуфтагӣ барин, худатон ҳам аз ҳад зиёд бадгумон шуда мондаед, бек. Охир ин мардак хушхабар баромад, ба болои ин гупсарчӣ ҳам будааст...

Раҳимбек. Шумо мехоҳед, ки, албатта, ба он тарафи дарьё гузаред, бинобар ин пирамард дар назари шумо ҳам худофиристода менамояд, ҳам хушхабар, ҳам гупсарчӣ. Ман ба он тараф намегузарам, хоҳед худатон гузаштан гиред.

Соҳиб. Бек, ман ҳеҷ вақт шуморо намепартоям. Шумо зинда бошед — ман зинда, муред мемурам...

Одина меояд.

О д и н а. Гупсар тайёр.

С о ҳ и б. Бек, дудила шуда истодан нафъ надорад. Биёед меравем, таваккал ба худо. Ҳар чӣ бодобод. Ё марг, ё наҷот.

Р а ҳ и м б е к *(ба роҳ даромада, даст ба дуо кушода)*. Ҳар балое пеш ояд, дафъ кун, парвардигор...

Меравaнд.

П а р д а.

## НАМОИШИ НӮҲУМ

Қамишзоре дар соҳили чапи дарьёи Кофарниҳон. Наздики саҳар. Сафар дар дасташ милтиқ, дар як ҷои баланди соҳил нишаста дидбонӣ мекунад ва бо овози паст тарона мехонад.

С а ф а р

Еди майгуни лабат кардам, хуморам тоза шуд,
Гулшани рӯи туро дидам, баҳорам тоза шуд.

Салим оҳиста аз қафо омада санг мепарронад.

Кист вай? Ист, мепарронам! Наздиктар биё, ҳа, натарс! Рӯята кушо, ҳа!.. Э, Салим!?..

Салим қоҳ-қоҳ ханда мекунад.

Чӣ даркор ҳамин шӯхӣ, ака Салим? Агар нохост парронда монам, чӣ мекардӣ?

С а л и м *(хандида)*. Ҳай-ҳай, дидбони зирак. Агар аз қафоят омада зер мекардам ҳам, хабардор намешудӣ. Ман хуб одами зиракро ёфта дидбон карда монда будаам!

С а ф а р. Мон, кайфама паррондӣ.

С а л и м. Қайфат парид? Аз чӣ кайф карда истода будӣ, ки кайфат парид? О, ту кӯкнорӣ набудӣ-ку?

С а ф а р. Мон, ака Салим, ҳамин ҳам гап шуд? Қариб монда буд, ки парронам.

Салим. Ҳо-о, ёфтам. Ту аз ашӯлаи худат кайф карда истода будӣ. Боракалло, ба ҷои милтиқ ба дасти ту думбра дода монам, мешудааст.

Сафар. Хайр, бас. Бар падари босмачӣ ҳам лаънату бар падари ман барин дидбон ҳам.

Салим (*ҷиддӣ*). Гӯш кун, Сафар. Вақти баргаштани Бобохол ҳам шуд. Ҳушьёр бош!

Сафар. Хуб.

Салим. Участкаи ту серқамиш аст, зирак бош, аз дарьё чашм накан.

Сафар. Хуб. Эҳ, кошкӣ он гург тезтар ба дом меғалтид.

Салим. Ин ба худи мо вобаста аст. Раҳимбек душмани саҳл не, вай ба зиракӣ мисли гурги пир, ба маккорӣ мисли рӯбоҳ, ба даррандагӣ мисли паланг аст. Барои вайро мурда ё зинда дастгир кардан бисьёр ҳунар даркор аст.

Сафар. Вайро ба даст ғалтонем, босмачӣ бо ҳамин тамом мешуда бошад-мӣ ё...

Салим. Тамом мешавад. Раҳимбек сари босмачиён аст, сар ки бурида шуд, тан чӣ кор карда метавонад? Зиёд бошад, якчанд метапад-метападу тамом мешавад. Ана баъд мову ту ҳам милтиқро ба кифт овехта, тоқиамонро кач-качак монда, ашӯлагӯён ба хонаҳоямон бармегардем. Ба ҷои милтиқ каландро гирифта ба саҳро мебароем; киштзорҳо кайҳо боз ба мо пазмон шудаанд...

Сафар. Нигоҳ кун, нигоҳ кун, ака Салим гузашта истодаанд. Дидӣ?

Салим (*нигоҳ мекунад*). Бале, чанд кас дар болои гупсар. Ту зуд рав, отрядро хезон. Ба отряди Ковалёв ҳам хабар деҳ.

Сафар. Охир ту дар ин ҷо танҳо мемонӣ, ака Салим, мабодо ин ки...

Салим. Ба ман корат набошад, зуд рав!

Сафар. Хуб. (*Меравад*).

Салим пинҳон мешавад. Раҳимбек, Соҳиб, Одина, Бобохол ва Маҳкам меоянд. Одина ба ҳар тараф менигарад, гӯш меандозад, ду бор ба Салими пинҳоншуда наздик рафта, лекин аз ӯ пай намебарад.

Одина. Хотирчамъӣ. Пашша ҳам пар намезанад. *(Оҳиста ба Раҳимбек)*. Қанӣ, акнун ба куҷо меравем?

Раҳимбек хомӯш. Ҳар сеяшон якҷоя ғун мешаванд. Бобохол ва Маҳкам дар ҷои дуртар меистанд.

Соҳиб. Субҳ дамида истодааст, ҳозир аз ин қамишзор баромадан хавф дорад.

Бобохол *(наздик омада ба Раҳимбек)*. Рафиқ, тезтар ҳаққи маро бидеҳ, ман меравам.

Одина. Андак сабр кун, бобо, ҳаққи ту намесӯзад. Он сӯтар рафта ист.

Бобохол ғур-ғур карда дуртар меравад.

Раҳимбек. Рӯзро дар ҳамин ҷо мегузаронем, шаб ба роҳ мебароем. *(Тарафи Бобохолро нишон дода, ба Соҳиб)*. Ин пирсаг гарчанде, ба қавли шумо, хушхабар бошад ҳам, лекин шоҳид аст. Ҳеҷ як ҷондор ба ин тараф гузаштани моро набояд донад.

Соҳиб. Чораи вай осон аст, бек.

Одина. Онҳоро худи ман... яктарафа мекунам.

Раҳимбек *(ба Одина)*. Ману додхоҳ ба дарунтари қамишзор рафта, ягон ҷои хилват мековем. Ту баъд аз рафтани мо инҳоро оҳиста, бе маъал кушта ба дарьё парто. Баъд либоси мӯйсафедро пӯшида ба ягон қишлоқи наздик раву озуқа ёфта биёр.

Одина. Хуб.

Раҳимбек ва Соҳиб мераванд.

Маҳкам. Бобо, биё тезтар меравем. Бузро шабона наёфтем, биравем, кофтуков кунем охир.

Бобохол. Бузат сарата хӯрад. Бисьёр вағарвағар накун! Биллои азим, агар ёбам, ҳам буз, ҳам туро кушта мехӯраму ҷонама халос мекунам. *(Ба Одина)*. Ӯй, рафиқ, тезтар ҳаққи маро бидеҳ, ман аз роҳ намонам!

Одина. Андак сабр кун, ҳозир медиҳам. *(Нос-*

*кадуяшро бароварда меафшонад, носаш нест).* Нос надорӣ, бобо?

Бобохол *(носхалтаашро бароварда, носро аввал худаш ба даҳон меандозад, баъд ба Одина дароз карда, бо даҳони пурнос бо душворӣ гап мезанад).* Ма, бигир, бикаш. Ҳанӯз ҳаққи маро надодай, боз носи маро ҳам мекашӣ.

Одина *(носро ба даҳонаш андохта, халтаро ба соҳибаш дароз карда).* Тоза ҳам хасис будаӣ ту. Андак сабр кун, ҳаққат гурехта намеравад. Қанӣ биё, аввал ба ман роҳи қишлоқро нишон деҳ.

Салим аз байни қамишҳо зада мебарояд. Одина ҷо ба ҷо ларзида мемонад ва беихтиёр дастҳояшро боло мекунад.

Салим... ман... ман бегуноҳ... Ҳамаашро дошта медиҳам... ба ман... шафқат кун... Салим...

Салим. Бобохол, ароқи вайро гир!

Бобохол *(ароқи ӯро гирифта истода).* Падарлаънати дузд, ту маро кӣ гуфта хаёл кардӣ? Бобохоли партизанро шинохта мон!

Якчанд аскарони сурх, аз паси онҳо Сафар ва калтакдорони сурх меоянд. Салим бо овози паст бо имо ва ишора онҳоро ба ҳар сӯ тақсим карда мефиристонад. Бо имои вай Бобохол ва Маҳкам Одинаро пешандоз карда мебаранд. Аз қафои саҳна овози тир мебарояд. Раҳимбек ва Соҳиб хам шуда давида меоянд. Салим «ист!» гуфта фарьёд зада ба тарафи онҳо ҳамла мекунад, онҳо худро ба тарафи дигари қамишзор мезананд. Салим онҳоро таъқибкунон меравад. Аз оқиби саҳна паррон-парронӣ, овозҳои «ист!» шунида мешавад. Раҳимбеки дасташ захмдоршуда ва Соҳиб аз як гӯша гавак кашида меоянд.

Раҳимбек. Худоё худовандо, наход ки роҳи наҷот баста шуд?

Соҳиб. Лаънат! Бахт аз мо тамоман баргашт...

Гурехтанӣ мешаванд. Ба ҳар тарафе ки худро зананд, овози «ист!» баланд мешавад.

Салим *(таппонча ба даст, рост аз пеши онҳо баромада).* Ист!

Раҳимбек. Э-эҳ, нобакор! *(Меҷаҳад, ҳамла мекунад).*

С а л и м *(сахт дасти ӯро дошта)*. Бас! Овора нашав. Дер шуд.

Дар вакти ин гап аскарон ва калтакдорон аз ҳар сӯ омада Раҳимбек ва Соҳибро миёнагир мекунанд.

Сафар! Шариф! Яроқи инҳоро гиред!

Яроқи онҳоро мегиранд.

Роҳ гард!

Раҳимбек ва Соҳибро пешандоз карда мебаранд.

П а р д а.

Соли 1940.



# Гавҳари шабчароғ

*Комедия иборат аз 3 парда ва 5 намоиш*



## ИШТИРОККУНАНДАГОН:

Шокарим — боғбон, 65-сола.
Зиёдахон — зани ба қарибӣ гирифтаи вай, 55-сола.
Маҳзода — духтари Зиёдахон, 16—17-сола.
Хосият — хоҳарзодаи Зиёдахон, 25-сола.
Манзура — 20-сола.
Ҷӯрабой — колхозчӣ, 30-сола.
Ғаниҷон — шофери автобаза, 23-сола.
Хадичахола — нафақагир, 60-сола.
Занаки шӯх.
Занаки шаттоҳ.
Занаки гӯл.
Занҳои кирмакдор.

## ПАРДАИ ЯКӮМ

### НАМОИШИ ЯКӮМ

Маҳаллае дар шаҳрчаи районӣ, сари кӯча, дӯкон, дар болояш лавҳа: «Дӯкони сабзавотфурӯшии колхози «Роҳи нав». Дар тарафи чап (аз зали тамошо) дари як ҳавлӣ, дар тарафи рост обгираи водопровод. Дар дарунтари дӯкон қафаси бедона овехта шудааст. Ҷӯрабой дӯппии чустиро яклаба қат карда пӯшидагӣ, дар танаш яктаҳи сафед, таронаеро оҳиста зам-зама карда ба бедона обу дон меандозад.

Аз дари ҳавлӣ Шокарим мебарояд, ба миёнбандаш доскалла, аррача ва қайчии боғ халондагӣ. Аз қафои вай Зиёдахон баромада ғавғо мекунад.

Зиёдахон. Ҳой, чол, андак истед охир, ҳоло гапи ман тамом нашудааст. Ин қадар ҷадал карда куҷо меравед? Ҳамон боғи исқотмондаатон гурехта намеравад!..

Шокарим. Вақт рафт, корам маътал. Кӯтаҳ кунед, муддао чӣ?

Зиёдахон. А, ман чиба кӯтаҳ мекардем, забони ман аз кӣ кӯтаҳ?.! Шумо, бетавфиқ, гапамро нашунида даррав...

Шокарим. Пошохон, ана ин ман, ана ин ду гӯшам.

Зиёдахон. Манзура имрӯз ҳам духтарамро гирифта бурдааст. Шумо аввал ба ҳамун янгиботур рафта...

Шокарим. Янгиботур не, инкубатор.

Зиёдахон. Ман чӣ донам, инкубатор-мӣ, янгиботур-мӣ. Шумо аввал ба ҳамон ҷо раведу Маҳзодаро ба хона фиристонед. Духтари қадрас дар байни одамҳои бегона чӣ кор мекунад?

Шокарим. Он ҷо аз боғ дур аст, ман вақт надорам.

Зиёдахон. Не, не, рафта мееёбед? Дилам хавотир кашида истодааст, мабодо...

Шокарим. Духтаратонро гург намехӯрад, дузд намебарад. Меояд.

Зиёдахон. Чоли бетавфиқ, духтари худатон не-дия, дилатон намесӯзад. Падари худаш мешуд — таҳқиқ мекард, хотирҷамъ намешишт...

Ҷӯрабой. Янгамулло, пули гелоса гирифта равед, гелосатон ба фурӯш рафт. *(Ба Шокарим)*. Шумо андак истед, амак, як даҳан гап дорам.

Ба Зиёдахон пул ва сатили холиро медиҳад.

Зиёдахон. Ин чанд пул?

Ҷӯрабой. Ду сӯму чил тин. Гелосатон ҳашт кило баромад.

Зиёдахон. Ҳашт кило? Сатилам лаболаб пур буд-ку?

Ҷӯрабой. Фурӯхта диҳам, боз шумо норозӣ? Ба хизмат тӯҳмат! Ин тавр бошад, янгамулло, илоҳӣ ба тухматон барака диҳад, минбаъд худатон ба бозор бардошта бареду фурӯшед.

Зиёдахон *(пулро шумурда)*. Не, ҳамту гуфтам-дия. Илоҳӣ бою бадавлат шавед, гиреду нагиронед, азизу авлиёҳо мададгори шумо бошанд. *(Даст ба рӯй мекашад ва меравад.)*

Ҷӯрабой. Амак, як пиёла чои кабуди гарм. *(Аз термос рехта медиҳад.)*

Шокарим. Айни муддао. *(Пиёларо мегирад)*. Хӯш, Ҷӯрабой, савдо чӣ тавр?

Ҷӯрабой. Савдои гӯр... Ба сари сахти ман, амакҷон, ғайр аз савдои сабзию пиёз боз як савдои нав ғалтида монд.

Шокарим. Хӯш? Ба дӯконат ягон моли нав омад магар?

Ҷӯрабой. Не, мол аз куҷо. Савдои ишқ.

Шокарим. Ошиқ шудӣ? Ба кӣ?

Ҷӯрабой *(аз гуфта пушаймон)*. Ба ҳеҷ кӣ... Ҳамтӯ худам зиқ шудаам...

Шокарим. Аз чӣ?

Ҷӯрабой. Охир, маҳаллаатон аз қафаси бедонаи ман ҳам тангтар аст, одамаш кам. Мардум аз дӯкон сабзавоти даркориашонро дар ним соат харида мераванд, ана баъд мани сарсахт даҳ соати дигар шишта харидор мепоям. Раис ин дӯконро гӯё қасдан дар ҳамин ҷои нобоб шинондаанд, ки ҳарчӣ аз растаю бозорҳои серодам дуртар бошад.

Шокарим. Ин кор ба ман дахлаш нест. Хӯш, ба ман чӣ гап дорӣ?

Ҷӯрабой *(дармонда)*. Чоштгоҳ, ана вай, ҷияни янгамуллом — Хосиятхон... дӯппиҳошонро бардошта ба бозор мерафтанд, ман илтимос кардам, ки ба камина ҳам якта дӯппӣ дӯхта диҳанду пулашро гиранд. Он кас нохост қаҳр карда, ба камина якчанд гапҳои талху тунд зада рафтанд. Сабаби қаҳрашон чӣ бошад, надонистам.

Шокарим. Ту ягон беадабӣ кардӣ, гапи беҷо задӣ магар?

Ҷӯрабой. Худо накунад, наход ки ман... Не, не, асло.

Шокарим. Чӣ гуфтӣ?

Ҷӯрабой. Якта дӯппии хушрӯй дӯхта диҳед, гуфтам.

Шокарим. Чӣ хел гуфтӣ?

Ҷӯрабой. Албатта, бо забони ширин... Ба тухматон барака диҳад гуфтам, илоҳӣ дар хобатон гавҳари шабчароғ бинед гуфтам.

Шокарим. А? Гавҳари шабчароғ?

Ҷӯрабой. Хайр, чӣ? Гапи ганда-мӣ?

Шокарим. Лаънатӣ, чапан! Охир, ту вайро ҳақорат додаӣ!

Ҷӯрабой. Лаббай? Ҳақорат?

Шокарим. Магар намедонӣ, ки ба хобат гавҳари шабчароғ бин гуфтан яъне ҳомила шав, фарзанд бин гуфтан аст? Ҳол он ки Хосият шӯ надорад, шӯяш вайро ту безурьёт * — бача намезоӣ гуфта сар дода буд.

---

* Талаффузи халқӣ. Дурусташ безуриёт.

Ҷ у р а б о й. Э вой, мани бефаҳм! Ҷоғам дар гӯр, ман чӣ кор кардам-а!

Ш о к а р и м. Э хок ба даҳанат!

Ҷ у р а б о й. Хок чӣ, ана ин шалғами пӯсида ба даҳанам, қаланфур, карами шӯр, кирми ғӯлунг ба даҳанам! Заҳри мор!

Ш о к а р и м *(дар тараддуди рафтан)*. Узр гӯ ба вай, тавба кун!

Хадичахола меояд.

Х а д и ч а х о л а. Ҳа, Шокарим? Нағз-мӣ шумо, дуруст-мӣ?

Ш о к а р и м. Раҳмат, аз худатон пурсем?

Х а д и ч а х о л а. Э, маро пурсида чӣ кор мекунед? Ба пенсия баромадан боз хонапой, бачапой, канизи келину чӯрии писар шуда мондаам. Ҳол он ки худам ҳанӯз бардаму бақувват ҳастам, кори сетаи ана ин баринҳоро мекунам *(ишора ба Ҷӯрабой)*. Манзура занҳои маҳалларо ғун карда кирмак доронданӣ шудааст, ман ҳам қатӣ шуда кирмак дорам-мӣ, мегӯям... Хайр, ойимпошом читӯ, сиҳат саломат-мӣ? Дар пиронсолагешон ба шумо барин шӯи кори калон соҳиб шуда, кайф карда гаштен-мӣ?

Ш о к а р и м. Он касро ойимпошо нагӯед, қирғинпошо, тӯпалангпошо гӯед...

Х а д и ч а х о л а *(бо истеҳзо)*. Ҳай-ҳай, астағфирулло гӯед! Ойимпошом даму нафас доранд-а, садқаи дуоюю тӯморашон шавам.

Ш о к а р и м. ...сӯҳони ҷон, арраи дил, қайчии бехи ҷигар гӯед.

Х а д и ч а х о л а. Вой, тавба! Ин хел бошад, чиба ойимпошома ба занӣ гирифтед?

Ш о к а р и м. Ман он касро нагирифтаам, он кас маро гирифтаанд.

Х а д и ч а х о л а. Маро мегирифтед намешуд? Маро мегирифтед — қадакатон барин қад, дилакатон барин дил ёфта, ҳузур мекардед.

Ш о к а р и м. Бо шумоён лаққида ба кор дер мемонам.

Меравад.

Хадичахола *(аз ақиби вай)*. Ба бечора дилам месӯзад. Дар пиронсолагӣ аз кампираш ҷудо шуд; ду писараш дар ҷанг шаҳид шуданд... Зиёдахонойимро зани баобрӯ, хату саводнок гуфта гирифту акнун... худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ. Ба ойим шӯ даркор буд-мӣ?! Хизматгор даркор буд, ятими дари хона даркор буд! *(Ба Ҷӯрабой)* Ҳа, ба ту чӣ шуд, чаро лабу лунҷат овезон?

Ҷӯрабой. Ман-мӣ?.. Напурсед. Ҷоғам дар гӯр.

Хадичахола. Ту акнун то кай дар дӯкон мешинӣ, Ҷӯра?

Ҷӯрабой. Ибӣ, боз ҳамун гап! Шинам ба шумо чӣ?

Хадичахола. Ҳамсолҳои ту пахта коранд, галаю рама поянд, мошинаҳоро гардонанду ту дар дӯкончаи хилват шишта сабзию пиёз фурӯшӣ? Ман ба ҷои ту шарм мекардам. Ҳайфи ин китфу бозу, ҳайфи ин савлат!

Ҷӯрабой. Э, шумо ҳам, хола!.. Гӯед, чӣ диҳам ба шумо? Редиска ҳаст, бодиринг...

Хадичахола. Ту баринҳо: канӣ дар кӯҷо кори сахту душвор ҳаст, ки мо худамонро ба ҳамон ҷо занем мегӯянд; ту бошӣ, ҷои сояро мекобӣ!

Ҷӯрабой. Ӯббо, куштед-дия! Монед акнун, илоҳӣ дар хобатон гавҳари... *(Ба ёдаш омада)* Ибӣ, ҷоғам дар гӯр. *(Ба Хадичахола)*. Шумо ба харид кардан омадед ё...

Хадичахола. Ду кило картӯшка баркаш. Боз ба дӯкони колхоз бедонаашро овехта мондааст!

Хониши бедона.

Ҷӯрабой *(завқ карда)*. Вой-дод, об шудем-ку! Ана, дидед, хола, ҳамин бедона ҳам аз неши забони шумо ба дод омад. «Вой-вой, налаққед, налаққед!» мегӯяд ҷонвар.

Хадичахола. Нағзтар шунав, бедонаат: «вай-вай, ин чӣ қилиқ, ин чӣ қилиқ!» гуфта ба дӯкондории ту хандида истодааст!

Ҷӯрабой. Биллои азим, хола, агар дар республика ду кампири гапдону ҳозирҷавоб бошад, яктеш

шумо. Ба гумонам, Шокарим амакам ҳам аз ҳазлҳои кӯпали шумо хафа шуда рафтанд.

Хадичахола. Шокарим хафа намешавад. Ману вай якдигарамонро аз бачагӣ мешиносем. Вақте ки мо бо вай муҳоҷир шуда омада ин тарафҳоро обод кардем, ту дар пушти падару ишками модарат ҳам набудӣ. Шокарим ришашро дар осиё сафед карда наомадааст, ҳа. Вай дар ин ҷоҳо колхоз сохт, раис шуд, раиси ҷамоа ҳам шуда кор кард. Хизматаш калон, ҳа... Он вақтҳо дар ин ҷоҳо на як ободонӣ буд, на як кулбаи мусулмонӣ.

Ҷӯрабой. Албатта, ман ки набошам, чӣ хел ободонӣ мешавад? Тӯрхалтаатонро калонтар кушоед. *(Картошкаро ба халтаи Хадичахола меандозад)*. Боз чӣ баркашам?

Хадичахола. Сесад грамм қурут.

Ҷӯрабой. Ибӣ, қурут? Кӣ сарторик шуд? Боз худатон нашуда бошед?

Хадичахола. Очаи худат сарторик. Қурутро барои набераҳоям мехарам, онҳо қурутро нағз мебинанд.

Занаки шӯх, занаки шаттоҳ ва занаки гӯл бо сатилу кӯзаю кумғон ба обгира меоянд.

Занаки шӯх. Ман дуҷон шудан боз, гӯед, дар хона ҳамин қадар азизу тӯтиё шуда мондам, ки! Поччотон ҳар рӯз ба ман ҳазор мартаба садқаю қурбон. Аз шодӣ, гӯед, баъзе вақт ба ҳомилагем боварияшон наомада: «Ҳой, Маҳбуба, ту ростинчак дуҷон шудӣ, ё ҳамтӯ ишкамат варам кард-мӣ?» гуфта, ишкамамро даст-даст карда мебинанд.

Занаки гӯл. Вой, ман мурам! Наход?

Занаки шӯх Ту ҳам тезтар дуҷон шав, ана баъд мебинӣ, шӯят парвона барин гирд-гирди сарат мепарад.

Занаки шаттоҳ. Шӯи ман бе ин ҳам гирди сарам мепарад. Напарида ҳам бинад! Як занам, ки чаппа шуда афтад!

Занаки шӯх. Ҳафтаи гузашта, гӯед, бибем маро ба ҳолу ҷонам намонда, барои ирим кардан ба пеши Зиёдахон-ойим гирифта бурданд: «Тасаддуқа-

тон шавам, ойимпошо, яку якдона, азизу дурдона духтарам дуҷон шудааст, ягон дуою тӯмор карда диҳед, ки сиҳат-саломат чашмаш равшан шавад!» Гӯрсӯхта ойим ҳам даррав давоту қаламашро бароварда, домани куртаамро бардоронда ба рӯи ишкамам ким-чӣ хел дуо навишт.

З а н а к и г ӯ л. Вой, ман мурам! Наход? Ба рӯи ишкамат?

З а н а к и ш ӯ х. Ҳа, рост ба болои нофам!

З а н а к и ш а т т о ҳ. Ту хап шиштӣ?

З а н а к и ш ӯ х. Ба хотири бибем хап шиштам, чӣ кор кунам?

З а н а к и ш а т т о ҳ. «Чӣ кор кунам» будааст! Ман ба ҷои ту кафшамро кашида ба сараш якто мефуровардам, чаппа шуда меафтид.

З а н а к и г ӯ л. Вой, ман мурам, ба сари кӣ?

З а н а к и ш а т т о ҳ. Ба сари ойим-дия, дуою тӯмораш аз сараш монад! Қанӣ вай ин ҷодугариашро ба ман ҳам карда бинад!

З а н а к и г ӯ л. Чӣ, Зиёдахон-ойим ҷодугарӣ мекунанд-мӣ?

З а н а к и ш ӯ х. Ҳа, боз ту ҳам ба ҷодуяш нафурой, ҳушьёр бош!

З а н а к и г ӯ л *(ба гиребонаш туф-туф карда)*. Худо нишон надиҳад! Нағз ки гуфтӣ; ман намедонистам.

З а н а к и ш ӯ х. Баъд Зиёдахон ҳаққи дуо гуфта аз бибем як куртаворӣ чити гулдорро ҳам гирифт. Сонӣ, гӯед, ба хона омада шаб хоб кардем, ман электрикро накушта монда будаам, дар ҷогаҳ нохост чашми поччотон ба дуо ғалтида монд. «Э, маҳбуба, ин чӣ? Болои нофат чиба каб-кабуд?» Аз хонаи дигар овози бибем баромад, ки: «Кабуд не, писарам вай дуои ҳомилагӣ! Ба нофаш даст накобед!» Баъд хоҳу ноҳоҳ воқеаро ба поччотон гуфта дода будам, ки шуд ҷанҷол! Шуд моҷаро! «Ту ба расму одати динӣ рафтӣ, айб! номус!» гуфта маро тоза ҳам шарм доронданд.

Х а д и ч а х о л а *(ба наздики онҳо рафта)*. Ҳа, келинҳо, қақаррос зада ба чӣ механдетон?

З а н а к и ш ӯ х. Ҳамтӯ, худамон... Ҳой, Хадичахола, шунидем, ки ана вай, духтараки дар хонаи Зиёдахон-ойим иҷора шиштагӣ занҳоро кирмак доретон гуфта ташвиқот мекардааст, худаш чӣ гап?

З а н а к и г ӯ л. Ҳа, ман ҳам шунидам. Вай чӣ мехоҳад, хола? Чиба занҳо кирмак доранд будааст?

З а н а к и ш а т т о ҳ. Духтарак худаш кӣ? Чикора?

Х а д и ч а х о л а *(хандида)*. Вай, аслаш... ҷодугар будааст. Ба болои тухми мурғу ғозу мурғобӣ сеҳру ҷоду карда, ба як баровардан як лак чӯҷа мебаровардааст.

З а н а к и г ӯ л *(тарсида)*. А? Сеҳру ҷоду? Вой ман мурам!.. Ҳа-а, донистам, вай аз Зиёдахон-ойим ёд гирифтагӣ.

З а н а к и ш а т т о ҳ. Дам ист-е, ин қадар ту гӯл? Як мезанам, ки чаппа шуда меафтӣ.

Х а д и ч а х о л а. Пештар вай дар шаҳр ба фабрикаи мурғдорӣ кор мекардааст, мутахассис будааст; колхозҳои ин ҷо вайро даъват карда овардаанд, ки се-чор моҳ дар инкубаторашон кор карда диҳад. Акнун ин духтарак ба шумо барин занҳои бекорчии хонашин мегӯяд, ки: модом ки мокиёнҳо барин ҳам нестетону тухм пахш карда чӯҷа баровардан ҳам аз дастатон намеояд, муретон, лоақал кирмак дошта ба давлатамон пилла тетон, охир!

З а н а к и ш а т т о ҳ. Гап медиҳед-дия, хола! Бофед, ҳа! Бофед!

Ҷ ӯ р а б о й. Хадичахолем барин бофанда худаш дар республика якта!

Х а д и ч а х о л а. Ана, Манзура худаш омад. Аз худаш пурсетон, гуфта медиҳад.

Манзура меояд, ҳамроҳаш Маҳзода.

Биё духтарам, мо гапи туро мезадем. Ана бо ин апаҳоят шиносо шав.

Манзура ба онҳо даст дода, номашро мегӯяд.

Шумоён ҳам номҳотона гӯетон охир, номҳотон дар гӯр. *(Худаш занҳоро ба Манзура муаррифӣ мекунад)*. Ана ин Маҳбуба, занаки хонашин, шӯяш дар базаи

Тоҷикматлубот мудир, худаш аз бекорӣ рӯз ба рӯз чарбу мебандад.

Занаки шӯх. Ё тавба!

Хадичахола. Ҳа, аз бекорӣ тавба кун, фоида дорад. Ана инаш Фазилат *(ишора ба занаки гул)*, шӯяш чайқовчии бозоргард, худаш канизи шӯю модаршӯ: дасташ оташков, мӯяш ҷорӯб.

Занаки гул. Вой, ман мурам!..

Хадичахола. Мемондем, ки мурӣ? Аввал кирмак медорӣ! Ана вай Ӯғул, пештар колхозчӣ буд, бало барин кор мекард. Шӯ кардан ин ҷониб аз меҳнат қимоб; кор гӯй, хамьёза мекашад.

Занаки шаттоҳ. Забонатона ба сари ман чарх надоред, хола! Хамьёзая худатон мекашед, ҳа!

Хадичахола. Ачӣ кард-мӣ? Гапи рост талх мешавад-дия... Ман ҳазл кардам, келинҳо, хафа нашаветон. *(Ба Манзура, Маҳзодаро ишора карда.)* Маҳзодахонро ба қафоят андохта гаштай, духтарам?

Маҳзода *(даррав)*. Ман ба Манзура апам ёрӣ мерасонам, баъд апам маро ба худашон шогирд карда мегиранд.

Хадичахола. Ҳай-ҳай, читӯ нағз!

Маҳзода. Ман аппаратор мешавам. *(Ба Манзура)*. Мешавам-а, апа?

Манзура бо меҳрубонӣ даст ба китфи ӯ мепартояд.

Занаки гул. Апарафтор? Ин амали калон-мӣ ё хурд?

Хадичахола. Амали аз тухм чӯҷабарорӣ.

Занаки шӯх. И, ҳоло Маҳзода худаш чӯҷаи навпару?..

Хадичахола. Ҳеҷ гап не, ҳа нагуфта худат барин мокиён шуда мемонад.

Занаки шӯх *(ба Маҳзода)*. Бибиат иҷозат медиҳанд-мӣ ба кор кардани ту?

Маҳзода хомӯш.

Занаки шаттоҳ. Чиба иҷозат диҳад бибеш? Охир ин арӯс-ку! Пага-бега шӯ мекунад, ба тарозудори Заготпункт мерасад.

М а ҳ з о д а *(шармгин)*. Чӣ ки бошад, инкубатора ёд мегирам, Манзура апам катӣ кор мекунам.

Аз дари ҳавлӣ Зиёдахон намудор мешавад.

З и ё д а х о н *(ба тарафи Маҳзода)*. Ҳой, ҷувонимарг[1]! Биё тезтар ба хона!

Маҳзода тарсону ҳаросон меравад, модараш ӯро даровардa дарро сахт мепӯшад.

З а н а к и ш а т т о ҳ *(ба унвони Зиёдахон)*. Албастӣ! Худи албастӣ! Қалӯш катӣ ба сараш фурор мегӯяд!

Х а д и ч а х о л а. Шокарим рост мегӯяд: қирғинпошо, тӯпалангпошо!

Ҷ ӯ р а б о й. «Арраи дил, қайчии бехи ҷигар»!

З а н а к и г ӯ л. Ҳа рост, шӯяшон доим арраю қайчӣ гирифта мегарданд, ман дидагӣ.

Х а д и ч а х о л а *(ба Манзура занҳоро нишон дода)*. Ту ба инҳо фикри кирмакдорета гуфта деҳ, Манзурахон, навакак худашон пурсида истода буданд.

М а н з у р а. Худатон гуфта диҳед ҳам мешуд-ку.

Х а д и ч а х о л а. Не, бачем, ин гапа худат баровардӣ, худат гӯй, фаҳмон.

М а н з у р а. Хуб, ба ҷонам. Гап ҳамин ки, апаҳо, агар шумоён хуб гӯед, якҷоя барои колхози «Роҳи нав» кирмак медоред. *(Дафтарчаашро кушода)*. Ман занҳои хоҳишмандро рӯйхат кардам, чор кас нависонданд, Хадичахолем ҳам нависонданд. Колхоз ба кирмакдорон рӯзи меҳнат медиҳад, ҳар сари ҳафта бистсӯмӣ, сисӯмӣ аванс медиҳад, ман бо правлениям колхоз гап зада, розигии онҳоро гирифтам. Барои баргкашонӣ одам медиҳад. *(Баъд аз сукут)*. Хоҳаронам, шумо эҳтимол ҳайрон бошед, ки чаро ин духтари инкубаторчӣ моро ба кирмакдорӣ ташвиқ мекунад, ин кор ба вай чӣ дахл дорад? Аммо... ман дар комитети маҳалла фаҳмидам, дар маҳаллаи шумо чордаҳ нафар зани хонанишин ҳастанд; шумоён ҳам, эҳтимол, дар ҳамин ҳисоб бошетон. Дигарон дар идораҳо, корхонаҳо, артельҳо кор мекунанд. Аз ин чордаҳ на-

[1] Талаффузи халқӣ. Дурусташ ҷавонмарг.

фар зан бисьёриашон ба кор кардан хоҳиш, фурсат ва қувват доранд, ман хона ба хона гашта бо онҳо сӯҳбат кардам, лекин онҳо дар ҳеҷ ҷо кор намекунанд. Чаро? Охир, халқҳои советӣ ҳама як дилу як ҷон меҳнат карда, коммунизм сохта истодаанд, ҳар як одами советӣ бояд, ки то аз дасташ меояд, кор кунад, барои худаш ва барои Ватан, барои фардои дурахшону пурсаодати мо меҳнат кунад. Меҳнат кунаду роҳат бинад. Қасбу ҳунар омӯзад, обрӯ гирад. Колхоз дар паҳлӯи шумост, аз маҳаллаатон ду километр ҳам намеояд. Албатта, гап танҳо ба сари кирмакдорӣ нест, гап умуман ба кор кардан аст: агар шумо кирмак доштан нахоҳед, марҳамат, дар пахта кор кунед, ё дар ферма, дар боғдорӣ, дар сохтмон кор кунед. Аммо правленияи «Роҳи нав» ҳозир кирмакдориро маслиҳат мебинад.

Ҷ у р а б о й *(худ ба худ)*. Ибӣ, ин маҷлис шуд-ку! Маҷлиси сари қубур!

М а н з у р а. Хӯш, апаҳо, шумо ба ҳамин маслиҳат чӣ мегӯед?

Хомӯшӣ.

Набошад ман аз ҳар кадоматон ҷудо-ҷудо мепурсам. *(Ба занаки шӯх)*. Шумо чӣ мегӯед?

З а н а к и ш ӯ х. Ман?.. Якӯм ин ки, колхоз аз кирмакдории ман зарар мекашад, яъне баъди ду моҳ ман отпускаи декретӣ, ки гирифтам, колхозатон бояд ноҷор музди корамро дода истад. Дуйӯм, шӯямро розӣ кардан лозим. Инаш аз ҳама мушкилтар.

М а н з у р а. Якӯмаш баҳона намешавад: дар вақти отпускаи декретӣ ҳақ доданро қонун мефармояд, қонун бошад, ҳанӯз ба ҳеҷ кас зарар наовардаст.

Х а д и ч а х о л а. Илоҷи дуввӯмашро худат меёбӣ: ба шӯят шаб дар таги кӯрпа маслиҳат андозӣ, розӣ мешавад.

М а н з у р а. Шуд, ман шуморо ба рӯйхат медарорам. *(Ба занаки гӯл)*. Хуб, шумо чӣ мегӯед?

З а н а к и г ӯ л. Ман? Вой мурам, ман аз кирм метарсам.

З а н а к и ш ӯ х *(ба Манзура)*. Фазилатро монед Дигарон кунанд, вай ҳам мекунад.

М а н з у р а *(ба занаки шаттоҳ)*. Шумо?

З а н а к и  ш а т т о ҳ. Дар руйхататон, ана вай, ойими дуохон Хосият ҳам ҳастанд-мӣ?

М а н з у р а. Нестанд. Онҳо намехоҳанд.

З а н а к и  ш а т т о ҳ. Намехоҳанд? Шумо дар хонаашон меистеду онҳоро розӣ накардед? Ё гапатон нагузашт-мӣ ба онҳо?

М а н з у р а. Нагузашт.

З а н а к и  ш а т т о ҳ. Гузаронед-дия! Гузаронеду баъд ба мо гап занед. Охир онҳо ҳам нони советии моро мехуранд, кор кунанд-дия! Ойим кампирҳои як по дар гурро аллонда дуою туморашро пул мекунад, Хосият бошад, кораш бозоргардию дуппифурушӣ. Ана онҳоро ба кор кашед! Онҳо ба кирмакдорӣ ҳамроҳ шаванд, ман ҳам ҳамроҳ мешавам, набошад не!

З а н а к и  ш у х. Бало ту, Ӯғул! Чиба ҳамин гап ба хотири ман нарасид? Рост мегуӣ, онҳо кор кунанд — мо ҳам мекунем.

З а н а к и  ш а т т о ҳ. Худи ойим ҳамроҳ нашавад, садқаи сар, аммо Хосият мо катӣ кор кунад! Шарти ман ҳамин. *(Кузаашро бардошта меравад)*.

З а н а к и  ш у х. Шарти ман ҳам ҳамин. *(Қумғонашро бардошта равон мешавад)*.

З а н а к и  г у л *(ба ёдаш омада)*. Вой ман мурам, зирбакам сухта чизғин шуд! Марг ба ҳушу ёди ман! *(Саросема давида, ба ақибаш нигоҳ карда)*. Хайр, Маҳбубаю Ӯғул чи ки гуянд, ман ҳам ҳамун; аммо ман аз кирми пилла метарсам. *(Меравад)*.

Ҷ у р а б о й. Ана, маҷлис тамом. Мо ҳам акнун дукона бандем мешавад. Ба ҷои гапҳои насия ду-се кило сабзию пиёзи нақд мехаридетон — беҳтар буд.

П а р д а.

## НАМОИШИ ДУЮМ

Ҳавлӣ. Дар тарафи чапи саҳна айвон ва тирезаҳои хонаест, ки дар вай Зиёдахон, Шокарим, Маҳзода ва Хосият зиндагонӣ мекунанд. Дар саҳни ҳавлӣ кат гузошта шудааст. Дар тарафи росттари саҳна хоначаи озодаест, ки дар он Манзура иҷора менишинад. Таҷҳизоти хонача: каравоти яккаса, кресло, столчаи хатнависӣ бо лампаи электрикии руистолии сарпушакаш сабз ва радиоприёмники хурдтарак, столчаи таомхурӣ, ду стул. Дар фарши хона қолинча андохта шудааст.

Пушти ин хонача — ҳаёт, боғча.
Манзура дар кресло нишаста, дар рӯи зонуяш китоби кушода, радио мешунавад, аз радио овози форами занона тарона мехонад. Дар рӯи ҳавлӣ Хосият ду дӯппии нави чустиро аз тахтакаш бароварда, об пуф карда фарох менамояд. Маҳзода хафа ва озурдахотир аз хона мебарояд.

Хосият. Пурсидӣ?

Маҳзода сар ҷунбонида тасдиқ мекунад.

Чӣ гуфтанд?

Маҳзода. Не мегӯянд.

Хосият. Ба пеши Манзура даро. Хоҳиш кун, ба холаам гап занад. Рав.

Маҳзода рафта дари хоначаи Манзураро мекӯбад.

Манзура. Марҳамат, дароед.

Маҳзода медарояд.

Биё, Маҳзода. Ҳа, чаро қавоқат овезон?

Маҳзода хомӯш.

Медонам, модарат ба кор кардани ту розӣ нестанд. Биё, шин.

Маҳзода. Апаҷон, бибем катӣ худатон гап занед, бибема розӣ кунед.

Манзура. Ту аз таҳти дил мехоҳӣ кор кунӣ? Инкубатор ба ту маъқул?

Маҳзода. Аз бозе ки шумо «биё бо ман кор кун, шогирди ман шав» гуфтед, маро шабҳо хоб намебарад; агар барад, дар хобам инкубаторро мебинам. Қошкӣ ман ҳам монанди Меҳрӣ, Фотима, Наташа аппаратор шуда кор мекардам! Дигар ба ман ҳеҷ чиз даркор набуд.

Манзура. Меҳрӣ ва Фотима ҳам кор мекунанду ҳам дар мактаби ҷавонони қишлоқ мехонанд, ту бошӣ...

Маҳзода. Ман ҳам боз ба хондан медароям, дар он мактаб синфи шашӯм ҳаст; бибем маро баъди синфи панҷӯмро тамом карданам аз хондан мононда буданд. Бибемро розӣ кунед, апаҷон, ба ман ёрӣ диҳед, илоҳӣ бою бадавлат шавед, гиреду нагиронед, азизу авлиёҳо мададгори шумо бошанд.

Манзура *(хандида)*. Ту маро дуо мекунӣ, духтараки рӯҳонӣ? Духтари Зиёдахон-ойим буданат маълум. *(Ҷиддӣ)*. Ин гапҳои бемаъниро такрор накун. *(Баъд аз сукут)*. Маҳзода, ба розӣ нашудани модарат сабаб чист?

Маҳзода. Худатон медонед.

Манзура. Ту ба ман то ҳол сирратро накушодӣ: арӯси кистӣ ту? Домодшавандаат кист?

Маҳзода. Вай... худашро ман фақат як бор дидагӣ... Масаидхӯҷа...

Манзура. Ҷавон аст?

Маҳзода. Ман чӣ донам... Пештар зан доштааст...

Манзура. Худат розӣ шудӣ, ки ба вай расӣ? *(Маҳзода сарашро поин меандозад)*. Розӣ нашудӣ?

Маҳзода. Мо... хӯҷа ҳастем... Вай ҳам аз хӯҷаҳо будааст. Бибем... гап задагӣ...

Манзура *(баъд аз сукут бо алам)*. Ин тавр бошад, шӯ кун, рас ба ҳамон номзадат — Масаидхӯҷаи тарозудор! Қор кардан чӣ лозим ба ту? Хондан чӣ лозим? Модом ки ту ҳамин хел фармонбардори бефаҳму бешуур бошӣ, албатта, модарат кори дуруст кардааст, ки аввал туро аз мактаб монондаасту акнун ба одами худаш ёфтагӣ ва худаш хостагӣ медиҳад!

Маҳзода *(қариб гиριста)*. Ман бефаҳм нестам, апаҷон, аммо ҳозир агар як чиз гӯям, бибем маро оқ мекунанд, мекушанд, ё худашонро мекушанд, илоҷам нест, чӣ кор кунам? Аз бозе ки ман бо шумо шиносо шудам, чашмам хеле кушода шуд, хеле чизро фаҳмидам. Шумо маро халос карда ба кор гиред, хононед, баъд... ман худам роҳамро ёфта меравам...

Зиёдахон аз хона мебарояд.

Зиёдахон *(ба Хосият)*. Дӯппиҳоят тайёр-мӣ?

Хосият *(қаҳрӣ барин)*. Тайёр. Ана. *(Ишора ба дӯппиҳо)*.

Зиёдахон *(онҳоро аз назар мегузаронад)*. Маҳзода канӣ? *(Ҷеғ мезанад)*. Маҳзода!

Маҳзода *(мебарояд)*. Ҳа, бибиҷон?

Зиёдахон. Чӣ як зайл ба пеши вай медавӣ *(ишора ба хонаи Манзура)*. Ин дӯппиҳоро ба бозор

гирифта бар! Тез бош, вақт рафт. *(Дӯппиҳоро ба дасти вай медиҳаду яктаҳеро аз мех гирифта ба ҷои саргирак ба сараш мепартояд)*. Нархаша аввал ҳафдаҳ сӯм гӯй, сонӣ аз сездаҳ сӯм кам нафурӯш! Рав тезтар!

Маҳзода. Онрӯзангӣ барин милиса дорад, чӣ кор мекунам?

Зиёдахон. Милисаро ки дидӣ, дӯппиро даррав ба остинат руст кун. Ба харидор дӯппиро аз таги саргиракат қиттекак нишон дода мону баъд имо карда ба канортар ҷеғ зада савдо кун. Тез бош, вақт рафт. *(Ба Хосият)*. Ту ба ҷомашӯӣ сар кун. Ман ба мушкилкушо меравам, Мастонкампир дар хонааш мушкилкушо мекардааст. *(Меравад)*.

Ҷӯрабой *(дар роҳрав худро ба паси дар гирифта, Зиёдахонро гузаронда мефиристонад)*. Хайрият, баромада рафтанд тӯпалангпошо. Акнун бо Хосиятхон якка ба якка гап зада, дар пешашон маддаи диламро мекафонам. Ҳар чӣ бодобод, ё тир кафад, ё ҷувоз.

Маҳзода *(баромада истода, дар роҳрав ба Ҷӯрабой дакка хӯрд)*. Вой мурам, ин кӣ?

Ҷӯрабой. Ман, Маҳзодахон. Натарсед.

Маҳзода. Қариб дилкаф шуда будам.

Ҷӯрабой. Хӯш, бо ин шитобу ҷадал куҷо рафта истодаед?

Маҳзода. Напурсед. Ана! *(Дӯппиҳоро нишон медиҳад)*. Ба ҷои хондан, кор кардан, ман дӯппифурӯшӣ мекунам. Модари пулпарастам маро...

Ҷӯрабой. Ҳа, илоҳӣ ба тухми он кас барака диҳад, аз дасти он кас чашми яке ашкбор, дили дигаре хуншор... Мехоҳед, ман ба шумо як роҳ нишон диҳам, хоҳарам?... Биёед.

Ҳар ду мебароянд.

Аз хонаи Манзура садои радио мебарояд: суруди «Алла»-ро Тӯҳфа Фозилова суруда истодааст. Хосият ба суруд гӯш андохта ба таги тирезаи Манзура меояд. Манзура Хосиятро дида мемонад.

Манзура. Хӯш, канӣ, Хосиятхон, ба хона марҳамат кунед, радио мешунавем.

Хосият. Раҳмат, корам ҳаст. Ҷомашӯӣ кардаам лозим.

Манзура *(аз хона ба назди Хосият баромада)*. Хосиятхон, маслиҳати мо ба чӣ қарор гирифт? Ба кирмакдорӣ ҳамроҳ мешавед?

Хосият. Не, Манзурахон, монед, маро ба ин корҳо қатӣ накунед. Ба дилам ҳеҷ чиз намеғунҷад.

Манзура. Ба шумо ин хел ноумедӣ, дилшикастаги намезебад, шумо ҳоло ҷавон ҳастед...

Хосият *(табассуми ғамгинона)*. Ҷавон... Як вақтҳо ман ҳам дуппа дуруст одам будам. Орзу-ҳавас доштам. Дар Вахш ба колхозамон кор мекардам. Кирмакдорӣ ҳам кардам. Аз ҳар қуттии тухми кирмак сад-саду даҳ килогӣ пилла рӯёнда мукофотҳои калон ҳам гирифтам. Он вақтҳо гузашт... Акнун мардум мегӯянд — ту канизи хона, чӯрии хола шудӣ. Гӯянд, гуфтан гиранд. Дар байни кору бори хона ман як қадар ғамамро фаромӯш мекунам... Ман аз одамҳо безор, аз зиндагӣ ҳам безорам... Ба ҳеҷ чиз дилгармӣ надорам...

Манзура. Ин тавр нагӯед, Хосиятхон! Бахту толеатон акнун кушода мешавад. Модаркалони ман: «Моҳ ҳамеша дар паси абр намемонад» мегуфтанд. Моҳи шумо ҳам мебарояд, Хосиятхон. Ба одамҳо ҳамроҳ шавед, ҳамроҳ кор кунед, кам-кам ғаму ғуссаатонро фаромӯш мекунед. Боз орзу-ҳавас, шодию хурсандӣ ба дилатон роҳ меёбад.

Ҷӯрабой ва Ғаниҷон пайдо мешаванд.

Ҷӯрабой. Ассалому алайкум. Манзурахон, ин кас шуморо мепурсанд.

Ғаниҷон. Манзура!.. Салом.

Манзура. Шумо?.. Шинос шавед, Хосиятхон, дӯсти ман Ғаниҷон. *(Шиносоӣ)*. Ба хона марҳамат.

Ҳар ду ба хоначаи Манзура медароянд.

Ғаниҷон. Хонаи...

Манзура. Бале, иҷора.

Ҷӯрабой *(дар рӯи ҳавлӣ ба Хосият)*. Янгамуллом дар хона-мӣ? Редискаашон ба фурӯш рафт, пулашро овардам.

Хосият. Ба болои кат монда равед.

Ғаниҷон *(дар хонача)*. Манзура, азизам! Мунтазир набудед, ки меоям? Пазмон шуда, аз пазмонӣ мурда-мурда боз зинда шуда, суроғ карда омадам.

Хосият *(дар рӯи ҳавлӣ ба Ҷӯрабой)*. Ҳа, чиба истодед? Пула монда равед.

Ҷӯрабой. Амонати кас... Аз кат мумкин аст шамол парронад, ё пишак барад.

Манзура *(дар хонача ба Ғаниҷон)*. Шумо ба Помир рафтеду маро ба ин ҷо ба кор таъин карданд... Кай баргаштед?

Ғаниҷон. Дина. Дар бозгашт, байни Хоруғ ва Ӯш, колоннаи мошинаҳои мо ба тарма дакка хӯрд, ду рӯз дар байни кӯҳҳо монда, роҳ тоза кардем.

Хосият. Хӯш, Ҷӯрабой ака! Боз ягон гапе доред магар?

Ҷӯрабой. Хосиятхон, росташро гӯям, пули редиска баҳона... Ман ба узрхоҳӣ омадам. Он рӯз надониста, ҷоғам дар гӯр, як даҳан гапи беҷо зада мондаам, шумо хафа шуда рафтед... Мебахшед-дия.

Манзура *(ба Ғаниҷон)*. Ба кофэ майл доред? Қофэи гарм ҳаст.

Ғаниҷон. Қошкӣ.

Ҷӯрабой. Пушаймонам, Хосиятхон, сад бор пушаймон, аз гуноҳам гузаред.

Хосият. Ман аз «гавҳари шабчароғ» гуфтани шумо хафа нашудаам: охир, ба гуфти одамҳо, кас дар хобаш гавҳари шабчароғ бинад, ба хушбахтӣ мерасидааст...

Ҷӯрабой. Ҳамтӯ ки бошад, гавҳари шабчароғи ман худаки шумо будаед, ман як зайл дар хобам шуморо мебинам.

Ғаниҷон. Дар ин ҷо боз чӣ қадар меистед?

Манзура. Боз ягон ду моҳ.

Ғаниҷон. Ду моҳ! Манзура, сабри ман кифоя намекунад, ду моҳ бисьёр!

Манзура. Бисьёр? Ин ба ман вобаста нест, инкубатория боз ҳамин қадар вакт кор мекунад.

Хосият. Хайр шуд, акнун равед.

Ҷӯрабой. Хосиятхон, охир, ман шуморо... Шумо худатон бояд фаҳмида бошед, дарду балотона ги-

рам, дар пеши поятон мурам. Шумо ба ман худата аз бом парто гӯед, мепартоям, худата овез гӯед, меовезам.

Хосият. Тавба!.. Охир, холаам ё поччом омада мемонанд.

Ҷӯрабой. Биёянд, омадан гиранд... дина маро раис ба саҳро рав гуфта аз дӯкон пеш карданд. Имрӯз шумо аз наздатон пеш кунед... Акнун ман ба куҷо равам? Ин сари сахтама ба куҷо занам?..

Ғаниҷон. Ин тавр бошад, хона аз даст меравад.

Манзура. Кадом хона?

Ғаниҷон. Автобаза ба ман аз хонаҳои нав квартира доданӣ. Ду хона, ванна, оби гарм. Аммо ба шарте, ки ман оиладор шавам. Хона тайёр, имрӯзҳо тақсим мекунанд...

Ҷӯрабой. Хосиятхон! Донед, ки ман одами унзайлин... булҳавас не, ниятам пок, дилам соф. Акнун маро ба асфалассофилин партоед ҳам, шумо мепартоед, ба осмони ҳафтӯм бароред ҳам, шумо мебароред. Аз шумо сирри махфӣ надорам: дар вақташ ман ба умед ба як сағира хонадор шуда будам. Аммо, бечора, умраш кӯтоҳ будааст, баъди ду соли хонадориамон вафот кард. Аз вай якта духтарча монд... Чӣ мешавад ки, Хосиятхон, шумо сари мани ғарибро сила кунеду... ба ҳамун духтарчаам модар шавед?

Хосият *(дар изтироб)* Модар... модар шавам!.. Қошкӣ мани сиёҳбахт модар шуда тавонам!..

Ғаниҷон. Оила месозем, Манзура, оилаи нағз... Охир, ман ду сол боз мунтазирам. Ҳозир вақташ расид. Дар инкубатория ба ҷои шумо одам мeёбанд. Ман намехоҳам, ки хона аз даст равад. Директорамон рафиқ Нуъмонов мегӯянд, ки: ту, Ғанӣ, аввал як тӯи калон карда медиҳӣ, сонӣ загскоғазатро оварда нишон медиҳию хона мегирӣ, вагарна саломатиат даркор, Ғанӣ, хонаро аз қоқи нав мегирӣ, мегӯянд.

Хосият. Ман бетолеам... ман як бадбахтӣ дорам...

Ҷӯрабой. Медонам, аммо...

Хосият... шуморо ҳам бадбахт мекунам.

Ҷ у р а б о й. Ин гапро асло ба даҳан нагиред. Ман шавҳари пештараатонро мешиносам, вай зани нав гирифт, аммо аз ин занаш ҳам ду сол боз фарзанд нест. Кӣ медонад, ки гуноҳ ба кӣ? Шояд бахти ману шумо кушода шуда равад. Ҳамин хел ҳам мешавад...

Х о с и я т. Ишқу ҳавас мегузарад, сонӣ орзуи фарзанд пайдо мешавад, «фарзанд мехи қайчии оила» гуфтаанд. Фарзанд ки нашуд, оила намепояд... Аз ман хафа нашавед, Ҷӯрабой! *(Мебарояд)*.

Ғ а н и ҷ о н *(дуторро гирифта замзама мекунад)* «Ошиқам ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон! Сӯхтам дар орзуят, гар намедонӣ бидон!»

Ҷ ӯ р а б о й *(аз берун гӯш мекунад)*. Ошиқам, ошиқ ба рӯят, ба мӯят, ба чашмонат, ба қаду қоматат, аз нохуни по то ба фарқи сарат, гар намедонӣ, бидон! Сӯхтам дар орзуят, дар ҷустуҷӯят, дар фироқат, дар ноз карда маро куштаниҳоят, гар намедонӣ, бидон, Хосиятхон!

Хосият баргашта, шунида, механдад.

М а н з у р а. Ғаниҷон, азизам, гап ҳамин ки ман ҳозир корамро партофта рафта наметавонам, ҳақ надорам. Ғайр аз инкубатория, ман дар ин ҷо боз як кори нав сар карда мондам.

Ғ а н и ҷ о н. Охир, аз хона маҳрум мешавем. Ин ҳазл не. Баъд мумкин, ки ду сол-се сол хона гирифта натавонем.

М а н з у р а. Хона гуфта ман чӣ тавр корамро партофта меравам? Ҳазорон-ҳазор тухм, ҳазорон-ҳазор чӯҷа...

Ғ а н и ҷ о н. Оббо... Тухм, чӯҷа!.. Ба ростӣ, қиссаи ошиқу маъшуқии моро агар ягон нависанда нависад, сарлавҳаашро «Ишқ ва чӯча» монад ҳам мешавад. Мурғи ишқи мо кай чӯҷа меоварда бошад!.. Хайр, саломат бошед.

Мебарояд, дар роҳрав ба Ҷӯрабой дучор мешавад.

Ҷ ӯ р а б о й. Чӣ шуд, ҷӯраҷон? Димоғатон сӯхтагӣ барин менамояд?

Ғ а н и ҷ о н. Ранги рӯи худатон ҳам кандагӣ барин менамояд-ку?

Ҷ у р а б о й. Ҳа, чормағзи ин ҷо ба дандони мо сахтӣ кард.

Ғ а н и ҷ о н. Ба дандони мо ҳам.

Ҷ у р а б о й. Ҳамту-мӣ? Набошад ҳамдард будаем. Биёед, рафтем.

Мераванд.

М а н з у р а. Ғаниҷон, ҳо Ғаниҷон!... *(Худ ба худ)*. Қаҳр кард.

Зиёдахон ва Шокарим аз берун моҷаро карда меоянд.

З и ё д а х о н. Муйсафеди бетавфиқ, ба ҳамаи ҳамин шумо гунаҳкор!

Ш о к а р и м. «Духтари нағз будааст, иҷорапулиро пешакӣ медиҳад», гуфтагӣ кӣ буд?

З и ё д а х о н. О, ман иҷора шинад гуфта будамдия, яктаву ягона духтарам, ҷиянамро аз роҳ барорад гуфта будам-мӣ? Худи ҳамин рӯз бароварда пеш мекунед!

Ш о к а р и м. Ман шумо барин бешарму руйнатан нестам. Манзура духтари нағз, баодоб, хушмуомила...

З и ё д а х о н. Нағз, баодоб бошад, ба бағалаш даромада шинеду ба ман дусад сум ёфта медиҳед, ман рафта талоқпаттаатонро оварда, ба дастатон медиҳаму кафшатона пеш мемонам.

Ш о к а р и м. Э, тавба! О, вай духтари худамо барин-ку, беҳаё! Э, ба деги асфальт ғалтед-е!

М а н з у р а *(аз хоначааш баромада)*. Хуш, холаҷоне, боз амакамро коҳиш карда истодаед?

З и ё д а х о н. Не, ҳеҷ гап не, ҳамин тавр... ҳазл карда истодаем... Як қитиқ карданд, ки қариб ҷонам баромада буд.

Ш о к а р и м. Қошкӣ тезтар мебаромад.

М а н з у р а. Хола, ман ба шумо дар бораи Маҳзода гап заданӣ будам.

З и ё д а х о н. Гапи мезадагетона медонам, гардам. Маҳзода ба янгиботури шумо намеравад. Вай духтари камсавод, беақл аст, аз дасташ кор намеояд. Беҳ-

тар ки шумо ба худатон аз ҷои дигар шогирд кобед, гардам.

Манзура. Ба фикрам, Маҳзода духтаратон бошад ҳам, шумо ҳанӯз вайро нағз нашинохтаед, хола. Вай беақл не.

Шокарим. Беақл вай не, балки...

Зиёдахон. Шумо нафас ях шавед!

Манзура. Маҳзода бо ман якчанд бор ба инкубатор рафта, ба аппаратorҳо ёрӣ дода, корро қариб ёд гирифта монд.

Шокарим. Бале, бале, қобилияташ ҳаст.

Манзура. Зеҳнаш, тез, ба болои ин худаш бисьёр ҳаваси кор кардан дорад.

Зиёдахон. Охир, духтарам бафотиҳа аст, гардам.

Манзура. Хайр, бошад чӣ? Худи ман ҳам, ба лафзи шумо гӯям, бафотиҳа ҳастам.

Зиёдахон. Шумо дигареду Маҳзода дигар, гардам.

Шокарим. Ҳой, пошохон, ман дам шиштанӣ будам, шумо даҳонамро хорондед. Духтаракатон ба бозор равад — майлаш, дӯппӣ фурӯшад, савдогарӣ кунад — майлаш, аммо ба инкубатор наравад, ҳамтӯмӣ? Э, зимистон ба таги барф монед шумо.

Зиёдахон. Шумо ба таги тарма монед илоҳим. Ҳой, мусулмонҳо, монетон ман ба тинҷию хотирҷамъӣ духтарамро барорам, ана баъд ихтиёраш, хоҳ ба янгиботур кор кунад, хоҳ ба саҳро баромада каланд занад. (*Ба хона медароя*д).

Шокарим (*ба Манзура*). Шумо пулаша гап занед, моҳонеша.

Манзура (*аз паси дари хона*). Хола, Маҳзодаатон ба кор дарояд, моҳи якӯм чил сӯм, аз моҳи дуввӯм сар карда шастсӯмӣ музди кор мегирад.

Зиёдахон (*баромада*). Лаббай? Шастсӯмӣ?

Шокарим. Ҳа, накдонакд шастсӯмӣ мегирифтааст.

Зиёдахон. Ҳар моҳ?

Манзура. Бале, ҳар моҳ!

Шокарим (*ба Манзура оҳиста*). Қариб пухт.

З и ё д а х о н. Янгиботуратон фақат се моҳ кор мекунаду халос? Чиба ин қадар кам, гардам? Хайр, Маҳзода агар худаш хоҳад, ман чӣ ҳам мегуфтам...

Маҳзода меояд.

М а ҳ з о д а *(дӯппиҳоро бо қаҳр ба тарафи модараш ғурронда)*. Исқот монад ин дӯппӣ! Сездаҳсӯмӣ ҳеҷ кас намехарад, артель даҳсӯмӣ фурӯхта истодааст. Ба дасти милиция ғалтидам, шарманда шудам. Маро кушанд ҳам, минбаъд ба бозор намеравам!,

З и ё д а х о н. Чӣ, чӣ? Ман нону оши муфт надорам, касе ки кор намекунад, намехӯрад!

Дар дами дари берун. Ҷӯрабой, занаки шӯх, занаки шаттоҳ, занаки гӯл пайдо мешаванд. Ҷӯрабой ба ҳавлӣ медарояд.

Ҷ ӯ р а б о й. Янгамулло, участковой омадааст, ҳавлии оймуллои дӯппифурӯшро мепурсад.

З и ё д а х о н *(тарсида)*. Лаббай? Участковой? О, чиба сар карда овардед вая?..

Ҷ ӯ р а б о й. Прокурор занак ҳам ҳамроҳаш...

З и ё д а х о н. Чӣ, чӣ? *(ба шавҳараш)* Ҳой, мардак, акнун чӣ кор мекунем?

Ш о к а р и м. Ман нагуфта будам? Ҳолатон-ку ҳамин!

Ҷ ӯ р а б о й. Хайр, ба онҳо чӣ гӯям?

З и ё д а х о н. Гӯед... ки оймулло аз ин ҷо кайҳо кӯчида рафтагӣ. *(Ба шавҳараш)*. Мардак, чӣ меистед, бароед охир...

Ш о к а р и м. Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ.

З и ё д а х о н. Ҷон дадеш, баромада гӯед, ки зани ман инхела не, мӯмину мусулмон аст, илоҳӣ барака...

Ш о к а р и м. Не, не, ман гапи дурӯғ асло нагуфтаам.

З и ё д а х о н. Тавба кардам, дадеш, дӯппӣ дар ғӯр...

Ҷӯрабой ба наздики дар берун рафта ҳуштак мекашад.

Вой мурам! Омаданд, маро гирифта мебаранд.
Чӣ кор кунам, куҷо равам? Ҳой Ҷӯрабой! Гӯед, ки вай занак кайҳо мурдагӣ.

Ба хона даромада пинҳон мешавад, боз аз дар сарашро бароварда.

Бо дасти худам гӯр кардам гӯед. *(Ғоиб мешавад).*

Занҳо хандакунон медароянд.

Шокарим. Боракалло, Ҷӯра! Боб кардӣ!

Ҷӯрабой *(ба як тараф).* Боб карданба-ку боб кардам, аммо вай акнун мурад ҳам, ҷиянаша ба ман намедиҳад.

Парда.

## ПАРДАИ ДУЙӮМ

### НАМОИШИ СЕЙӮМ

Ҷои намоиши дуйӯм. Шокарим, дар чашмаш айнак, болои кат нишаста газета мехонад. Хосият ба кору бори хона андармон аст ва даро-баро карда меистад.

Зиёдахон як фаранҷии сабзранги духтарона дар даст аз хона мебарояд, фаранҷиро меафшонад, шамоли он газетаи Шокаримро мепарронад.

Шокарим. Ҳой, оҳистатар! *(Чашмаш ба фаранҷӣ ғалтид).* Фаранҷӣ? Аз куҷо?

Зиёдахон. Аз худамон. *(Фаранҷиро ин сӯ-он сӯ гардонда мебинад).* Чил сол боз дар сандуқ хобидааст. Раҳматӣ бибем ба ман дар вақти келинчакиам дӯзонда буданд.

Шокарим. Акнун фурӯхта пул карданӣ ҳастед магар?

Зиёдахон. Фурӯшам ҳам мешуд-ку, аммо канӣ харидор?

Шокарим. Хайрият ки харидор нест: фаранҷиро акнун ба як пули пучак ҳам ҳеҷ кас намехарад.

Зиёдахон. Ин ҷо шинед, чол. *(Худаш дар лаби кат менишинад. Шокарим — ба паҳлӯи ӯ).* Ман як чиз фикр кардам, мехоҳам бо шумо маслиҳат кунам...

Шокарим. Ба фаранҷиатон харидор ёбам? Хӯше! Мондан гиранд — шумо аз рег равған мекашеду аз дарьёи хушк моҳӣ медоред!

Зиёдахон. Не, охир; аввал гапама шунавед! Тавба, ман ба чӣ хаёлу ин мардак чиҳо мегӯяд. «Ха-

чира пурсиданд — падарат кист? Гуфт — холаам модиён».

Шокарим. Хӯш, чӣ фикру чӣ маслиҳат?

Зиёдахон. Ба мушкилкушои Мастонкампир қудошавандаам Соҷидахон-ойим ҳам омада буден, ба ман аз Маҳзода гап кушоданду рамуз карда як олам суханҳои нешдор гуфтанд: «Духтаратона бачаҳо дар бозор диден, бо сару рӯи кушод гашта будааст, ин чӣ гап, гардам? Охир пага-бега ман вая келин карда, ба хонаам мебиёрам-а! Ба духтар ҳаё лозим, исмат лозим; то ба дасти соҳибаш дода узод кардана пардаи рӯяша нигоҳ доред, ҳа! Агар бозор равад ё шаҳр бароянд, ба сараш паранҷӣ гирифта бароянд, ҳа!» Ҳамин хел, гӯед, кампири беимон ба ман айб мондани шуд.

Шокарим. Ҳақ дорад. Дег ба дег гуфтааст — рӯят сиёҳ.

Зиёдахон. Гӯё ки худи ман ин расму таомула намедониста бошам.

Шокарим. Ҳамина гӯед-а, пошохон. Шумо-ку садтаи вай барин расму таомулшиносро ба як нӯл мезанед!

Зиёдахон. Таънаҳои Соҷидахон-ойим камтар ҷо дорад: ҳақиқатан ман дар ҳаққи Маҳзода саҳл бепарво шудаам. Беҳтар, ки вай дар кӯчаю бозор камтар гардад... гардад ҳам, бо рӯи кушод нагардад.

Шокарим *(бо киноя)*. Ҳо, албатта! Гуноҳ мешавад-а, гуноҳ!

Зиёдахон. Охир, мо хӯҷа ҳастем. Аз хӯҷазодаҳо ба духтарам базӯр якта хостгор баромаду мабодо вай ҳам аз нияташ гардад, духтарама нагирад, ман чӣ кор мекунам? Боз як хӯҷазодаи дигара аз куҷо кофта меёбам?

Шокарим. Ҳо, дар ҳақиқат, мумкин, ки духтаратон бе шӯй монад. Ҳамин домодшавандатона маҳкам доредy сар надиҳед, пошохон. Лаънатӣ, агар не гӯяд, духтаратона бурда ба зӯрӣ дар бағалаш тиққонед, савоб мешавад.

Зиёдахон. Шумо чиҳо гуфта истодаед, бетавфиқ?

Шокарим. Савоб мешавад мегӯям.

Зиёдахон. Муред шумо. Ман ин мардакро одам гуфта маслиҳат андозам, вай ба ман писханд мезанад.

Шокарим. Дар кори шармандагӣ ман маслиҳатчӣ нестам, пошохон.

Зиёдахон. Қадом кори шармандагӣ?

Шокарим *(ришханд карда)*. Хӯҷазода гуфта Маҳзодаро ба як марди беваи чилсола дода истодаед, ки вайро духтаратон ҳатто надидаасту намешиносад. Ин як шармандагӣ. Мардак серпул-дия, қалини калон медиҳад. Хӯҷа буданаш ҳамтӯ баҳона. Акнун фаранҷии чилсолаатонро аз нафталин бароварда ба сари духтаратон — духтари озоди имрӯза пӯшонданӣ мешавед. Ин ду шармандагӣ. Дар ҳамин корҳои пасту нолоиқ шумо аз ман маслиҳат мепурсед? Ҳай-ҳай. Шумо, маро кӣ гумон кардед, пошохон?

(Ба тарафи ҳаёт баромада меравад).

Зиёдахон *(аз қафои вай)*. Ваъз нагуфта мурел шумо, бетавфиқ. Шарманда худатон. Ман ба расму одати мусулмонӣ кор мекунам. Духтари маро шумо калон накардаед! Ман ба гапҳои шумо, бетавфиқ, даромада духтарамро бепарда кунам? Падари худаш мешуд, ин тавр намегуфт. Аз шумо кай як маслиҳати дуруст баромада буд? Таънаҳои бемазаатон ба ман як пул; донистагии худамро мекунам.

Маҳзода аз кор меояд.

Ҳа, чиба ин қадар хандону шукуфон ту имрӯз?

Маҳзода. Акнун ман аппаратор ҳастам, бибиҷон, аппаратори ҳақиқӣ. Приказ баромад.

Зиёдахон. Апаротур яъне чӣ? Моҳонеш чанд пул?

Маҳзода. Намедонам. Имрӯз ман, бибиҷон. якӯм бор худам танҳо, бе ёрии дигарон, панҷ сабад тухмро ба таги лампаи электрикӣ монда, дида, сара карда баромадам. Манзура апам корамро дида хуш карданд, ҳатто офарин гуфтанд.

Хосият. Худи Манзура канӣ? Чаро бо ту наомад?

М а ҳ з о д а. Манзура апам бо занҳо ҷои кирмакдориро диданӣ рафтанд, дертар меоянд.

Шокарим белу аррача дар даст меояд.

Амакҷон, шодиёна диҳед, ман ба кор қабул шудам, приказ баромад.

Ш о к а р и м. Нағз. Ман бисьёр хурсандам. Муборак бошад.

Дар паҳлуи кат нишаста, белу аррачаашро сӯҳон мезанад.

Аз Манзура миннатдор бош. Бечора ба ту барин, Хосият барин, модарат барин зану духтарҳо, ба Фазилату Маҳбубаю Ӯғулҳо дилаш месӯзад. Ғами вай ин ки ҳамаи шумо, хонашинҳо, кор кунетон, касбу ҳунар ёд гиретон, ба халқу мамлакат фоидарасон бошетон. Ёдаш ба хайр, духтари доно будааст.

М а ҳ з о д а *(чашмаш ба фаранҷии дар болои кат хобида меафтад)*. Кӣ омад ба хона? Ин фаранҷии кӣ?

З и ё д а х о н. Аз ман буд, акнун аз ту мешавад.

М а ҳ з о д а *(гапи модарашро шӯхӣ дониста)*. Ба худатон насиб кунад, бибиҷон. Ё, беҳтараш, ба ҳеҷ кас насиб накунад.

Барои шӯхӣ фаранҷиро ба сараш гирифта, чашмбандашро фуроварда, ин сӯ-он сӯ мегардад.

Читӯ, ба мурдаи кафанпеч монанд шудам-мӣ?... Наход, ки шумо, бибиҷон, дидаю дониста худатонро кирми пилла барин ба даруни ҳамин чизи фалокат қава карда мегаштед-а?

З и ё д а х о н. Ий, чиба фалокат бошад? Ба ту зебид, духтарам, ҷудо ҳам зебо — оличаноб шудӣ. Айни духтарии худам, келинчакии худам барин! Ҳа, бибиҷонат ҳам як вақтҳо монанди ту зебо буд, барно буд, ба маҳ мегуфт — ту набаро, ман бароям; ба офтоб мегуфт — ту натоб, ман тобам. Духтарам, ин фаранҷиро ҳар вақт ки ба шаҳр барой ё бозор равӣ, ба сарат гирифта баро, ойимдухтарам. Туро дар он ҷоҳо ҳеҷ кас намешиносад, ҳеҷ кас айб намекунад.

Маҳзода ниҳоят дар тааҷҷуб.

Хосият *(бо сатилу кӯза ба берун барои об рафта истода, қаҳролуд ба Зиёдахон)*. Маҳзодаро аввал аз мактаб монондед, акнун навбати фаранҷӣ расид! Сонӣ ба қалин мефурӯшед! Шарм, номус! *(Равон мешавад)*.

Зиёдахон. Бетамиз, ба ту гапа кӣ мондаст?! Ту қатӣ нашав нагуфтам?! Ҳе, афтата бод хӯрад, безурьёт! Агар ту нағз мебудӣ, худо туро безурьёт мекардмӣ? Ту аввал ягонта бача зой, модар шав, баъд гап зан!

Хосият баромада рафт.

Шокарим. Ана акнун хар биёру хархашаро бор кун. Ҳой, пошохон, ҳаё кунед! Занаки муштипарро чӣ ин қадар хор мекунед? Охир, вай ҷигари худатон-а!

Зиёдахон. Шумо ҳам ба ман ақл ёд медиҳед, бетавфиқ? О, чиба надониста ба вай тарафкашӣ мекунед? Шумо ба вай кӣ мешавед? Вай ҷияни ман аст, худам калон кардагӣ, ҳар чӣ гӯям, ихтиёрам, шумо чӣ кор доред?

Зиёдахон ҳар чӣ қадар баландтар ғавғо кунад, Шокарим аррачаашро ҳамон қадар сахттар сӯҳон мезанад.

*(Зиёдахон ба Маҳзода)*. Гуфтагиамро мекунӣ. Фаранҷӣ мегирӣ. Қанӣ гапамро ба замин партофта ҳам бин!

Маҳзода. Кори намешудагиро нагӯед, бибиҷон. Ману фаранҷӣ?.. Тавба!

(Механдад).

Зиёдахон. Чӣ механдӣ, ҷувонмарг?

Маҳзода. Ҳозир якка ман хандида истодаам, бибиҷон, фаранҷӣ гирам — тамоми шаҳр механдад. Ин духтарак аз кадом вайрона, аз кадом гӯр баромад, ё ки ҷиннӣ шудааст-мӣ, гуфта ҳама масхара мекунанд.

Зиёдахон. Масхара кунанд, кардан гиранд, ман парво надорам. Ту келинчак ҳастӣ, ана ҳаминро аз ёдат набарор. Шӯ ки кардӣ, баъд ихтиёрат: хоҳӣ сарлуҷу пойлуҷ гард, куртаи беостин пӯш, мӯята хирманча кун, доманата то зону кун, ман кор надорам. Ҳозир гуфтагема мекунӣ!

Хосият бо Ҷӯрабой меоянд, Ҷӯрабой сатилу кӯзаи оби вайро бардошта медароянд.

Хосият. Шуд, раҳмат. Ба ҳамин ҷо монед.

Ҷӯрабой *(ба Шокарим ва Зиёдахон)*. Ассалому алайкум.

Зиёдахон. Ваалайкум ассалом. Биёед, Ҷӯрабой.

Шокарим. Ҳа, «гавҳари шабчароғ»? Чаро наменамоӣ?

Зиёдахон. Дӯкона монда рафтед гуфта шунидам, чиба инту кардед, гардам? Охир гоҳ-гоҳ яқа-нимқа сабзавоту меваҳои моро фурӯхта медодед...

Ҷӯрабой. Дӯкондорӣ карда шудам, янгамулло. Тамом, бас кардам, «ордро бехтаму элакро овехтам». Ҷӯрабой ҷиянатон акнун минбаъд баргкаш.

Зиёдахон. Баргкаш? Ин чӣ гуфтагетон, гардам?

Ҷӯрабой. Югурдаки ойимҳо, кирмакдорҳо гуфтагем. Раис ба камина ҷудо меҳрубонии калон карданд. Минбаъд Ҷӯрабоятон, якта доскаллаю якта арғамчин ба китф, барг мекашонад. Бригадаи мо, янгамулло, аз дувоздаҳ зану як мард иборат, мардаш камина. Ҳар рӯз ман барг расонда диҳам, додагем, набошад аз дувоздаҳ ойим дувоздаҳ мушти базарба ба ин калла насиба. Дод аз дастат, эй фалаки наркуши модапарвар!.. Хайр, майлаш, мо тан медиҳем... Э, илоҳӣ раисамо дар хобашон гавҳари шаб... Ҷоғам дар гӯр, ман боз лаққида, ҳолу аҳволпурсиро ҳам аз ёд баровардаам. Сиҳат-саломат ҳастед, амак? Шумо ҳам, янгамулло? Маҳзодахон хоҳарам ҳам нағз, димоғашон чоқ, кор карда гаштен-мӣ?.. Маро ҷеғ зада будед, янгамулло, хизмат?

Зиёдахон. Ҳа, картушкаи коридагиамро алаф зер кардааст. Ягон соат вақт ёфта, омада ҳамонро каланд карда медодед, ба ҳаққатон дуо мекардам.

Ҷӯрабой. Ҷонам катӣ, янгамулло. Аммо ба шарте, ки сонитар барги тутатонро ҳам ба болои дуо зам карда диҳед.

Зиёдахон. Шумо аллакай ҳамун як бех тути маро ҳам таги чашм кардед-мӣ?

Ҷӯрабой. Тутатон калон, аз вай камаш як машина барг мебарояд.

Зиёдахон. Не, не, гардам, ба тут асло даҳан наандозед!

Шокарим *(ба занаш расонда, бо киноя)*. Ту барои корат, аз ҳад зиёд ҳақ талаб кардӣ, Ҷӯра! Пошохон меваи туташонро фурӯхта як доман пул мекунанд.

Хадичахола аъзоёни бригадаи кирмакдориро сар карда меоварад.

Хадичахола. Мумкин-мӣ дароем? *(Ба занҳо)*. Омадан гиретон.

Занаки шаттоҳ, занаки гӯлро тела дода даровардани мешавад, вай муқобилият мекунад.

Занаки гӯл. Мон, ман намедароям; боз дар ин ҷо маро сеҳру ҷоду накунанд? Метарсам...

Занаки шаттоҳ. Мур ту, тарсончаки худо задагӣ. Занам, ки чаппа шуда афтӣ!

Занаки шӯх. Ба остона пой намон, Фазилат. ҷоду дар таги остона!

Занаки гӯл аз остонаи дарвоза хез зада мегузарад.

Занҳо. Ассалому алайкум.

Зиёдахон *(саросема)*. Ваалайкум ассалом. *(Ба Хадичахола)*. Ҳа, чӣ гап, Хадича? Ин чӣ маърака?

Хадичахола. Маъракаи кирмакдорӣ. Мо ба пеши Хосият омадем, аммо ба шумо ҳам ду-се даҳан гап дорем. Азизон гуфтаанд, ки ойимпошо, як ба гапи калон даро, як ба гапи хурд. Манзураатон аз ҳамаи мо хурд бошад ҳам, мо ба гапаш даромада, кирмакпарвариро ба гардан гирифтем. Вай рост мегӯяд: бекоргардӣ, хонашинӣ бас, мо ҳам гражданҳои советӣ ҳастем, бояд ки меҳнат кунем, ба коммунизмсозӣ иштирок кунем. *(Ба Хосият)*. Наздик биё, духтарам. Мо аз Манзура фаҳмидем, ту пештар дар Вахш кирмак дошта, пиллаи бисьёр гирифта, лоиқи мукофотҳои калон шуда будаӣ, аз ҳамин сабаб мо туро бо як овоз бригадир хостем.

Ҷӯрабой *(ба як тараф)*. Ё бахт! Бригадирашон дар ҷонам занад!

З и ё д а х о н. Чӣ гуфтӣ, Ҷӯрабой?

Ҷ ӯ р а б о й. Ман ҳам ба ҳамин таклиф овоз додам, мегӯям. Бригадирӣ аз Хосиятхон шавад, барг аз мо!

Х а д и ч а х о л а. Акнун ту, агар калтаки Хадичахолаатро хӯрдан нахоҳӣ, ғиринг-пиринг накарда бо мо биёву даррав тухми кирмакро кушода деҳ. Ҷои кирмакдориамон — бинои анбори пештара, дар паҳлӯи инкубаторхона. Мо ҳозир ҳамаамон ба ҳамон ҷо рафта истодаем. Зуд бош, духтарам, вақт нагузарад.

Манзура даромада дар канортар меистад.

З и ё д а х о н. Ҳой, ҳой, худаш чӣ гап, шумо ба Хосият фармон надиҳед. Хадича, вай хизматгори шумо не.

Х а д и ч а х о л а. Рост мегӯед, хизматгор не; хизматгор ба ман даркор ҳам нест, локин...

З и ё д а х о н. Набошад, чиба фармон медиҳед ба вай?

З а н а к и ш а т т о ҳ. Мо ҳақ дорем, ки на фақат ба Хосият, балки ба шумо ҳам фармон диҳем, чунки мо халқ ҳастем.

З и ё д а х о н. Ба ман фармон медиҳӣ? Ту худат кистӣ, ки дар хонаи ман истода ба ман фармон диҳӣ?

Х а д и ч а х о л а. Хона якка аз они шумо не-ку, ойимпошо, аз они Шокарим ҳам, аз они Хосият ҳам.

З и ё д а х о н *(ба занаки шаттоҳ)*. Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки ба ман беҳурматӣ кунӣ? Ин одобро ба ту кӣ ёд дод?

З а н а к и ш а т т о ҳ. Мо ба пеши Хосият омадем, бо шумо кор надорем. Шумо аввал рӯҳонигетона партоед, дуоюю тӯморатона партоед, баъд мо шумо катӣ гап мезанем. Фиребгарӣ, муфтхӯретона бас кунед, мо намебардорем.

З и ё д а х о н. Худоё тавба! Ана тӯҳмат, ана бӯҳтон!..

З а н а к и г ӯ л. Ойтимулло, чиба дар ишками Маҳбуба дуо навиштед? Шӯяш дида монда, вая дошта заданӣ шудааст...

Занаки шаттоҳ «дам шав!» як мезанам, ки гуфта саросема бо кафи дасташ даҳони ӯро мебандад.

З а н а к и ш ӯ х. Чаро шумо намехоҳед, ки Хосиятхон бо ҳамроҳии мо кирмак доранд, ойтимулло?

З а н а к и  ш а т т о ҳ. Чӣ, ихтиёри Хосият ба дасти шумо-мӣ? Қанизи шумо-мӣ вай?

Зиёдахон саросема чӣ гуфтанашро намедонад.

М а н з у р а *(пеш омада)*. Сабр, сабр кунетон рафиқон! Беҳтар, ки ба ин саволҳо худи Хосиятхон ҷавоб диҳанд. *(Ба Хосият)*. Хоҳиши инҳоро шунидед? Қарори маҷлиси бригадаро шунидед? Розӣ ҳастед ё не?

Хомӯшӣ.

З а н а к и  г ӯ л *(нохост ба Зиёдахон)*. Ойтимулло, ба таги остонаатон чиба сеҳру ҷоду андохта мондед?..

З и ё д а х о н *(ҳайрон)*. Чӣ? Боз ин чӣ тӯҳмат?

З а н а к и  ш ӯ х. Ин ҳазл мекунад, ба гапаш аҳамият надиҳед. *(Биқини занаки гӯлро мепучат)*.

З а н а к и  г ӯ л *(ба занаки шӯх)*. Худат гуфтӣ-ку. Тарсида қариб дилкаф шуда будам, оҳӣ!..

З а н а к и  ш а т т о ҳ *(оҳиста)*. Дам шаве, занам, ки чаппа шуда афтӣ.

М а н з у р а. Гап занед, Хосиятхон.

Хосият дам назада, остини барзадаашро мефурорад, сарпешашро мебандад, туфлии дигарашро мепӯшад, ҷомаашро ба даст мегираду аз айвон мефурояд.

Х о с и я т *(ба занҳо)*. Биёед, меравем.

З и ё д а х о н. Ҳой бетамиз, ҳой кӯрнамак, бе рухсати ман куҷо меравӣ?

Х о с и я т. Ман канизи шумо не, ихтиёрам ба дасти худам. *(Пеш-пеши занҳо равон мешавад)*.

Занаки гӯл аз дигарон ақибтар монда, аз остонаи дарвоза хез зада мегузарад.

П а р д а,

## НАМОИШИ ЧАҲОРӮМ

Пешайвони инкубатория. Дар як канори пешайвон стол ва телефон — ҷои кори Манзура. Дар канори дигари он низ столу стул ва сабадҳои тухм, дар болои стол лампаи электрикии тухмсараккунӣ (миражная лампа) — ҷои кори Маҳзода.

Дар саҳни ҳавлии инкубатория ба таги беди маҷнун нимкат (скамейка) гузошта шудааст.

Аз тирезаи инкубаторхона намоён аст, ки Маҳзода, дар танаш комбинезони корӣ, қуттиҳои тухмӣ ба даруни инкубатор андохташударо рӯгардон карда гаштааст. Вай баромада ба ҷои кораш менишинад ва тухмҳоро ба зери лампа монда мебинад. Хосият меояд.

Хосият. Маҳзода! Манзура канӣ?

Маҳзода. Ба танаффус рафтанд. *(Ба соаташ нигоҳ карда)*. Ҳамин замон омада мемонанд. Шинед, апа. Ба Манзура апам чӣ кор доштед?

Хосият *(оҳ мекашад)*. Қирмакам аз даҳа баромад, барги бисьёр лозим, аммо барг нест. Намедонам чӣ кор кунам.

Маҳзода. Ҷӯрабой акем чаро барг намеёбанд? Қофта ёбанд-дия!

Хосият. Дар ин дуру наздик вай накофтагӣ ҷой, вай набуридагӣ шохи тут намонд.

Маҳзода. Ба қишлоқҳои дигар раванд, охир, ба ҳавлиҳои тутдор дароянд. Наход ки...

Хосият. Қирмакдор бисьёр, аз барои ҳар як бехи тут талош, кашмакаш. Ин пагоҳ вай ба колхози «Правда» рафта буд, ки ба қарз бошад ҳам, се-чор банд барг биёрад, аммо то ҳол даракаш нест.

Ҷӯрабой меояд.

Омадед? Барг овардед?

Ҷӯрабой. Овардам. Раисашона амак гуфта, занашона хола гуфта ба зорию тавалло як хар барг рӯёндам.

Хосият *(маъюс)*. Фақат як хар?

Ҷӯрабой. Аз ин зиёд надоданд, чӣ кор кунам? Ба тухмашон барака диҳада, дар хоб гавҳари... одамҳои хасис буден. Аммо, агар инсоф карда гӯем, кирмаки худашон ҳам мӯҳтоҷи барг.

Хосият. Барги овардагиатон то пешин тамом мешавад, баъд чӣ кор мекунем? Қирмак шаб чӣ мехӯрад, пагоҳ, фардо, пасфардо чӣ мехӯрад?

Ҷӯрабой *(ба танг омада дар нимкати зери дарахт менишинад)*. Ӯй, ӯй балотона гирам, Хосиятхон? Ман барои шумо, Хосиятхон, ҷонамро ҳам дареғ намедорам, ҳатто агар ин калла намебуду тут мебуд,

шарти каллак карда медодам, аммо... *(ким-чӣ ба хотираш меояд)*. Ҳа, воқиан... *(шитоб карда меравад)*.

Хосият. Ба кучо меравед?

Чӯрабой. Як кори зарур буд, нав ба ёдам омад.

Хосият ва Чӯрабой меравand, Маҳзода ба кори худ машғул мешавад. Манзура меояд.

Маҳзода. Манзура апа, шуморо навакак Хосият апам пурсида омаданд. Барг нест мегӯянд...

Манзура. Медонам. Хӯш, ту чӣ кор кардӣ?

Маҳзода. Тухмҳои аз колхози «Қалинин» омадагиро дида истодаам. Бинед, брак чӣ қадар! Қариб сеяки тухмҳошон кӯҳна, панҷ-шашрӯза, палағдаҳояш ҳам ҳаст. Инҳоро ба тухмҳои нав қатӣ карда фиристодаанд. Аз афти кор, дар «Қалинин» ким-киҳо колхози худашонро ҳам, моро ҳам фиреб доданӣ шудаанд.

Манзура *(аз тухмҳои брак ду-се тухмро гирифта дар зери лампа нигоҳ мекунад, бо таассуф сар меҷунбонад, ба соаташ нигоҳ карда мепурсад)*. Қуттиҳоро гардондӣ?

Маҳзода *(ба соаташ нигоҳ карда)*. Чорьяк соат пеш гардонда баромадам.

Манзура *(ба сари столи худ рафта боз трубкаи телефонро мебардорад)*. Шаҳодатхон, ин ман. Манзура, районро диҳед... Райцентр? Соедините меня, пожалуйста, с «Қалининым»... Алло, колхози «Қалинин»-мӣ?...

Садои машина: ба берун машинае омада истод. Ғаниҷон медарояд.

*(Манзура ба трубка)*. Як дақиқа, ҳозир. *(Трубкаро намонда, ҳайрон шуда, бо назари савол ба Ғаниҷон менигарад)*.

Ғаниҷон *(хафанамо)*. Салом. Аз «Жданов» тухм овардам.

Манзура. Маҳзода, тухмҳоро фуроварда дар анбор ҷо кунетон.

Маҳзода меравад.

Манзура *(ба трубка).* Алло! Рафиқ Ишмуродов? Салом, Қаримова гап мезанад, аз инкубатория. Тухмҳои дина фиристодагиатон сеякаш брак. Ҳа, брак! Фармоед, омада гирифта раванд. Хоҳишмандам гунаҳгоронро ёфта таъзир диҳед, ки минбаъд тухмҳои палағдаро худашон пухта хӯранду ба мо дурусташро фиристонанд. Айб!

Трубкаро монда, ба паҳлӯи Ғаниҷон, ки дар нимкати зери дарахт нишастааст, рафта менишинад.

Манзура *(баъди сукут).* Ғаниҷон, шумо ҳанӯз ҳам аз ман қаҳрӣ ҳастед?

Ғаниҷон хомӯш.

Хонаи нав чӣ шуд?

Ғаниҷон. «Хонаи нав»! Шумо маро масхара карда истодаед?

Манзура. Не, не, асло. Агар шумо инро масхара кардан гӯед, пас маълум мешавад, ки ман худамро масхара карда истодаам. Охир, барои хонаи нав ман аз шумо камтар афсӯс намехӯрам... Онро ба кӣ доданд?

Ғаниҷон. Чӣ фарқ дорад, ба кӣ доданд? Дар ҳар ҳол, ба ману шумо надоданд.

Манзура. Хайр, ғусса нахӯред... бе хона намемонем. Ба мо боз квартира медиҳанд.

Ғаниҷон. Аз қоқи нав! Думи уштур ба замин расад, хурӯсамо тухм кунад, барзаговамо зояд, ана баъд.

Манзура *(хандида).* Ишқу муҳаббат ба квартир вобаста не, ман шуморо дӯст медорам, шумо ҳам маро дӯст медоред, магар ҳамин ба мо кифоя нест?

Ғаниҷон. Зани мулло Насриддин ба шӯяш гуфта будаст, ки: имрӯз нон набастам, агар гушна бошед, аз ҳусни ман сер шавед; мулло Насриддин ҷавоб дода будааст ки: агар ба болои ҳуснатон якта нони гарм ҳам мебуд, ба ҳуснатон тар карда мехӯрдам, ҷудо соз мешуд. Монанди ҳамин, Манзурахон, агар ба болои ишқу муҳаббати мо якта шифту бом ва ба гирдаш чорта девори маҳкам мебуд, кор ҷудо ҳам ба ҷояш меғалтид.

М а н з у р а *(завқ карда механдад)*. Ғаниҷон, «шифту бом» ҳам мешавад, ҳамааш мешавад, боз камтар сабр кунед.

Ғ а н и ҷ о н. Хеле маслиҳати оқилона! Ба маслиҳат додан ҳеҷ кас хасисӣ намекунад... Ман гурусна ҳастам, хӯрок-пӯрок доред?

М а н з у р а. Ҳа, набошад чӣ, даррав ташкил мекунем.

Шокарим меояд.

Ш о к а р и м *(ба Ғаниҷон)*. Шумо-мӣ? *(Вохӯрдӣ)*. Манзура, давида ба пеши раис рав, духтарам, вай навакак омада, ба кабинеташ даромад. Агар боз баромада равад, кофта ёфта наметавонӣ. Масъалаи баргро гап зан. Қолхозҳои ҳамсоя барои барг овардан ба Балҷувон машинаю одам фиристода истодаанд. Мо ҳам бояд ҳамин тавр кунем, дигар чора нест. Ба шуниданам, раис Хосияту аъзоёни бригадаи ӯро «шумоён ҳоло аъзои колхоз ҳам нестетон, кирмакдориатон аз план берун аст» гуфта, талаби онҳоро ба эътибор намегирифтааст; агар ту гӯй, гӯш мекунад. Гап зан, маҷбур кун, ки ба Балҷувон машина фиристонанд.

М а н з у р а. Хуб, амак, ҳозир меравам. *(Ба Ғаниҷон)*. Биёед, ман ба шумо ошхонаамонро нишон диҳам.

Манзура ва Ғаниҷон мераванд. Маҳзода бармегардад.

Ш о к а р и м *(ба нимкат менишинад)*. Ин ҷо биё, Маҳзода.

М а ҳ з о д а *(омада дар паҳлӯяш менишинад)*. Чӣ гап, амак?

Ш о к а р и м. Аз ту кайҳо пурсиданӣ будам... Чаро ту маро амак мегӯӣ?... Магар ман ба ту падар шуда наметавонам?

М а ҳ з о д а *(мутаассир)*. Ҳамту... одат кардаам. Бибем ҳамин тавр гӯй гуфта буданд. Набошад, албатта, падари ман шумоед... Падари худамро намедонам, ба ёд надорам... Майлаш, минбаъд ман шуморо дада мегӯям. *(Аз гардани Шокарим оғӯш мекунад)*. Шумо хаёл накунед, ки Маҳзода маро нағз намебинад, ман нағз мебинам шуморо, дадаҷон. *(Шокарим оби ба*

*чашмонаш омадаро пок мекунад).* Нағз мебинам; бибем шуморо ҳар чӣ қадар ҷанг кунанд ҳам, ман нағз мебинам. Ман аз шумо як даҳан гапи сахт нашунидам, фақат меҳрубонӣ дидам, насиҳати падарона шунидам.

Ш о к а р и м *(баъди сукут).* Маҳзода, ин пагоҳ, баъди баромада омадани ту, ба хона вай... Масаидхӯҷа... бо модараш омада буд... Ту худат вайро дида будӣ ё не? Охир вай... Ман ҳайронам, наход ки ту розӣ шавӣ?

М а ҳ з о д а *(изо кашида).* Розӣ нестам... Ман намехоҳам!

Ш о к а р и м. Локин модарат дар тараддуд... Вай одам боз як олам ҷиҳозу тӯёна овардааст... Ман аз пушти одам ғайбат карданро бад мебинам-ку, аммо...

Ш о к а р и м. Ту ҳамин гапатро ба бибиат гӯй. Натарс. Албатта, доду бедод мекунад, ғавғо мебардорад, локин аз дасташ ҳеҷ кор намеояд. Ту якка не. Бе кас нестӣ ту.

М а ҳ з о д а. Манзура апам ҳам ҳамин тавр мегӯянд.

Ш о к а р и м. Ту гапи вайро гир. Ибрат гир аз Манзура. Қанӣ ба вай ягон нокас зулм карда бинад чӣ! Ҳаддаш ҳаст-мӣ?

Хосият, Хадичахола ва дигар занҳои кирмакдор ғалоғулакунон меоянд.

Х о с и я т. Ман намекунам! Бас, тамом. Ман ҷавобгариро ба гарданам намегирам.

З а н а к и ш а т т о ҳ. Ман пешакӣ дониста будам, ки аз ин кор ҳеҷ натиҷа намебарояд.

З а н а к и ш ӯ х. Дониста бошӣ, барои чӣ розӣ шудӣ?

З а н а к и ш а т т о ҳ. Худат чӣ, худат барои чӣ розӣ шудӣ?

З а н а к и ш ӯ х. Ба гапи ту даромадам. «Хосият қатӣ шавад, мо ҳам қатӣ мешавем» гуфтагӣ кӣ буд?

З а н а к и г ӯ л. Ман мурам, кирмакҳо, калон-калон шуден, метарсам.

З а н а к и ш а т т о ҳ. Як бедонабози гавсавора ба баргкашонӣ таъин карден, ки ғайр аз обу донаи бедо-

нааш ғами дигар надорад. Қирмаки зормондая сӯрӣ-мӯриаш қатӣ бардошта ба сараш зан мегӯянд!

Хосият. Айб ба Ҷӯрабой не, барг набошад, вай чӣ кор ҳам карда метавонад?

Занаки шаттоҳ. Қофта ёбад-дия! Қафаси бедонеша гирифта ба сараш занам, ки чаппа шуда афтад!

Занаки гӯл *(ба занаки шаттоҳ ва занаки шӯх)*. Ман намехостам, дуи шумо сари маро гардондетон.

Занаки шаттоҳ. Қай мо сари туро гардондем?

Занаки гӯл. Ҳамун рӯзи зирбакам сӯхта чизғин шудагӣ-дия. Дар хона шӯям қариб маро дошта зада буданд. Қирмака минбаъд пушти сарам бинад!

Занаки шӯх. Гӯр ин кирмакдорӣ шавад, ҳамаамон фанд хӯрдем.

Хадичахола. Дафъ шаветон-е, чӣ ғавғо мекунетон, бозори калоба-мӣ ин ҷо? Ҳеҷ кас фанд нахӯрдааст, ҳама кор соз мешавад.

Шокарим. Хӯш, чӣ моҷаро?

Хадичахола. Қирмак аллакай ба дили Хосият задааст, кор намекунам мегӯяд.

Шокарим. Чаро кор намекардааст?

Хосият. Қирмакдорӣ ба гап намешавад, ба барг мешавад. Қанӣ барг? Баргро расонда диҳанд, ман не намегӯям.

Хадичахола. Ҳақиқатан ҳам, Шокарим, бо ин раисҳои беғам кор кардан мушкил. Ҳар сол фалон ҳазор бех тут шинондем гуфта, рапорт медиҳанд, лекин рапорташон то ба район рафта мерасад, ки нисфи ниҳолҳоро гову хар хӯрда меравад. Ҳамааш ҳамун зормонда приписка!

Занаки шаттоҳ. Мо вақти бекора надорем, ки дар ин ҷо мархаша карда шинем. Рафтем, занакҳо! Қирмак ба ҳар кас даркор бошад, дошта гирад!

**Ғайр аз Хосият ва Хадичахола, ҳама равон мешаванд, аз пеш Манзура мебарояд.**

Манзура. Ҳа, чӣ гап?

Занаки шаттоҳ. Мо кирмак намедорем, худатон доред!

З а н а к и ш ӯ х. Мо ҳоло илми бе барг кирмак доштанро ёд нагирифтаем.

М а н з у р а. Барг мешавад, ман бо раис гапзанон кардам. Баргро аз Балҷувон мекашонанд.

З а н а к и ш а т т о ҳ. Балҷувон — ҳаштод километр, то аз он ҷо барг меояд, ки кирмакҳо аз гушнагӣ мурда нобуд мешаванд.

З а н а к и г ӯ л. Қирмакҳои ман мурда истоден, базӯр меҷунбанд. Барги сафедор андозем, намехӯранд.

М а н з у р а. Раис машина доданд, машина баъди як соат ба роҳ мебароянд. Ҷӯрабой бо панҷ нафар одам мераваду баргро шабона бурида, бор карда пагоҳӣ ба шумо мерасонад. Баъд аз он ҳар рӯз як машина барои барг рафтан мегирад.

**Занҳо суст мешаванд. Дар вақти гуфтугӯ Ғаниҷон даромада, дар як тараф гӯш андохта меистад.**

Х а д и ч а х о л а *(ба Хосият)*. Ана, дидӣ? Ман нагуфтам, ки ҳама кор соз мешавад?

З а н а к и ш а т т о ҳ. Қанӣ соз шудагеш? Қанӣ барг? Барг дар Балҷувон. Бача дар шиками модару номаш Музаффар. Ман рафтам.

**Аз паси ӯ занҳои дигар ҳам рафтаниананд. Ду нафар ҷавони колхозчӣ бандҳои барги тутро бардошта меоваранд. Ҷӯрабой дар байни баргҳо пинҳон шуда мехобад.**

Ҷ ӯ р а б о й *(нохост аз байни баргҳо баромада)*. Ассалому алайкӯм!

**Занҳо ӯро бо хандаю ҳаёҳуй миёнагир мекунанд.**

Х о с и я т. Ин баргро аз куҷо ёфтед?

Ҷ ӯ р а б о й. Аз боғчаи шумоён. Тути янгамулломро каланд карда... Э... картӯшкаи янгамулломро каллак... Э... картӯшкаашонро каланд карда додаму туташонро каллак карда овардам. Фаҳмида монанд, иншооллоҳ, каллеки маро каланд... Э... каллак мекунанд!..

М а н з у р а. Акнун, шумо, Ҷӯрабой, даррав раведу шофёр Ғафурро кофта ёбед. Раис фармуданд: шумо бо 4—5 одам дар машинаи вай ба Балҷувон мераведу...

Ҷ ӯ р а б о й. Машина нест, шафёраш ҳам нест! Ман навакак раисро дидам, он кас худашон машинаро ба шаҳр фиристода будаанду аз хотирашон баромадааст. Ба тухмашон барака диҳад. Илоҳӣ дар хобашон гавҳари шабчароғ бинанд, он кас ҳамин хел фаромӯшхотир. Аз ин барг камтар-камтар андохта, кирмакро то пагоҳ зинда нигоҳ доштан мумкин, аммо он тарафаш ба паноҳи худо.

Манзура парешонҳол чашмаш ба Ғаниҷон афтида, фикре ба дилаш мегузарад.

М а н з у р а *(ба Хосият ва занҳои дигар)*. Ин баргро бурда ба кирмак хӯронда истетон, минбаъдашро боз ягон илоҷ мекунем.

Занҳо, Ҷӯрабой бо ҳамроҳи колхозчиҳо, ба як сӯ, Шокарим бо Хосият ба дигар сӯ меравананд.

З а н а к и г ӯ л *(баромада истода ба занаки дигар)*. Ҳамин зирбакам гӯед... ҷизғин шуда ангишт барин сип-сиёҳ...

З а н а к и ш а т т о ҳ. Э, бас кун! Исқот монад ҳамун зирбакат! Тезтар роҳ гард!.. *(Мераванд)*.

М а н з у р а *(ба соаташ нигоҳ карда)*. Маҳзода, даро қуттиҳоро гардон.

М а ҳ з о д а. Хуб. *(Меравад)*.

Шокарим ва Хосият аз як гӯша пайдо шуда ба сухани Манзура ва Ғаниҷон гӯш мекунанд.

М а н з у р а *(илтиҷокунон)*. Ғаниҷон, азизам!..

Ғ а н и ҷ о н *(ба матлаб пай бурда)*. Ана боз мо азиз шудем.

М а н з у р а. Дӯстам, меҳрубонам, шумо бояд, ки ба мо мадад расонед.

Ғ а н и ҷ о н. Ба Балҷувон равам? Барг биёрам?

М а н з у р а. Илтимос, Ғаниҷон. Охир, кирмак нобуд мешавад, меҳнати ин занҳо барбод меравад. Илтимос, зорӣ мекунам!..

Ғ а н и ҷ о н. Ана ҳамин хел гап заданатон ба ман маъқул не. Илтимос! Зорӣ! Шумо масъаларо аққол кӯндаланг карда ба миёна партоед, он вакт ман ё «ҳа» мегӯям, ё «не» мегӯям.

Манзура. Хӯш, «аққол кӯндаланг карда» мегӯям. Шумо ҳозир Ҷӯрабой ва одамони вайро гирифта ба Балҷувон равона мешавед. Хуб-мӣ?

Ғаниҷон. Ҳа, ана ин гап дигар! Хуб шудааст. Ман рафтам. *(Ба Манзура як лаҳза нигоҳи ҷиддӣ мекунаду баъд табассум менамояд)*. Раисатон ба Нӯъмонов телефон кунанд, фаҳмонанд. Телефони вай 12—26.

Манзура *(шоду хуррам)*. Медонам, худам телефон мекунам, мефаҳмонам. Азизам, баҳодурам! *(Ӯро оғӯш карда мебӯсад)*.

Ҷӯрабой омада мемонад.

Ҷӯрабой *(худро бод дода.)* Уф! Хайрият, имрӯзро ҳам зинда саломат паси сар кардам. Аммо аз ин баъд — паноҳам ба худо. Диғар дар ҳеҷ ҷо барг намонд. Пагоҳ ойимҳо маро пӯст меканананд.

Манзура. Намекананд, чорааш ёфт шуд. Шумо ҳозир бо ин кас *(ишора ба Ғаниҷон)* ба Балҷувон равона мешавед.

Ҷӯрабой. Ба ростӣ?

Ғаниҷон. Ман тайёрам ҳозир ба роҳ дароям.

Ҷӯрабой *(киноя аз бӯсидани Манзура Ғаниҷонро)*. Ҳо, албатта, модом ки шуморо ҳамин хел гусел мекунанд... Қошкӣ мани гарданшикастаро ҳам ҳамин тавр гусел мекарданд, — ман ду поямро дар қӯлтуқам гирифта бо сарам медавидам.

Ғаниҷон. Чӣ шуд, «чормағз» ҳоло ҳам сахтӣ карда истодаст-мӣ?

Ҷӯрабой. Аз ду яке: ё чормагз сахт, ё дандон суст.

Ғаниҷон. Ба фикрам, дуйӯмаш. Дандон кунд бошад, аз сахтии чормағз чӣ гила.

Ҷӯрабой. Чӣ кор кунем, додар, ба мо сахташ, ба шумо мулоимаш ғалтида будааст; такдир-дия.

Манзура. Зуд бошед, Ҷӯрабой. Одамҳотон канӣ, тайёр-мӣ?

Ҷӯрабой. Тайёр. Шумо, Манзурахон, ба он кас, ба Хосиятхон, гӯед, ки барои як табассум, як даҳан гапи ширинашон камина ҳатто ба ҷангали Мозандарон пиёда рафта... пиёда...

Хосият пештар даромада, аз пушти сари Ҷӯрабой гапи вайро мешунавад. Шокарим ҳам намоён мешавад.

Хосият *(ба Ҷӯрабой)*. Муред шумо, беҳаё!

Ҷӯрабой *(саросема)*. Ҷоғам дар гӯр. *(Ба Хосият)*. Мебахшед-дия, мо кам хондагӣ. *(Ба Ғаниҷон)*. Равон шавед, вақт рафт.

Меравад.

Шокарим. Ҳой, Ҷӯрабой, шохи тутҳоро нашиканетон, фақат навдаашро буретон! Ма, инҳоро гирифта рав! *(Доскалла, аррача ва қайчии худро ба вай дароз мекунад)*.

Зиёдахон оташков дар даст ғавғо карда меояд.

Зиёдахон. Дод аз дасти фиребгар! Илоҳӣ дастат шиканад, баргдузд! Картӯшка каланд мекунам гуфта, тутамро каллак карда рафтааст! Канӣ вай, ба ман нишон диҳед! *(Ба Ҷӯрабой ҳамла мекунад)*. Ҳа-а! Ана акнун ба дастам афтодӣ!..

Ҷӯрабой *(гурезон шуда)*. Картошкаатон дар сояи тут монда будааст. Аз соя бароварда диҳам, боз ман ганда! Охир, ба картӯшка офтоб лозим!..

Зиёдахон. Хонет сӯзад, дурӯғчӣ! Илоҳӣ каллаи худатро каллак кунанд! Товони тутамро медиҳӣ, набошад бо ҳамин оташков...

Ҷӯрабой. Медиҳем, ҳосили картӯшкаатон, шалғаму редискаатон, гелосатонро фурӯхта медиҳам. *(Ба Ғаниҷон)*. Чӣ механдед, тезтар рафта моторатонро гардонед! То ба Балҷувон нагурезам, халос намешавам!..

Гурезон меравад. Зиёдахон аз дунболи вай пеш карда мебарояд. Ғаниҷон ҳам меравад. Манзура, Хосият, Шокарим ва Маҳзода хуб механданд. Овози мотор шунида мешавад.

Парда.

## ПАРДАИ СЕЙӮМ

### НАМОИШИ ПАНҶӮМ

Ҷои намоишҳои дуйӯм ва сейӯм. Шокарим ба чашмаш айнак, дар айвон дар сари стол истода дафтари Маҳзодаро варақ зада мебинаду гоҳ табассум мекунад ва гоҳ таассуфомез сар меҷунбонад. Дар болои стол китобҳои дарсӣ ва дафтарҳо хобидаанд.

Маҳзода меояд, дилшод, дар дасташ тугунча.

Шокарим дафтарро зуд дар пушташ пинҳон мекунаду оҳиста ба рӯи стол мепартояд ва ба пеши кат меояд.

Маҳзода. Дада, ана! *(Чизи рӯмолпечро мекушояд, аз даруни он пораи атлас ва рӯмоли шоҳии гулдор мебарояд).* Ана, мукофот гирифтам.

Шокарим. Хӯш, хӯш, канӣ, муборак бошад, духтарам.

Маҳзода. Раҳмат, дадаҷон.

Шокарим. Боракалло. Қори калон!

Маҳзода. Бибем канӣ? Нестанд-мӣ?

Шокарим. Бибиат дар бозор. Дӯппӣ мефурӯшад.

Маҳзода *(рӯмолро ба сараш мепартояд, атласро ба танаш меёзонад).* Читӯ, мезебад-мӣ?

Шокарим. Ҷудо мезебад.

Маҳзода. Хосият апам аз шаҳр баргарданд, аз ин ба ман курта дӯхта медиҳанд. Ба Хосият апам ҳам мукофот мебаромадааст, дадаҷон, дар маҷлис гуфтаанд, ки бригадаи Хосият Ҷалилова аз ҳар қуттии кирмак наваду шашкилогӣ пилла дод.

Шокарим. Нағз. Хосият апаат акнун аъзои колхоз шуд, агар минбаъд ҳам бо ҳамин ғайрат кор кунад, иззату ҳурмати калон меёбад. Хӯш, инкубаторатон баста шуд, ту минбаъд чӣ кор мекунӣ?

Маҳзода. Раис мегӯянд, ки дар ферма кор кардан гир, ҷӯҷаҳоро поида калон кун.

Шокарим. Ту чӣ гуфтӣ?

Маҳзода. Ман... чӣ мегуфтам?..

Шокарим. Розигӣ надодӣ? Аз модарат тарсидӣ?

Маҳзода хомӯш.

Агар кор накунӣ, бояд ки хонданро ҳам партоӣ, зеро дар мактаби шабонаи ҷавонон фақат онҳое, ки кор ме-

кунанд, мехонанд. Ё ту дигар хоҳиши кор кардан надорӣ?

Маҳзода. Чаро надошта бошам, дадаҷон, дорам. Аммо бибем...

Шокарим. Ба бибиат хоҳиши худатро гуфта, фаҳмон-дия. Ҳуқуқи худатро муҳофизат кун.

Маҳзода. Ҳа, гуфтагӣ барин, ана, расчӯт кар-данд. *(Пули ба нӯги рӯмол баста овардаашро мебарорад)*. Як саду даҳ сӯм. Моҳонаи июньро ҳам пурра доданд.

Шокарим. Бале, духтарам, қариб бой шудӣ. Чи-тӯ, меҳнат карда пул ёфтан нағз будааст-мӣ?

Маҳзода. Албатта, нағз-дия.

Шокарим. Меҳнати ҳалол — музди ҳалол. Ин хел музд ба тану ҷони кас гуворо мешавад. Тешук карда намебарояд. Қошкӣ бибиат ҳам инро мефаҳмид. Метарсам, пулу чизҳое, ки вай меёбад, ягон рӯз тешук карда мебарояду баъд... пушаймониаш суд намекунад. Дуою тӯморашро бас кардам гуфта буд, аммо, ба гумонам, рустӣ-рустӣ давом дода гаштаст.

Маҳзода. Шумо намонед, дадаҷон. Ягон чиз гуфта бибема тарсонда монед. Охир, айб!.. Духтарҳо ба ман ҳам гап расонда истодаанд.

Зиёдахон дар сараш яктаҳи сафед, ҳалпанг-талпанг меояд.

Зиёдахон. Маҳзода, тез примуса даргирон, дар каструли калон об мон. Ман даррав хамир карда фатир мепазам, ту саратро мешӯӣ. *(Ба Шокарим)*. Шумо ҳезум биёред, ба танӯр алав кунед. Дар бозор ба Рисолатхон, духтари калони Соҷидахон-ойим, дучор шуда мондам, гуфт, ки баъди пешин ҳамроҳи бибиам ва холаам ба хонаи шумоён меравем. Холаашон аз Бухоро омаден, якчандта сарпечи мӯина оварден, писарашон дар Бухоро ба магазини моли саноатӣ кор мекунад-дия. Рисолатхон ҳамон рӯмолҳоро ба бозор бароварда буден.

Шокарим. Иншооллоҳ, ба дасти милиса меғалтад.

Зиёдахон *(ба Маҳзода)*. Онҳо албатта туро диданӣ меоянд, ба холаашон туро нишон медиҳанд. *(Дар болои кат атласу рӯмоли шоҳиро дида)*. Ин аз куҷо?

Маҳзода *(димоғаш сӯхта)*. Мукофот гирифтам.

Зиёдахон. Ҳамтӯ-мӣ? *(Атласу рӯмолро паҳн карда мебинад)*. Вай-вай! Ҷудо хушрӯ, биноӣ! Муборак бошад, духтарам.

Маҳзода *(пулро медиҳад)*. Мана инро ҳам гиред. Моҳонаам.

Зиёдахон *(ҳарисона пулро шумурда)*. Панҷоҳ сӯм, панҷоҳ сӯм, даҳ сӯм. Як саду даҳ сӯм? Бибиҷонат тасаддуқ духтари ойликхӯрам, боғайратам! *(Пули худашро мебарорад)*. Ана ин бисту панҷ сӯм пули ду дӯппӣ, ҳамааш мешавад як саду сию панҷ сӯм, пули кӯҳнаба... як ҳазору сесаду панҷоҳ сӯм... Тез бош, духтарам, меҳмонҳо ҳамин замон омада мемонанд. Сарата бо ҷуғрот шӯӣ, дар токча як коса ҷуғрот ҳаст. Ман Хосиятро ҷеғ мезанам, мӯята бофта мемонад.

Маҳзода ва Шокарим ба якдигар нигоҳ мекунанд.

Маҳзода. Монед, бибиҷон... даркор нест... намехоҳам!..

Зиёдахон. А?.. Намехоҳӣ? Ин чӣ гуфтагет?

Маҳзода. Бегоҳӣ ба мактаб меравам, пагоҳ ба кор мебароям... вақтам нест...

Зиёдахон. Ба кор? Қадом кор?

Маҳзода. Қори ферма... Раис фармуданд.

Зиёдахон. Дигар дар бораи кор, мактаб даҳан накушо охир, ту арӯс ҳастӣ, дар байни ҳамин ҳафта тӯй мекунем. Масаидхӯҷа дар инкубатория кор карданатро фаҳмида хафа шудааст. Гуфта фиристодааст, ки ақаллан то тӯй духтарашонро саришта кунанд, баъд кори ман...

Маҳзода *(нигоҳи Шокарим ӯро ба муқобилат кардан водор менамояд)*. Ман вай одама намедонам... намехоҳам!.. Ман шавҳар намекунам.

Зиёдахон дар ҳайрат. Бо назари шубҳа ба Шокарим нигоҳ мекунад, Шокарим худро ба нодонӣ зада, дар паҳлӯи кат нишаста барои тешааш даста метарошад.

Зиёдахон. Беҳаё, ин гапро аз куҷо баровардӣ? Кӣ ёд дод ба ту?

Маҳзода. Хоҳ ёд дода бошанд, хоҳ ақли худам расида бошад, ман намехоҳам. Чӣ мегӯед, намехоҳам!

Зиёдахон. Худоё тавба! Лабу лунҷакатро бод хӯрад, нахостани ту акнун дер шуд! Чиба дар вақташ нагуфтӣ, дам шиштӣ, бетамиз?

Маҳзода. Дар он вақт ман беақл будаам, акнун ақлам даромад.

Зиёдахон. Ақлат пӯсад, шарманда, акнун аз ақли даромадагиат чӣ фоида? Нон шикастем, фотиҳа кардем, ба чор атроф овоза шуд; Масаидхӯҷа ҳазор-ҳазор пул сарф карда ҷиҳоз харид, тӯёна харид, ҳатто хонаи нав андохт. Ҳазлбозӣ-мӣ ин?

Маҳзода. Ҳазлбозӣ не, ҷиддӣ. Ман намехоҳам.

Зиёдахон *(хашмгин)*. Ту мехоҳӣ, ки модарат дар байни мардум шарманда шавад? Рӯсиёҳ шавад? Дон, ки ман ин иснодро бардошта наметавонам; туро оқ мекунаму худамро бурда ба дарьё мепартоям!..

Маҳзода. Шумо аз барои маро тарсондан ҳамин хел мегӯед, медонам.

Зиёдахон *(бехудона тарошаеро бардошта ҳамла мекунад)*. Ҷувонимарг! Зада саратро мекафонам!

Шокарим ба миёнаи онҳо медарояд, Маҳзода дар пушти ӯ паноҳ мегирад.

Шокарим. Ҳай-ҳай пошохон, ба шумо чӣ шуд? Шайтонро аз китфатон гирифта партоед. *(Тарошаро аз дасти вай мегирад)*. Шинед!

Зиёдахон *(гириста ба замин нишаста мегирад)*. Худоё, ман акнун чӣ кор кунам? Дилам зардоб баст. Духтар нашуда мур ту, ҷувонимарг!

Шокарим. *(Маҳзодаро имо карда ба хоначаи Манзура мефиристонад)*. Пошохон, шумо ин кашу фархашро як тараф монеду ба гап гӯш андозед. Ба фаҳмам, ин савдо намепухтагӣ барин. Шумо бо арғамчини пӯсидаи Соҷидахон-ойим ба чоҳ надароед, он кас одами ин солу замона не. Домодшавандаатон бошад, рости гап, ба пошнаи кафши Маҳзода намеарзад. Вай, ҳоло синну солаш як сӯ истад, худаш ҳам одами нопок барин менамояд. Қораш ба прокурор ғалтидааст, ман аз одами таъин фаҳмидам.

Зиёдахон. Вой, шӯрам хушк шуд!

Шокарим. Ҳа, камомад доштааст, аз портфелаш ҳуҷҷатҳои қалбакӣ баромадааст. Ҳамту, пошо-

хон. Оқибаташро андеша кунед. «Аввал бубин ҷоята, баъд бимон поята». Қудошавандаҳоятон ҳам, ба фикрам, барои духтарбинӣ намеоянд, барои бо шумо моҷаро кардан меоянд, чунки ман парерӯз дар истгоҳи автобус ба Масаидхӯҷа дучор шуда, як-ду даҳан рамуз карда монда будам; эҳтимол ҳамон гапи маро ба модараш расонда бошаду...

Зиёдахон. Чӣ гуфтед шумо ба вай?

Шокарим. Гуфтам, ки: Масаидхӯҷа, ман як масал шунидам; пурсид — кадом масал? Гуфтам: «Ҷои ту шӯраю регзор, ба боғу чаман туро чӣ кор?» чӣ маънӣ дошта бошад-а? Ба рӯям як ало нигоҳ карду дам назад. Ба автобус баромаданӣ буд, ки боз гуфтам: «Масали дигар ҳам ҳаст: кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз, кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз. Дониста мон, Масаидхӯҷа, гуфтам, маънии ин ҳам масали якӯм барин!»

Зиёдахон. Вой ба ҳоли ман! Қораш ба прокурор... Ҳолӣ гирифта қава кунанд-а!

Шокарим. Қава нашуда намемонад вай дузд, ҳаромхӯр.

Зиёдахон. Гуфтам-а, чиба ин Соҷидахон-ойим яку якбора ба меҳмонӣ меомадагӣ шуда монден?..

Шокарим. Маънии масалҳои ман гуфтагиро аз шумо пурсида дониста гирифтанӣ меоянд.

Зиёдахон. Шарманда шудам! Ба дарди бедаво мондам, кӣ дармон мекунад?..

Шокарим. Ман-дия пошохон, ман.

Зиёдахон. Гӯед, охир, чӣ кор кунам?

Шокарим. Ба пеши Хадичахола равед, вай ин корро дуруст мекунад. Давед. Илтимос кунед, ки дарров ба пеши қудошавандаатон раваду ба росту дурӯғ дили вайро ҳам, писарашро ҳам хунук карда биёяд. Хабар диҳад, ки духтарашон намехостааст. Пушти ману табари қассоб мегуфтааст, ҳатто аз болои модараш ба район арз карда рафтанӣ будааст. Зиёдахон-ойим аз дарду аламаш таб бароварда хоб кардааст, гӯед.

Зиёдахон (*парешонҳол ва дармонда*). Ҷиҳози додагиашонро чӣ кор мекунем, охир?

Шокарим. Мегардонед.

З и ё д а х о н. Мегардонед-а! Ин ба гуфтан осон.

Ш о к а р и м. Карданаш ҳам мушкил не. Ман якта такси меоварам, шумо бор мекунед, Ҷӯрабойро мегӯем — бурда медиҳад, вассалом. Хезед, вақт нагузарад.

З и ё д а х о н. Шӯракам хушк шуд. Шарманда шудам!.. *(Шитобон меравад).*

Маҳзода аз хона баромада хуб механдад, Шокаримро оғӯш мекунад.

Ҷӯрабой аз дарвоза оҳиста нигоҳ мекунаду гашта рафтанӣ мешавад, аммо Шокарим ӯро дида мемонад.

Ш о к а р и м. Даро, Ҷӯра, даромадан гир. Чаро duздида нигоҳ мекунӣ?

Ҷ ӯ р а б о й *(саросема).* Ассаломалайкум. Ман ҳамтӯ... шуморо диданӣ будам, амак.

Ш о к а р и м. Маро ҳар рӯз даҳ бор мебинӣ. Ту киро диданӣ омадӣ, медонам.

Ҷ ӯ р а б о й. Не, рост, амакҷон, ба пеши шумо омадам.

Қасеро ҷуста ба атроф менигарад. Маҳзода ба сирри ӯ пай бурда, хандида ба хона медарояд.

Ш о к а р и м. Рӯт сиёҳ, муғамбир.

Ҷ ӯ р а б о й. Агар дурӯғ гӯям, аз ғазаби худо бенасиб шавам.

Ш о к а р и м *(қоҳ-қоҳ механдад).* Ту фиребгара қасамат ҳам чаппа, хӯш, ба ман чӣ кор доштӣ?

Ҷ ӯ р а б о й *(саросема).* Ба шумо... як маслиҳат буд, чунки шумо, ба ҳама маълум, одами доно ҳастеду... хӯш, ана баъд, ҷомае ки шумо мебуред, амакҷон, ба қади кас дарозу кӯтоҳ намеояд...

Ш о к а р и м. Ӯббо, гапро угрои қашқарӣ барин дароз накарда, муддаота гӯю мон. Ту барои маслиҳат наомадаӣ.

Ҷ ӯ р а б о й. Ҳа, воқеан, акнун ба ёдам омад: картошкаи янгамулломро каланд кардан лозим. Худатон медонед, мо ба янгамуллом шарт карда будем, ки ба товони тути каллакшудаашон ман картошкаи он касро се бор каланд мекунаму баъд ҳосилашро ҳам ғундошта медиҳам.

Ш о к а р и м. Ана ин камтар ба баҳона монандӣ дорад. Аммо ту, ҳилагар, Хосиятро диданӣ омадӣ. Вай бо ҳамроҳии Манзура ба шаҳр рафта буд, ҳоло барнагаштааст.

Ҷ ӯ р а б о й. Аз шумо ҳеҷ гапро пинҳон карда намешавад. Қурбони фаҳму фаросататон шавам, амак, илоҳи худи ҳамин шаб дар хобатон гавҳари... бинед. Э, ҷоғам дар гӯр илоҳи ба тухматон барака диҳад. Акнун, амакҷон, ба дӯстат рост гӯю ба душманат лоф зан, гуфтаанд. Пӯсту каллаи гап ҳамин ки агар худатон ба миёна даромада ин чигилро кушода напартоеду ба дарди бедавои ман даво ёфта надиҳед, он вақт Ҷӯрабой ҷиянам мурд гуфтан гиред. Ба худо, ки ман ҷиннӣ мешавам, ё ки прсилдоқ-харбузаи корд расидагӣ барин торс мекафам. Ишқ аз дарди дандон ҳам бадтар будааст, амакҷон, чӣ кор кунам? «Бо ту будан натавонам, бе ту зистан натавонам» гуфта будааст монанди ман як ошиқи зор.

Ш о к а р и м *(ҷиддӣ)*. Ту... аз воқеаи Хосият хабар дорӣ? Хуб фикр кардӣ?

Ҷ ӯ р а б о й. Фикр? Беҳтараш шумо пурсед, ки дар каллаат боз ягон фикри дигар ҳам дорӣ ё не?

Ш о к а р и м. Бо худаш гап задӣ?

Ҷ ӯ р а б о й. Гап задам. Не мегӯянд. Розӣ мешудаму лекин ту бо ман бахт намебинӣ мегӯянд. Чаро бахт намедидаам? Мебинам. Дилам мегӯяд, ки бахти ту бо ҳамин зан кушода мешавад. Дили ман ғайбдон аст, амак, дурӯғ намегӯяд.

Дарвоза тақ-тақ.

Ш о к а р и м. Кӣ вай? Дароед!

Ғаниҷон медарояд. Саломалек, вохӯрдӣ.

Ҷ ӯ р а б о й. Ана боз як аҳли дард омад, боз як саргардони кӯи ишқ.

Ш о к а р и м *(вохӯрдӣ карда)*. Биёед, писар. Саломат, офият?..

Ҷ ӯ р а б о й *(вохӯрдӣ карда)*. Ҳа, ҷӯраи дандонтез? Боз қадам ранҷа кардаед, дар гузари мо ҷиянатонро гум кардед?

Ғаниҷон. «Гавҳари шабчароғ»-амро гум кардам.

Ҷӯрабой. Қобед, шояд, ки аз пушти вай шабчароғи мо ҳам ёфт шуда монад, чунки аз они шумо аз они моро дуздида бурдааст. *(Қаландро гирифта ба тарафи ҳаёт меравад).* Ман картӯшкаи янгамулломро каланд карда монам.

Ғаниҷон. Он кас дар хона-мӣ?

Шокарим. Марҳамат, шинед.

Ғаниҷон. *(менишинад).* Нестанд-мӣ?

Шокарим. Магар шумо дар шаҳр набудед, Манзураро надидед?

Ғаниҷон. Мо ба Помир мол бурда будем, ман шаб баргаштам.

Шокарим. Манзура баъди тамом шудани кори инкубатор ба шаҳр рафта буд. Хосиятро ҳам барои шаҳрро тамошо додан гирифта рафта буд. Ба рафтанашон як ҳафта шуд.

Ғаниҷон *(безобита. Бархоста ба Шокарим).* Набошад, ба ман, рухсат. Мебахшед...

Шокарим. Шинед, писар. Омадан ба иродат, рафтан ба иҷозат!

Ғаниҷон. Раҳмат, амак, локин ман Манзурахонро ҳамин рӯз диданам шарт.

Шокарим. Шитоб накунед. *(Хандида).* Арӯсатон оши палав нест, ки то рафтани шумо хӯрда монанд. Маҳзода, дастархон барор.

Ғаниҷон *(ноилоҷ нишаста).* Хӯрда намемонанду лекин хона аз даст меравад.

Шокарим. Яктеш-ку аз даст рафта буд, ин боз кадомаш?

Ғаниҷон. Ин боз наваш.

Шокарим. Хӯш?

Ғаниҷон. Диспетчери мо Евдокия Кузьминична ба пенсия баромада буд, парерӯз хонаашро супурда ба Қаршӣ ба пеши писараш кӯчида рафтааст. Рафиқ Нӯъмонов хонаи вайро қуфл зада нигоҳ дошта мондаанд. Гуфтанд, ки: ту Ғанӣ, ҳошокалло дар мобайни се рӯз зан мегирӣ, вагарна аз ин хона ҳам маҳрум мешавӣ.

**Маҳзода дастархон меорад.**

Ш о к а р и м. Ин тавр бошад, маслиҳати ман дуруст будааст, ки яъне шитоб накунед ҳам мешавад.

Ғ а н и ҷ о н *(бесаранҷом)*. Лаббай, шитоб накунам?

Ш о к а р и м. Акнун хона гирифтанатон фоида надорад. Дер шуд.

Ғ а н и ҷ о н *(хавотир кашида)*. Амак, ҳазл накунед, ҳамин дам дилкаф шуда меафтаму шумо ба бало мемонед. Тезтар фаҳмонед ба ман, худаш чӣ гап?

Ш о к а р и м. Манзура дар ин ҷо ба кори доимӣ мемонад.

Ғ а н и ҷ о н. Мемонад? Ба кори доимӣ?

Ш о к а р и м. Бале. Мудири ферма мешавад.

Ғ а н и ҷ о н. Мудири ферма?

Ш о к а р и м. Бале. Ёдаш бахайр, худаш розигӣ дод. Дар ин ҷо фермаи мурғдории байниколхозӣ ташкил шуд. «Роҳи нав» ба Манзура як ҳавлии нағз доданӣ аст.

Ғ а н и ҷ о н. Ана халос! Хонем сӯхт!

Ш о к а р и м. Аввалингеш «сӯхта» буд, инаш ҳам «сӯзад» — ҳеҷ гап не.

Ғ а н и ҷ о н *(бо алам)*. Чаро Манзура бо ман як даҳан маслиҳат накард? Шитоб кардан чӣ лозим буд ба вай?

Ш о к а р и м. Дар кори хайр шитоб кардан зарар надорад, балки шитобро аслан дар кори хайр кардан беҳтар аст.

Ғ а н и ҷ о н. Панд мехонед-дия, шумо, амак. Охир, мо арӯсу домод ҳастем, аҳд карда будем, ки ҳамин тобистон...

Ш о к а р и м. Тобистон ҳоло нисфи зиёдаш дар пеш.

Ғ а н и ҷ о н. Ё ки ҳеҷ набошад дар тирамоҳ...

Ш о к а р и м. Тирамоҳ ҳам дар пеш.

Ғ а н и ҷ о н. Пеш ё ақиб, акнун чӣ фарқ дорад? Акнун Манзура камаш як сол кор карда надиҳад, ба вай ҷавоб намедиҳанд.

Ш о к а р и м. Як сол чӣ, камаш даҳ сол. То қарибии коммунизм.

Ғ а н и ҷ о н. Ҳамтӯ-мӣ? Набошад мо то коммунизм зан нагирем? Духтарон ҳам шӯ накарда гаштан ги-

ранд? Ишқу муҳаббатро ба як тараф гузошта монем? Аҷаб...

Шокарим. Баръакс, тезтар хонадор шуда, бачаю кача кардан лозим, то ки ба коммунизм шумоён бо бачаю качаҳотон, моён бо набераю абераҳоямон дароему ҳамаамон дар вай ба ҳузуру ҳаловат зиндагонӣ кунем.

Ғаниҷон. Ҳузуру ҳаловат-а! Шумо дар шаҳр мулло Ғанӣ машина ҳай кунеду арӯсатон ё занатон дар қишлоқ мурғу чӯҷа парварад, ҷудо ҳузуру ҳаловати соз мешавад!

Шокарим. Писар, одам ки хонадор шуд, ё арӯс ба хонаи домод мекӯчад, ё домод ба хонаи арӯс. Баъд ҳаминро ҳам дар ёдатон даст гиред, ки шофер на фақат ба автобазаи шумо, балки ба колхоз ҳам даркор аст. Фаҳмидед?

Ғаниҷон *(андеша карда)*. Гапатон маъқул-ку, амак, локин ман аз автобаза баромада наметавонам. Намехоҳам. Ман ба ин ҷо намекӯчам.

Шокарим. Дида арз мекунем. Ишқ Маҷнунро аз қасру сарой ба дашту биёбон кашида будааст.

Аз берун садои машина баланд мешавад.

Маҳзода *(давон рафта аз дарвоза нигоҳ мекунад)*. Манзура апам! Хосият апам!

Мебароянд ва чамадончаҳои Хосияту Манзураро бардошта бо ҳамроҳии онон бармегардад. Саломалек, вохӯрдӣ.

Манзура *(ба Ғаниҷон)*. Шумо ҳам дар ҳамин ҷо? Шамол аз куҷо парронд?

Ғаниҷон *(озурда, хафа)*. Шамоли ёди шумо аз кӯҳистон парронда овард.

Хосият. Холаам куҷо рафтанд?

Шокарим. Холаат... Як савдои хомро «пазондаӣ» рафт.

Хосият *(нафаҳмида)*. Чӣ хел савдо?

Шокарим. Як савдои пурзиён. Акнун ин савдоро тамом кардан лозим шуд, чунки аз нисфи зиён гаштан ҳам фоида аст.

Хосият. Ҳеҷ чиз нафаҳмидам.

Маҳзода *(ба Манзура)*. Ин қадар бисьёр гаштетон дар шаҳр, апаҷон? Ба роҳатон нигоҳ кардан гирифта кӯки чашмонам канд.

Манзура. Дар шаҳр мо як мушкилро кушода омадем. *(Хосият нигоҳи маънидор мекунад)*. Аз барои ин, мо дар шаҳр як моҳ меистодем ҳам, меарзид. *(Ба Хосият)*. Ҳамин тавр не?

Шокарим. Хӯш, духтари мушкилкушо, агар махфӣ набошад, шумо дар шаҳр кадом мушкилро кушода омадед?

Манзура. Дар шаҳр ман Хосиятхонро ба пеши духтурҳо бурдам. Вайро профессорҳои калон диданд,

Шокарим. Хӯш?

Манзура. Онҳо ба ҳамин хулоса омаданд, ки Хосиятхон тамоман зани солим асту қобилияти модар шудан дорад.

Шокарим *(шодона ҳайрон)*. Дорад? Қобилияти...

Манзура. Бале, қобилияти комил дорад. Дар ин бора профессорҳо хулосаи тиббӣ навишта, ҳамаашон имзо карда, ба дасташ доданд.

Шокарим бо ҳаяҷони қалбӣ рӯ-рӯи ҳавлӣ мегардад ва баъд нохост ба тарафи ҳаёт равона мешавад. Хосият шармгинона табассум мекунад. Чамадончаашро гирифта ба хона медарояд. Маҳзода ҳам аз паи вай меравад. Манзура аз таги дасти Ғаниҷон гирифта бо вай ба хонаи худаш медарояд.

Манзура *(дар хоначаи худ бо меҳрубонӣ ба Ғаниҷон)*. Ин қадар бедарак шуда рафтед?

Ғаниҷон бо димоғи сӯхта менишинад, ҷавоб намедиҳад.

Шумо хафа? Аз чӣ? Ягон ногуворӣ рӯй дод магар?

Ғаниҷон. Як соат пеш, вақте ки ба ин ҷо омадам, дилам шод, кайфам чоқ буд.

Манзура. Пас дар ин як соат чӣ воқеа рӯй дод, ки шумо... *(бо фаросат дарьёфта)*. Ҳа-а... Шокарим амакам бояд гуфта бошанд.

Ғаниҷон. Кошкӣ намегуфтанд.

Манзура. Магар шумо ба он чи ки шунидед, хурсанд нестед? Барои чӣ?

Ғ а н и ҷ о н. Бояд аз нодониам бошад. Гул, содда-дия ман. Вагарна аз шодӣ даҳонамро то баногўшам боз карда рақсиданам лозим буд, ҳамин тавр не? Э ҷавони содда, охир арўси ту ишқу муҳаббатро ба мурғу чўҷа иваз карда ба қишлоқ мекўчаду ту шодӣ намекунӣ? Э, шодӣ кун, нодон! Дўппиатро ба осмон ғуррон!

М а н з у р а *(механдад, ба паҳлўи Ғаниҷон нишаста аз китфи вай оғўш мекунад)*. Ғаниҷон, азизам, ба болои ишқу муҳаббат якта шифту бом, ба гирдаш чорта девори маҳкамро кӣ орзу карда буд? Мулло Насриддин ё шумо?

Ғ а н и ҷ о н. Пеш аз бому девор аввал ишку муҳаббат буданаш лозим. Дар шумо ана ҳамин ҷонвар нест. Шумо маро дўст намедоред, ҳамааш гап.

М а н з у р а. Дўст медорам, бо ҳамаи қилиқҳоятон, нозу нузатон, гапҳои ғалатиатон дўст медорам.

Ғ а н и ҷ о н *(«об» шуд, Манзураро оғўш карда бўсид)*. Манзурахон, чаро шумо ин тавр кардед? Қамтар сабр мекардед, бо ман маслиҳат мекардед... Рафиқ Нўъмонов барои мо боз якта квартира ёфта мондаанд. Мегўянд, ки дар се рўз хонадор шав, Ғанӣ, вагарна аз ин квартира ҳам мемонӣ.

М а н з у р а. То «қоқи нав»?

Ғ а н и ҷ о н. Бешўхӣ, Манзура. Ман аз барои ҳамин давон-давон ба назди шумо омадам.

М а н з у р а. Барои ғамхории Нўъмонов раҳмат; мову шумо акнун дар ин ҷо хонаи планӣ дорем, боғчадор, ҳаётдор; электрикаш ва қубури обаш ҳаст, «дар болояш шифту бом, дар гирдаш чор девори маҳкам» дорад.

Ғ а н и ҷ о н. Шумо мехоҳед, ки ман ба хонаи шумо кучида биёям?

М а н з у р а. Хона аз они дуямо.

Ғ а н и ҷ о н. Не, аз они шумо. Ба ман дар ин ҷо ҳеҷ кас хона надодааст.

М а н з у р а. Ба гумонам, дар байни мо «аз ману аз ту» набояд бошад.

Ғ а н и ҷ о н *(хандида)*. Маккора! «Макри зан канори арзан» мегўянд, макри духтар аз вай зиёдтар.

М а н з у р а. Хайр, фарз кунем, ки аз они ман. Чӣ фарқ дорад?

Ғ а н и ҷ о н. Фарқ дорад.

М а н з у р а. Хӯш, фарқаш чӣ будаст?

Ғ а н и ҷ о н. Чӣ, магар мард ба хонаи зан кӯчида биёяд? Ору номусро ба хок зада?

М а н з у р а. Ҳа-а, ор мекунам гӯед! Занро аз худам паст ҳисоб мекунам гӯед!

Ғ а н и ҷ о н. Ман ин тавр нагуфтаам...

М а н з у р а. Ана акнун шумо кӣ буданатонро маълум кардед. Ман шуморо дуруст нашинохта будаам. Шумо ҳамин хел фикру ақидаҳои бой-феодалӣ доштаеду ман намедонистаам. Шуд, дигар бо ман вонахӯред ҳам мешавад. *(Қаҳр карда аз хона ба рӯи ҳавлӣ мебарояд).*

Аз хонача Ғаниҷон мебарояд.

Ғ а н и ҷ о н *(узрхоҳона).* Манзура!.. Мумкин, ки ман мулоҳиза накарда гап зада бошам. Қаҳр накунед...

М а н з у р а *(фикр карда).* Шумо, агар баробарии ҳуқуқи марду занро эҳтиром мекардед, шаъни маро риоя мекардед, набояд ин тавр мегуфтед, агарчи ҳатто хона хонаи хусусии ман мебуд ҳам, ва ҳол он ки хона аз они колхоз аст, онро агар диҳанд, ҳамин тавр донед, ки ба дуямон доданд, чунки дар он вақт шумо ҳам кори колхозро мекунед, аъзои он мешавед.

Ғ а н и ҷ о н *(мулзам).* Рост мегӯед. Ҳақ ба тарафи шумост. Манзура, аз ман гузашта бошад, маъзур... Бовар кунед, ки он як даҳан гап ҳамтӯ... ба нӯги забонам рафт, дар дилам он тавр фикрҳо нестанду намешаванд ҳам. Ман шуморо на фақат дӯст медорам, балки ҳурмат ҳам мекунам, ҳамчун инсон ҳурмат мекунам, ки ин ба худатон маълум аст. *(Сулҳталабона табассум карда).* Хӯш, гуфтагим нагуфтагӣ. Таслим. *(Дастаи тешаи Шокаримро бардошта ва сар хам карда).* Ана ин калтак, ана ин калла. Марҳамат, ҷазо диҳед.

М а н з у р а *(хандида, ба сари вай оҳиста даст зада).* Ганда.

Дуяшон ба хонача бармегарданд. Хосият аз хона мебарояд. Аз тарафи ҳаёт Ҷӯрабой бо ҳаяҷон ва шитобон меояд.

Зиёдахон. Худо гирад ин Хадичаи беимона. Ҳамин қадар зорию тавалло кардам — як пул. Худат кардӣ, худат ҷафояша каш мегӯяд. Марг ба одами ёфтагетон. Ҳой бетавфиқ, чиба хода хӯрдагӣ барин шах шуда мондед? Гап занед, боз чӣ кор кунам, сарама ба куҷо занам?

Шокарим. Ба танӯри тафсон тиққонед. Ман медонистагема гуфтам, Хадича не гуфта бошад, кор расво шуд гуфтан гиред.

Зиёдахон. Ҷон мӯйсафед, акнун ин балоро худатон аз сари ман дафъ накунед намешавад.

Шокарим. Саломатетон даркор, пошохон, балотон аз худатон инсӯтар набиёяд. Акнун барси ин ки мани бегуноҳ ба касофати шумо намонам, бояд фикри худамро бинам. *(Ба хона медарояд).*

Зиёдахон. Ҳой чол, куҷо рафтед? Истед, охир!.. Шӯрам хушк шавад, духтар набароварда мурам ман! Ҳой, Манзурахон, як ин ҷо бароед, аз саратон гардам...

Манзура. Ҳа, чӣ гап шуд, холаҷон?

Занаки шаттоҳ, занаки шӯх ва занаки гӯл ба сарҳошон лаълӣ медароянд. Хадичахола аз дари берун намоён шуда, дар дами дар меистад.

Занаки гӯл. Ассаломалайкӯм. Пеш биёед, хола, қудоҳо омаданд. Лаълиҳоро гиред.

Занаки шаттоҳ. Қудо нашуда мур ту, гӯл! Занам ки чаппа шуда афтӣ...

Занаки шӯх. Қудо не, хостгор!

Занаки гӯл. Ман чӣ донам, Хадичахола ҳамин хел ёд доданд-ку...

Занаки шаттоҳ даҳани ӯро мебандад.

Занҳо. Тӯй муборак бошад-е, тӯйҳо муборак бошад-е.

Зиёдахон. Истетон, худаш чӣ гап? Қадом тӯй?

Занаки шаттоҳ. Мо аз ҷониби як ҷавони хушбурут, усгои туткаллаккунӣ...

Занаки шӯх. ...дар оташи ишқ сӯзон, ҷигараш бирьён, ба ном...

Занаки гул. ...мулло Ҷӯрабои баргкашон...

Занҳо. ... ба Хосиятхон хостгор шуда омадем.

Зиёдахон. Чӣ, чӣ? Ба Хосият? Не, не, ман ба он фиребгар, ба он бедонабози чапан ҷияни медодагӣ надорам. Хуш омадетон, марҳамат.

Хадичахола *(пеш омада)*. Ҳамтӯ-мӣ? Ин хел бошад, мо розигии худи Хосиятро мегирему тӯйро дар хонаи ман мекунем. Қанӣ Хосият?

Зиёдахон. Хосият аз остонаи ман пояша берун монаду рӯзаша бинад!

Шокарим *(ҷомаю линга дар даст аз хона баромада)*. Хайр, пошохон, нағз монед.

Зиёдахон. Ҳа, ҳа, куҷо меравед?

Шокарим. Ба он ҷое, ки шумо набошед.

Зиёдахон. Номаъқул кардед шумо, ман шуморо арзон нахаридаам, ки муфт сар диҳам.

Шокарим. Аз ду гӯшам парчин карда монед ҳам, канда меравам.

Зиёдахон. Ҳамтӯ-мӣ? Қанӣ бинам, читу меравед. Аввал дусад сӯми роҷеулнакдро ба ман мекаппонед, ман рафта талоқпаттаатонро оварда ба дастатон медиҳам, баъд — марҳамат, чор тарафатон қибла!

Хадичахола. Қиблаатон ба худатон насиб кунад, Шокарим амак бе хона намемонад. *(Ба Шокарим)*. Ба хонаи ман биёед, ҳавлии ман — ҳавлии шумо!

Зиёдахон. Чӣ? Ту, беимон, ҳоло шӯи касро зада мегирифтагӣ шудӣ? Гуфтам-а, ҳар вакт устоҷони маро чашмат қатӣ хӯрам мегуфтӣ *(Ба Шокарим зорӣ карда)*. Устоҷон, аз ришаки мошу биринҷатон гардам, аз қаҳратон фуроед. Тавба кардам, минбаъд аз гапатон намебароям.

Шокарим. Хуб, ман розӣ, аммо ба се шарт.

Зиёдахон. Ба ҳазор шарт ҳам ман розӣ, маро партофта наравед — шудагеш.

Хадичахола. Шарти якӯм — ғингӣ накарда сари Хосиятро ба Ҷӯрабой ҷуфт мекунед.

Ш о к а р и м. Худи худаш. *(Ба Манзура чашмак зада.)* Шарти дуйӯм чӣ буд, духтарам?

М а н з у р а. Ба Маҳзода даст накобанд, ба кор карданаш, хонданаш монеъ нашаванд.

Ш о к а р и м. Шарти саввӯм ҳамин ки, ойим-по-шо, худакатон сар шуда, тӯи Манзураю Ғаниҷон ва Хосияту Ҷӯрабойро ана дар ҳамин ҳавлӣ карда медиҳед.

З а н а к и ш ӯ х. Хуб гӯед, хола!

З а н а к и г ӯ л. Тезтар розӣ шавед, боз амакам аз қавлашон нагарданд!

З а н а к и ш а т т о ҳ. Канӣ не гуфта ҳам бинанд. *(Ба як тараф).* Як занам, ки чаппа шуда афтад!

З и ё д а х о н. Хайр... Чӣ ҳам мегуфтам. Тақдирам ҳамин будааст.

Ш о к а р и м. Манзура, Ғаниҷон, ин ҷо биёед. Хосият, ту ҳам. *(Ба Ҷӯрабой).* Ҳой, «Гавҳари шабчароғ», биё ки чигили туро ҳам кушодам. Хӯш, фарзандонам, хушбахт бошед, бо ҳам ёрона аҳл бошеду ҳамаатон ҳарчи зудтар дар хобатон гавҳари шабчароғ бинед.

П а р д а.

# Рӯдакӣ

*Драма иборат аз 4 парда ва 13 намоиш*





## ИШТИРОККУНАНДАГОН:

Рӯдакӣ — ҷавон, дар пардаи IV пир.
Маҷ — ҳамсоли ӯ, дар пардаи IV пир.
Балъамӣ — 48-сола.
Нигина — 18-сола.
Бону — зани Балъамӣ, 43-сола.
Амир Наср — ҷавон.
Устод, нахуст шоири дарбор — 40-сола, дар пардаи IV хеле пир.
Саҳл бинни Мансур — сипаҳсолор, 45-сола, дар пардаи IV хеле пир.
Суламӣ — фақеҳ, донандаи қоидаҳои дину шариат, шоири арабизабон, 40-сола, дар пардаи IV хеле пир.
Шаҳид, Муродӣ, Фароловӣ — шоирони форсзабон.
Шакурӣ, Орифӣ — шоирони ҷавон.
Акбар — 30-сола, дар пардаи IV пир.
Ҷунайд — висоқбошӣ (саркардаи хурд), 30-сола, дар пардаи IV пир.
Ойтош — саркардаи хурд, 30-сола, дар пардаи IV пир.
Нӯҳ — шаҳзодаи хурдсол.
Нӯҳ — амири Сомонӣ, ҷавон.
Деҳқони мӯсафед.
Деҳқони як.
Деҳқони ду.
Деҳқони се.

Саркардагон, дарбориён, шоирони Бухоро, деҳқонони асир, сафирони хориҷӣ, ғуломон (сарбозон), ду дарвозабони сарои султонӣ, мулозими вазир, ғуломи ҳабашӣ, мулло, амалдор.

## ПАРДАИ АВВАЛ

### НАМОИШИ ЯКӮМ

Пеши дарвозаи сарои амири Сомонӣ дар Бухоро. Муродӣ, Шаҳид ва Фароловӣ меоянд.

Муродӣ. Ӯро устод аз Самарқанд бо фармоиши хоҷаи бузург * талабида будааст.

Фароловӣ. Ба гумонам, хоҷаи бузург ӯро ба дарбор оварданиананд. Ҳамин тавр не, Муродӣ?

Муродӣ. Шояд. Пӯшида нест, ки хоҷаи бузург дӯстдорандаи забони дарӣ ва шеъри дарӣ мебошанд.

Фароловӣ. Қошкӣ ӯ дар Бухоро мемонд! Ба гумонам, то даме ки устод — нахуст шоири дарбор дар сари кор аст, Рӯдакиро ба дарбор роҳ нахоҳад дод. Гадо душмани гадост. Ҳамин тавр не, Шаҳид?

Муродӣ. Ту, Фароловӣ, агарчи мухлиси Рӯдакӣ ҳастӣ, ҳоло ӯро хуб нашинохтаӣ.

Шаҳид. Оре, Рӯдакӣ ду чиз дорад, ки устод надорад: якӯм истеъдод, дуввӯм ғурур.

Муродӣ. Нахуст шоири дарборро устоди шоирон не, устоди бахилон, пири ҳасудон ва шайхи арабипарастон биномем, дурусттар мешавад.

Шаҳид. Хуб гуфтӣ, Муродӣ. Ҳой, Фароловӣ, аз ин қалтабонҳо бипурс, маҷлиси шоирон мешавад ё не?

Фароловӣ *(ба дарбонҳо)*. Шоирон омаданд? Оё имрӯз маҷлиси шоирон мешавад?

Дарбон. Мо кай донем.

Муродӣ. Инак устод ҳам омад.

---

* Унвони вазир дар аҳди Сомониён ва Ғазнавиён.

Ш а ҳ и д *(нигоҳ карда)*. Монанди ҳамеша, ҳамроҳаш он хоклеси ҳуҷраву хонақоҳ — Суламӣ.

Нахуст шоири дарбор ва Суламӣ меоянд.

У с т о д *(бузургворона)*. Хӯш, азизон, чӣ хабар?

М у р о д ӣ. Ба маҷлиси шоирон омадем.

У с т о д. Дар маҷлиси шуаро имрӯз фақат ашъори арабӣ хонда хоҳад шуд.

Ш а ҳ и д. Моён ҳам арабиро медонем.

С у л а м ӣ *(тасбеҳ мегардонад)*. Донистан то донистан фарқ дорад. Зиндиқҳо, қарматиҳои кофир ҳам медонанд, аммо...

Ш а ҳ и д *(таҳдидомез)*. Чӣ фармудед, хоҷа? Моён зиндиқем, қарматием?

С у л а м ӣ. Худо нигоҳ дорад, банда ин тавр нагуфтаам. Банда гуфтанӣ будам, ки арабиро донистан кам аст, ба ин забон ихлос ҳам бояд дошт, зеро вай забони пайғамбари мо, саллаллоҳу илайҳивассаллам, ва забони каломи шариф аст.

У с т о д. Шумоён ашъори арабӣ намегӯед. Ашъори дарӣ дар маҷлиси оянда хонда хоҳад шуд.

М у р о д ӣ. Мо омадем, ки шеърҳои Рӯдакиро бишнавем.

Ф а р о л о в ӣ. Бале, вай имрӯз ба маҷлиси шоирон меомадааст.

У с т о д. Меомадааст? Рӯдакӣ?

М у р о д ӣ. Оре.

У с т о д. Вай, ки ба Самарқанд бозгаштанӣ буд!

Ш а ҳ и д *(бо кинoя)*. Чора чист, устод, ин кӯҳистонии гарданшах панди ҳакимонаи устодро ба гӯш нагирифта, дар Бухоро мондааст ва мехоҳад густохона дар маҷлиси шуаро ҳам ҳозир шаваду бо хоҷаи бузург Балъамӣ вохӯрад.

У с т о д. Бо хоҷаи бузург?.. Шумоён аз куҷо донистед?

М у р о д ӣ. Аз худаш. Ман ин пагоҳ ӯро дар кулбаи Маҷи хаттот зиёрат карда будам.

Ф а р о л о в ӣ. Хоҷаи бузург Балъамӣ!

Балъамӣ бо мулозимони худ меояд. Ҳозирон таъзим ба ҷо меоваранд.

Б а л ъ а м ӣ *(ба устод)*. Чӣ хабар, хоҷа? Мегӯянд, ки Рӯдакӣ дар Бухорост? Шумо ӯро дидед?

У с т о д. Оре, хоҷаи бузург, дидам, сӯҳбат кардам.

Б а л ъ а м ӣ. Чӣ касе будааст? Оё муносиб аст, ки мо ӯро қабул бикунем? Назар ба қавли баъзе касон, вай як деҳотии нотарошидаест, ки одоби маҷлиси бузургонро намедонад?..

У с т о д. Каромат кардед, хоҷаи бузург. Ба гуфтор, ба хулқу атвор — як саҳроӣ! Дар маҷлиси шуарои Бухоро вай монанди уштуре мебуд, ки ба байни товусон афтода монда бошад. Табъаш ҳам хом, завқаш норасо, алфозаш дурушт. *(Бо хандаи истеҳзо)*. Ба илова, ин шоир худро додхоҳи аҳолии Дабусия ба қалам медиҳад.

Б а л ъ а м ӣ. Аҳолии Дабусия?

У с т о д. Оре, ба қавли вай, вазирони подшоҳам ба мардуми он вилоят зулм мекардаанд!

Балъамӣ андешаманд ба дарвоза даромада меравад, шоирон ҳам аз паси вай ба он ҷо медароянд. Нахуст шоири дарбор дар дами дарвоза таваққуф карда, ба дарбонон ошноёна мароҷиат менамояд.

Хӯш, Яздондод, кайфу ҳол?

Д а р б о н. Саломат бошед, хоҷа.

У с т о д. Агар Рӯдакӣ ном шоир биёяд, шумоён ӯро даромадан намонед.

Д а р б о н и я к ӯ м. Рӯдакӣ? Ба мо ин хел фармон нашудааст.

У с т о д. Хочаи бузург ҳамин тавр фармуданд, мардак хоҷаи бузургро ранҷонидааст. *(Аз ҳамьёнаш чанд танга бароварда ба дарбонҳо медиҳад)*. Ид наздик аст, ин аз нӯги идист.

Д а р б о н и я к ӯ м. Саломат бошед, хоҷа, асло кам нашавед. Мо ба хизматашон ҳозирем.

Устод ба дарвоза даромада меравад. Рӯдакӣ ва Маҷ меоянд.

Р ӯ д а к ӣ. Оқибат вай номашро ба ман гуфт, номаш Нигина будааст. Нигина. Чи номи зебо! Дирӯз аз айвони болохонаи ту ба чорбоғи вазир нигоҳ мекардам, духтарак боз дар боғ пайдо шуд. Омада ба

дарахти тут баромад. Тут мечиду як ғазали диловез ва ғамангезро худ ба худ замзама мекард. Ман бояд хеле бо шавқу завқ гӯш карда бошам, ки ғазал ҳамон дам ба ман ёд шуд. Матлааш ин аст: «Маро зи кулфати ғам як даме ҷудоӣ нест — Нишотро зи азал бо ман ошноӣ нест».

Маҷ. «Нишотро зи азал бо ман ошноӣ нест»! Баҳ-баҳ! Кадом шоири бетолеъ гуфта бошад?

Ҳар ду ба дарвоза даромаданӣ мешаванд.

Дарбони дуввум. Истед! Шумоҳо кистед?

Маҷ. Ман Маҷи хаттотам, ин кас ошнои ман — Рудакии шоир.

Дарбони якум. Мо шумоёнро намешиносем.

Рӯдакӣ. Ман шоирам, ба маҷлиси шоирон омадам.

Дарбони дуввум. Ҳар рӯзи панҷшанбе шоирони Бухоро ба дарбор меоянд, дар байни онҳо мо шуморо ягон бор ҳам надидаем.

Дарбони якум *(ба либос ва мӯзаи оддии шоир нигоҳ карда)*. Шоир будаанд! Боз шотир набошед? *(Қоҳ-қоҳ механдад)*.

Маҷ *(оташин)*. Чӣ механдӣ, нохалаф?

Рӯдакӣ. Гап ба ин дарбонҳо нест, Маҷ. Ман яқин дорам, ки ин ҳам аз бозиҳои нахуст шоири дарбор аст. *(Маънидор)*.

Дар ба рӯям бубаст ногаҳ дасте,
Соҳиби даст ниҳон буд паси дар.

Биё меравем.

Парда.

## НАМОИШИ ДУЙӮМ

Ҳавлии вазир. Бону дар дами дар бо Нигина сипаҳсолор Саҳл бинни Мансурро истиқбол мекунад. Аз паси сипаҳсолор Ҷунайд даромада дар як сӯ рост меистад.

Саҳл. Ассаломуалайкум.

Бону. Ваалайкумассалом, сипаҳсолор. Биёед.

Саҳл ба Нигина бо чашми ҳирс нигоҳ мекунад.

Бирав, Нигина.

Нигина ба хонае даромада ғоиб мешавад.

Саҳл. Маро муборакбод гӯед, бону. Амирам ба бадали сад ҳазор динор ба ман хироҷи вилояти Дабусияро бахшиданд. Ҳамин ҳоло ман сад ҳазори нақд ба хазина супурда омадам. Ҷамъоварии хироҷ аз фардо сар мешавад. Вакили хироҷи ман Ҷунайд аст. Канизакро ба ман бахшед — ними хироҷ аз они шумо! Ҷунайд аз фардо халта-халта симу зар, хирворхирвор ғаллаву матоъро оварда ба сарои шумо рехтан мегирад.

Бону. Бифармоед, биншинед.

Саҳл *(нишаста)*. Ба толеи ман, вазир Балъамӣ, шавҳари фуқаропарвари шумо, дар шаҳр нестанд, вагарна, албатта, ба фурӯши хироҷ монеъ мешуданд.

Бону. Фақат сад ҳазор? Ин қадар арзон?

Саҳл. Дар Дабусия имсол қаҳтист. Хазинаро имсол аз он вилоят умеди хироҷ нест.

Бону. Пас шумо чӣ умедворӣ доред?

Саҳл. Ғуломашон тариқи рӯёндани хироҷро медонад. Агар аз дусад ҳазор динор камтар рӯёнам, номам Саҳл бинни Мансур набошад. Хуш, ба шарти ман розӣ ҳастед?

Бону *(ба як тараф)*. Нисфи хироҷи вилоят! Аммо зуд розӣ намешавам, то вақте ки ҳамаи хироҷро надиҳад. *(Ба Саҳл)*. Нигина ба хироҷи як мамлакат меарзад, хироҷи як вилояти қаҳтизада чист? Он ҳам боз нисфи хироҷ!

Саҳл. Ман зорӣ дораму зӯрӣ надорам, бонуи меҳрубон. Аз шумо чӣ рафт? Ман ҳам як нафар ғуломи даргоҳатон. Охир, худатон маро ҳар вақт «дӯстам, ёдгории даврони падарам» мегӯед.

Бону. Ҳақиқатан, шуморо бубинам — гӯё ки падарамро мебинам.

Саҳл. Ман дар вақташ бо фармони раҳматӣ падаратон шамшер задам, кишварҳо кушодам, падаратон маро ҳокими Хуросон карданӣ буданд...

Бону. Ман ин матлабро парерӯз боз ба амир арз кардам, гуфтам: «Ҳукумати Хуросонро ба сипаҳсолор диҳед»,— қабул накарданд.

Саҳл. Ин амири ҷавони мо, бародарзодаи шумо, қадри маро намедонанд. Шавҳари олимақоматон ҳам ба ман назари нек надоранд, маро ҳар вақт ба амир

бад карда мегарданд. Пас лоақал шумо аз ман қадршиносӣ бикунед.

Бону. Нигинаро бубахшам?

Саҳл. Ин айни лутфу меҳрубонӣ мешуд.

Ғуломи ҳабашӣ *(даромада)*. Шорион ба хизмат омадаанд.

Бону *(ба Саҳл)*. Боз гуфтугӯ мекунем, ҳоҷати шитоб кардан нест. *(Ба ғулом)*. Гӯй, дароянд.

Рӯдакӣ ва Маҷ меоянд.

Бону. Ҳо, Маҷи хаттот!.. Чаро наменамоӣ? Ман мехостам ба ту «Калила ва Димна»-ро бидиҳам, ки як нусха барои ман китобат бикунӣ.

Маҷ. Бо ҷону дил, бонуи меҳрубон. Ман вақтҳои охир хеле серкор будам, девони ана ин дӯсти шоирамро китобат мекардам.

Бону. Ин кас шоиранд?

Маҷ. Рӯдакии Самарқандӣ.

Бону. Ҳо, шунидаам, баъзе шеърҳояшонро хонда будам. *(Ба Рӯдакӣ)*. Шоирон ба даргоҳи мо бисьёр меоянд, шеърҳояшонро назди мо мехонанд, пас шумо чаро ҳеҷ наёмадед?

Рӯдакӣ. Андешидам, ки шояд табъи латифи бону, монанди баъзе бухориёни бегонаписанд, шеъри арабӣ тақозо кунад ва шеъри дарии маро написандад.

Бону. Ман арабиро хуб намедонам, шоирон назди ман шеърҳо ба забони дарӣ мехонанд. Бифармоед. *(Ба нишастан таклиф мекунад)*.

Рӯдакӣ. Бонуи меҳрубон, ман ин девони худро ба шумо тӯҳфа овардам. *(Китобро дароз мекунад.)*

Маҷ. Китоби якто! Беназир! Китобаткунанда ғуломашон.

Бону *(ба шоир)*. Марҳамати шумо зиёд аст. Ман ин девони шуморо ба амир ва вазир нишон медиҳам. *(Ба Саҳл)*. Сипаҳсолор, майл доред аз ин девон каме бихонем?

Саҳл *(бо маломат)*. Ихтиёр доред.

Бону *(китобро варақ мезанад, коғаз мебарояд)*. Ин чист?

Рӯдакӣ. Ин ғазалест, ки ҳамин рӯз гуфта шуд.

Бону. Чашми ман хира шудааст, хатро ба хубӣ

намебинам. Нигина! *(Ба ғулом)*. Нигинаро фарьёд кун.

Нигина меояд.

Биё. Қу инро бихон! Бубинем, шоир имрӯз чӣ ғазале гуфтааст.

Нигина *(аз рӯи коғаз)*.

«Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро.
Ба бӯса нақш кунам барги ёсумини туро...

Рӯдакӣ *(давом медиҳад. Рӯяш ба бону, лекин барои Нигина мехонад)*.

Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар-ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро.
Ҳазор бӯса диҳам бар сахои номаи ту,
Агар бубинам бар муҳри ӯ нигини туро.
Ба теғи ҳиндӣ, гӯ, дасти ман ҷудо бикунанд,
Агар нагирам рӯзе ман остини туро».

Бону. Баҳ-баҳ! Хеле нағз, дилчасп. *(Ба Саҳл)*. Чӣ гуна? Меписандед?

Саҳл. Ман шеърро дӯст надорам. Аз шеър ҳам безораму аз шоир ҳам.

Рӯдакӣ. Оре, барзагов гул набӯяд ва ошнойи булбул наҷӯяд.

Маҷ, баъд Нигина ва баъд Бону ҳам худдорӣ карда натавониста механданд.

Саҳл *(хиҷил)*. Ҳарчанд, ки аз одоб дур буд, аммо зарбулмасали хуб гуфтӣ, шоир. *(Мехезад)*. Ба ман иҷозат фармоед, Бону. Аммо ман мехостам бидонам... Умедвор шавам ё на? Ними хироҷи Дабусия аз они шумо!

Рӯдакӣ *(мароқ карда)*. Хироҷи Дабусия?

Бону. Оре, сипаҳсолор хироҷи имсолаи он вилоятро харидаанд.

Рӯдакӣ. Харидаанд? Қадом хироҷро? Охир, дар Дабусия имсол ҳам хушксолист, аҳолӣ гуруснаву бараҳна аз рӯди Кӯҳак ҷӯй мебароранд, ки аз офати беобӣ халос шаванд. Ман, вақте ки ба Бухоро меомадам, аз он навоҳӣ гузаштам ва бо чашми худ дидам, ки...

Саҳл. Ман ба гуруснагию серии аҳолӣ кор надорам, ман бояд хироҷро рӯёнам. Ман ба хазина сад ҳазор динори нақд додаам.

Р ӯ д а к ӣ. Халқ ба адои хироҷ қодир нестанд, чӣ гуна меравӯенед?

С а ҳ л. Чӣ гуна? Хо-хо!.. Ҷунайд, ба шоир бигӯ, хироҷро чӣ гуна меравӯенӣ?

Ҷ у н а й д. Ба усули «зам куну кам кун».

Р ӯ д а к ӣ. Чӣ?

Ҷ у н а й д. Чунончи, ба шумо хироҷ навиштаанд даҳ дирам; ба болояш ман зам мекунам боз даҳ дирам; шумо ба гирьяву зорӣ медароед, баъд ман панҷ дирам кам мекунам; баъд шумо понздаҳ дирамро ба гардан мегиреду маро дуо ҳам мекунед.

С а ҳ л *(хушҳолона механдад)*. Агар гарданшахӣ кунад, чӣ кор мекунӣ?

Ҷ у н а й д. Гардани шахро Пайканд мулоим мекунад

Р ӯ д а к ӣ. Пайканд?

Ҷ у н а й д. Бале, қарздоронро ба он ҷо ҳай карда мебарам, дар қалъасозӣ кор мекунанд.

Р ӯ д а к ӣ. Даҳшат, даҳшат! Ба арвоҳи ҷамии бузургони Бухоро қасам, шумо, сипаҳсолор, марди худобехабаред!

С а ҳ л *(ба Бону)*. Гуфтам-ку, ман аз шоирон ҳам безораму аз сӯҳбати онҳо ҳам. *(Меравад)*.

П а р д а.

## НАМОИШИ СЕЙӮМ

Гӯшаи чорбоғи вазир. Нигина байти Рӯдакӣ: «Ба теғи ҳиндӣ»-ро мехонад, гардиш карда гулҳоро мебӯяд; аз ҷӯй ба рӯяш об мезанад. Рӯдакӣ пайдо мешавад.

Р ӯ д а к ӣ.

Эй аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ!
Ранг аз паи рух рабуда, бӯ аз паи мӯ.
Гулранг шавад, чу рӯй шӯй, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳам кӯ.

Н и г и н а *(саросема ва ҳаросон)*. Бираведӣ.. Хуб нест!..

Р ӯ д а к ӣ. Нигина! Ман ин соатро дер боз нигарон будам.

Н и г и н а. Ин чӣ ҷасорат!

Рӯдакӣ. Он ғазал, ки дар ҳузури Бону хонда шуд, ман онро барои шумо гуфтаам, магар пай набурдед?

Нигина. Не, пай набурдаам... Бираввед!

Рӯдакӣ. Сангдил, маро пеш накун.

Бе васли туам на сабр пайдост, на дил,
Дар ишқи туам на ақл барҷост, на дил.

Нигина. Худоё тавба!

Рӯдакӣ. Ба рӯям тоб, хуршеди ман. Бе ту маро рӯшноӣ нест, зиндагонӣ нест.

Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод.
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод.

Нигина *(пушт гардонда каме хомӯш меистаду баъд якбора бо шеър ҷавоб медиҳад)*:

Аз ман тамаи висол манмо ҳаргиз,
Ин сон ҳаваси маҳол манмо ҳаргиз.
Васлам натвон ба хоби шаб ҳам дидан,
Бигзар зи чунин хаёл! Манмо ҳаргиз!

Рӯдакӣ. *(дар ҳайрат. Аз қафои ӯ рафта мӯяшро мегирад)*.

Зулфат бикашам, шаби дароз андозад,
Гар букшоям, панҷаи боз андозад.
В-ар печу ҳамаш зи якдигар букшоям.
Доман-доман мушки Тироз андозад.

Нигина.

Дидан ҳаваси ту буд? Бидидӣ охир,
Бар мақсади худ кунун расидӣ охир.
Дигар чӣ? Бирав! Макун ба ман густохӣ!
Дар рӯяки ман, бигӯ, чӣ диди охир?

Рӯдакӣ.

Рӯят — дарьёи ҳусну лаълат — марҷон,
Зулфат — анбар, садаф — даҳан, дурр — дандон,
Абрӯ — киштиву чини пешонӣ — мавҷ,
Гирдоби бало — ғабғабу чашмат — тӯфон!

Нигина. Акнун бас аст. Устодии шумо дар бадеҳагӯӣ ба ман собит шуд.

Рӯдакӣ. Ба ман ҳам акнун гӯяндаи он ғазали диловез маълум шуд: «Маро зи ҳасрату ғам як даме ҷудоӣ нест»...

Н и г и н а. Акнун шумо аввалин касе ҳастед, ки шеър гуфтани маро медонед. Ман инро аз ҳама пинҳон медорам. Охир, аз канизак хизмат металабанд, на шеър. Шеърро аз шумо металабанд.

Р ӯ д а к ӣ. О ваҳ, ман фақат акнун фаҳмидам, ки шеърҳоямро барои кӣ гуфта будаам; кӣ ба ман аз ғайб илҳом медодааст. Вақте ки ман туро аз болохонаи Маҷ бори аввал дар боғ дидам, садое аз ғайб ба ман мегуфт, ки: эй шоир, ин паризод иқболи ту, сарнавишти туст. Ба ман бигӯ, зодаи кистӣ? Гули кадом бӯстонӣ?

Н и г и н а. Ман... Нигинаам. Нигини ангуштарини дигарон. Бозичаи сухангӯ. Ман чизам, ки медузданд, мехаранд, мефурӯшанд.

Р ӯ д а к ӣ. Ганҷҳои дуньёро гирд оваранд, ба баҳои ту намерасад. Ту худ ганҷи бебаҳоӣ!

Н и г и н а. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Довудхони роҳзан ин «ганҷ»-ро дуздид. Дар нӯҳсолагиам аз шаҳри Абевард, аз хонаи падару модарам дуздид. Намедонам, падари заргарам, модари муштипарам ҳоло зинда бошанд ё на... Аҷобат дар ин аст, ки ман ивази як каме фазоиле, ки дорам, аз ҳамин роҳзани ғуломтоз миннатпазирам: вай маро назди устодон хононд, ҳунарҳо омӯзонд, то баҳои маро зиёд карда бошад. Се сол пеш маро ба Бухоро оварда, ба бону фурӯхт... Акнун биравед, то ки ягон кас дида намонад. *(Дур мешавад.)*

Р ӯ д а к ӣ. Ман шуморо боз мебинам ё на?

Н и г и н а. Агар хоҳед, мебинед.

Р ӯ д а к ӣ. Қай? Дар куҷо?

Н и г и н а. Намедонам, худатон бояд ёбед.

Меравад.

П а р д а.

## НАМОИШИ ЧОРУМ

Дарбор. Амир Наср, Балъамӣ, нахуст шоири дарбор, Суламӣ.

Б а л ъ а м ӣ *(аз девони Рӯдакӣ хонда истодааст).*

«Замона панди озодвор дод маро,
Замона, чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст.

Ба рӯзи неки касон гуфт, ғам махӯр зинҳор,
Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.

Наср. Баҳ, баҳ! Хуб гуфтааст!

Балъамӣ. Алҳақ, ин маъниро ба шуъри дарӣ накӯтару фаҳмотару баландтар аз ин баён кардан маҳол аст.

Суламӣ. Нек фармудед, хоҷаи бузург, аммо банда ҳам ашъори ин шоирро мутолаа кардаам ва бояд арз кунам, ки ӯ дар ашъораш фақат аз зоҳири мавҷудот баҳс мекунад; аз қудратҳои илоҳӣ ва аз расулу набӣ калимае ба забон намеронад...

Балъамӣ. Ҳар сухан ҷое дорад. Номи худову расул тасбеҳ нест, ки баҳудаву беҳуда гардондан гиред.

Наср *(ба нахуст шоири дарбор)*. Шумо чӣ мегӯед, устод?

Нахуст шоири дарбор. Ба назари ин ғулом, бештарини ашъори Рӯдакӣ як дараҷа носуфтаву нотарошида менамояд, амирам. Алфозаш дурушт, маонӣ саҳлу сабук...

Вай суханашро қатъ мекунад, зеро ки Рӯдакӣ, Шаҳид, Муродӣ, Фароловӣ ва Маҷ медароянд. Рӯдакӣ калимаҳои охирини нахуст шоири дарборро шунид.

Балъамӣ. Шумо Рӯдакӣ ҳастед?

Рӯдакӣ нимтаъзим мекунад.

Наср. Ту ҷавон будай! Мо гумон мекардем, ки ту марде ҳастӣ солхӯрда, ҷаҳоншинохта, неку бад озмуда.

Рӯдакӣ. Подшоҳам низ ҷавонанд. *(Аз нахуст шоири дарбор киноя карда.)* Баъзе касон аз синну сол фақат риш зиёда мекунанд ва баъзе ақл.

Наср ва Балъамӣ завқ карда механданд.

Балъамӣ *(ба нахуст шоири дарбор)*. Суханатон нотамом монд, устод. Чӣ гуфтанӣ будед?

Нахуст шоири дарбор *(ки аз кинояи Рудакӣ мулзам буд, андак ошуфта шуда гап мезанад)*. Зиндагонии подшоҳам дароз бод, ашъори ин шоири ҷавон, ҳаройина бад нест, аммо ба назари банда, ашъораш як дараҷа аз салосат ва фасоҳат холӣ ме-

намояд. Шоир алфози авомон ва саҳроиёнро бисьёр истеъмол мекунад...

Б а л ъ а м ӣ. Шумо арабипарастед, устод. Шумо ҳам, Суламӣ.

Н а х у с т  ш о и р и  д а р б о р (*бо тавозӯъ*). Гумон намекунам, ки хоҷаи бузург ба балоғат ва фасоҳати лисони арабӣ ва ашъори арабӣ шак дошта бошанд...

Б а л ъ а м ӣ. На, ман фақат шак дорам ба дӯст доштани шумо забони модарии худро!

Р ӯ д а к ӣ. Шеъри хуби арабиро ман ҳам дӯст дорам; арабҳо шоирони забардасте доранд, ки алҳақ доди суханро додаанд, аммо ба ман забони халқи худам хуштар аст ва сухани дарӣ гуворотар.

Н а х у с т  ш о и р и  д а р б о р. Гуворо то гуворо фарқ дорад. Шуарое низ ҳастанд, ки ба форсии дарӣ шеър мегӯянд ва ашъори эшонро хосон ва озодагон меписанданд, зеро каломи эшон олӣ ва шоистаи подшоҳон аст...

Ш а ҳ и д. Аммо ба иваз, устоди азиз, ин гуна ашъорро мардуми мо ба хубӣ намефаҳманд ва намеписананд.

Р ӯ д а к ӣ. Чӣ беҳтар аст: писанди хос ва нописанди ом будан ё писанд будан ба ҳар ду?

Н а х у с т  ш о и р и  д а р б о р. Ба ман якӯмаш маъқултар аст.

Р ӯ д а к ӣ. Ба ман дуввӯмаш.

С у л а м ӣ. Дар ашъор тамдеҳ ва тамҷиди илоҳӣ ва расулу набӣ бояд бошад.

Р ӯ д а к ӣ. Ситоиши рӯи зебо, базму разм, дили хуррам, гулу мул, накҳати баҳор, маи ноб ҳам!

М у р о д ӣ. Ва ин ҳамаро шоирони кишвари мо метавонанд ба забони модарии худ — ба форсии дарӣ беҳтару шоистатар సароянд.

Н а х у с т  ш о и р и  д а р б о р. Ҳаройина, дар назм алфози авом, калимоти саҳроиён ва мардуми кӯчаву бозорро истеъмол кардан шоиста нест.

Р ӯ д а к ӣ. Оре, резачинҳои дастархони араб нони ҷойдории моро дӯст намедоранд!

Б а л ъ а м ӣ. Алҳақ чунин аст. Хуб гуфтӣ!

Н а с р. Мегӯянд, ки дар шеъри араб ҳам бисьёрии лафзҳо дар аввал лафзи халқи авом будаанд; чун ба шеър дохил шудаанд, сара ва суфта гаштаанд. Сазовор аст, ки ба забони дарии мо ҳам шеърҳои некӯ гуфта шавад. Мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон шеърҳои шоирони моро ба забони модарии худ ҳарчи бештар бихонанд ва бишнаванд, дилашон ба мо ва ба давлати мо гармтар хоҳад шуд. Баъзе аз аъёну ашрофи араб, ки ба даргоҳи мо меоянд, моро таъна мезананд, ки «Мо шоирони бузург дорем, шумо кӣ доред?» Кошкӣ шоирони мо аз ин таънаҳо моро халос мекарданд. *(Пас аз хомӯшӣ.)* Устоди ту кист?

Р ӯ д а к ӣ. Устоди аввалинам бадеҳагӯе буд, Сурхак ном, чӯпони деҳаи худам Панҷруд; аз он пас — ҳамаи шоирони забардасти Хуросон, Эрон ва Мовароуннаҳр устодони мананд.

Н а с р. Ку шеъре барои мо бихон.

Р ӯ д а к ӣ. Ба чашм. Дар чӣ бора бихонам, амирам?

Н а с р. Худ беҳтар медонӣ. Чунончи, дар бораи баҳор, фасли лолаву гул... чизе надорӣ?

Р у д а к ӣ.

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор накҳату ороиши аҷиб.
Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт — шабоб аз паи машиб.
Он абр бин, ки гирьяд чун марди сӯгвор...

Н а с р *(бо шавқ такрор мекунад)*. «Он абр бин ки гирьяд чун марди сӯгвор»!

Р у д а к ӣ.

В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.
Хуршедро зи абр диҳад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб
Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,
Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб.
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда хазиб.

Н а с р.

«Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда хазиб!»

Р у д а к ӣ.

Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,
Сор аз дарахти сарв мар-ӯро шуда муҷиб.

Акнун хӯред бодаву акнун зиед шод,
Қ-акнун барад насиб ҳабиб аз бари ҳабиб.
Соқӣ гузину бодаву май хӯр ба бонги зер
Қ-аз кишт сор ноладу аз боғ андалиб.*

Завқ, хушҳолӣ.

Н а с р. «Қ-аз кишт сор ноладу аз боғ андалиб»! Хуб аст, хуб аст. Аҳсант!.. Қадри сухан ва суханвар назди мо баланд аст. *(Ангуштарини худро кашида ба шоир медиҳад.)* Ин аз мо ба ту ёдгорист. Ба хизмати мо ой, аз шоирони дарбори мо бош. *(Девонро варақ зада).* Хаташ нағз. Котиби девон кист?

Р ӯ д а к ӣ. Маҷи хаттот.

М а ҷ *(таъзим ба ҷо оварда).* Девони якто, амирам. Девон не, ганҷинаи маонӣ. Сухан не, дурру гавҳар.

Саҳл бинни Мансур даромада дар ҷое меистад.

Н а с р *(ба Рӯдакӣ).* Аз мо талабе надорӣ? Бигӯ, мо ба ту меҳрубонӣ хоҳем кард.

Р ӯ д а к ӣ *(чашмаш ба Саҳл меафтад).* Марҳамати олӣ маро ба гуфтан далер мекунад. Тамаъно дорам, ки подшоҳам аз рӯи лутфу карам вилояти Дабусияро имсол аз хироҷ озод кунанд.

Н а с р *(дар ҳайрат).* Чӣ? Аз хироҷ озод кунем?

Р ӯ д а к ӣ. Ман худ дидам: хушксолӣ ва қаҳтӣ бар машаққати мардуми он вилоят афзудааст...

Б а л ъ а м ӣ *(ба амир).* Рост мегӯяд. Ин матлабро ман ба подшоҳам арз карда будам.

Р ӯ д а к ӣ. Аҳолӣ аз додани хироҷ оҷизанд, онҳо умедвори адолати подшоҳӣ мебошанд. Ман аз он навоҳӣ мегузаштам, мардумон чун донистанд, ки шоирам ва ба Бухоро меравам, зинҳор карданд, ки арзи онҳоро ба даргоҳи олӣ бирасонам.

Н а с р *(нохушнуд).* Боз Дабусия! Кори Дабусия ба дасти сипаҳсолор аст.

С а ҳ л. Подшоҳам, он чи ин шоир мегӯяд, ҳама ҳарф аст, ки асл надорад. Мардуми Дабусия муғамбиранд: худро мӯҳтоҷу бенаво нишон медиҳанд, то

* Мумкин аст ба ҷои ин шеър порчаи дигари Рӯдакӣ хонда шавад.

ки хирочи подшоҳиро аз зиммаи худ соқит кунанд ё камтар диҳанд.

Наср *(ба Рӯдакӣ)*. Ту беҳуда додхоҳии онҳоро ба ӯҳда гирифтаӣ, шоир. Мо хироҷи он вилоятро ба сипаҳсолор арзонӣ доштаем. Мо фармони худро ҳар рӯз тағьир додан намегирем.

Бархоста ба дари хонаи дигар медароянд. Балъамӣ ҳам аз паси вай меравад.

Саҳл *(ба Рӯдакӣ)*. Бо думи шер бозӣ накун, шоир! Эҳтиёт бош!.. *(Меравад.)*

Парда.

# ПАРДАИ ДУЮМ

## НАМОИШИ ПАНҶУМ

Саҳро, канори ҷӯйбор. Садои суми аспон ба гӯш мерасад. Рӯдакӣ ва Маҷ медароянд.

Рӯдакӣ. Биё, Маҷ, дар ин ҷо камтар дам гирем.

Маҷ. Аҷаб ҷои хушҳавое будааст!

Рӯдакӣ. Ман вақте ки ба Бухоро мерафтам, аз ин ҷо гузашта будам: халқ ҳамин ҷӯйборро мекананд. Он вақт дар ин ҷо, агар аз ташнагӣ ҷонат ба лабояд, як қатра об намеёфтӣ. Ба ростӣ ҳам, дасти одамизод халлоқ аст: биёбонҳоро боғи хуррам мегардонанд... Локин чаро дар ин ҷоҳо касе наменамояд?..

Аз ҷониби дигар боз садои суми якчанд асп ва овозҳои: «Тезтар қадам монед!», «Ҳой, ба куҷо меравӣ? Роҳ ин!», «Дузди муттаҳам, чунон занам, ки лахт-лахт шавӣ?», «Висоқбошӣ! Дар ҳамин ҷо камтар дам гирем-чӣ, аспҳо монда шуданд» баланд мешаванд. Ҷунайд бо сарбозони шамшердор як гурӯҳ деҳқонони побараҳнаи сарутандаридаро пешандоз карда меоянд. Як нафари ин бандиҳо дасташ бо арғамчин ба пушт баста ва нӯги арғамчин ба дасти сарбоз мебошад.

Деҳқони мӯсафед. Ана ҷӯйбори мо! Оби мо! *(Гирья карда ба Ҷунайд ва сарбозон)*. Илоҳӣ ба уболи ранҷу меҳнатҳои мо монетон! Илоҳӣ ситамгар ба як қатра об зор шуда, дилу ҷигараш сӯхта мурад!

Ҷунайд. Даҳонатро фурӯ банд, пирсаг! *(Рӯдакиро дида даст ба пеш мегирад.)* Хоҷа! Ин шумоед? Саломалайкум. Аз куҷо меоед?

Рӯдакӣ. Аз ватанам — Панҷруди Самарқанд. *(Ба мӯсафед)*. Усто амак?.. Маро шинохтед?

Деҳқони мӯсафед *(таънаомез)*. Шинохтам, ту Рӯдакии шоир ҳастӣ. Порсол, вақти ҷӯйковӣ, моён бо ту дар ҳамин ҷо вохӯрда, арзи ҳол карда будем. Ту гуфта будӣ, ки «арзи шумоёнро ба подшоҳ мерасонам». Акнун ту шоири дарбор, надими подшоҳ шудаӣ. Албатта, кас бо амиру вазир ҳамнишин ки шуд, ваъда аз ёдаш мебарояд, доди бечорагон ба гӯшаш намедарояд.

Рӯдакӣ. Ман арзи шумоёнро ба амир расонда будам. *(Ба Ҷунайд)*. Чӣ ҳодиса, висоқбошӣ?

Ҷунайд. Инҳо аз додани хироҷ саркашӣ карданд.

Деҳқонон ғавғо мекунанд.

Деҳқони якум. Тамошо кун! Мо ана бо ҳамин дастҳоямон кӯҳро канда, синаи биёбонро чок карда ин ҷӯйро баровардем, худат дида будӣ!

Деҳқони дуввум. Ба мо ҳеҷ кас ёрӣ надод!

Деҳқони сейум. Чандин бор ба Бухоро ариза бурдем ки: ёрӣ диҳед, ҷӯй барорем, аз беобӣ ҷазир шудем. Ба мо гуфтанд: ҷӯйро худатон канед, мо шумоёнро се сол аз хироҷ озод мекунем. Аммо акнун ба ҷӯйбори мо хироҷ андохтаанд...

Деҳқони якум. Охир, об ба қарибӣ омад, буду нобудамон ба ҷӯйканӣ сарф шуд, хироҷро мо аз куҷо диҳем?

Деҳқони мӯйсафед. Ту шоирӣ, ҳақпарастӣ, ба доди мо бирас, агар тавонӣ.

Рӯдакӣ *(ба Ҷунайд)*. Инҳоро куҷо мебаред?

Ҷунайд. Ба Пайканд. Бо фармони сипаҳсолор инҳо дар он ҷо ба қалъасозӣ кор мекунанд, то вақте ки қарзашонро адо кунанд.

Мач *(марди дастбастаро нишон дода)*. Ин мард кист?

Ҷунайд. Намедонам. Кӣ буданашро намегӯяд. Дар роҳ аз кадом гӯре пайдо шуда, ба даруни инҳо даромада гирифт, баъд як маҳал балво хезонда, ин мардумро гурезонданӣ шуд, ана ин ду ғуломи сипаҳсолорро зада хуншор кард.

Деҳқони мўсафед. Марди нотарс, адолатхоҳ будааст!

Рўдакӣ. Инҳоро озод кунед! Озод кунед!

Ҷунайд. Фармонфармои ман сипаҳсолор аст.

Рўдакӣ. Озод кунед!

Мач. Бо ту шоири дарбор гап зада истодааст, нохалаф!

Ҷунайд. Ман шоир-моирро намедонам. *(Ба Рўдакӣ)*. Шумо калонгириатонро дар ҷои дигар кунед, хоҷа. Фармонфармои ман сипаҳсолор Саҳл бинни Мансур аст.

Рўдакӣ. Ман худ бо сипаҳсолор гуфтугў хоҳам кард!

Ҷунайд. Гуфтугў кунед, кардан гиред, ман амри сипаҳсолорро кайҳо гирифтаам. *(Ба бандиҳо)*. Роҳ гардед!

Рўдакӣ *(ба Ҷунайд)*. Сабр кунед, андак истед! Қарзи инҳо чанд аст?

Ҷунайд. Ҳазору сад динор.

Рўдакӣ *(ба кисааш даст меандозад, ба танг меояд; нигоҳи асиронро ба худаш ҳис карда парешонҳол мешавад. Гўё мадад хоста ба китфи Мач даст мениҳад ва баногоҳ чашмаш ба ангуштарини худаш меафтад. Онро бароварда ба Ҷунайд дароз мекунад)*. Инак! Гиред!

Мач *(бо тарс)*. Абўабдулло!.. Ту чӣ кор кардӣ?! Ангуштарини амир!.. Ба бало мемонӣ!..

Рўдакӣ *(ба Ҷунайд)*. Гиред! Қимати ин аз қарзи инҳо зиёд аст. Гиред!

Ҷунайд *(ангуштаринро гирифта, зеҳн монда)*. Ҳазл накунед, хоҷа. *(Пас мегардонад)*.

Рўдакӣ. Ҷои ҳазл нест! Гиред! Ҳамаашонро озод кунед!

Ҷунайд дудила.

Рўдакӣ *(бо алам, қариб фарьёд зада)*. Ҳар чанд ту ситамгарӣ, бераҳмӣ, аммо боре туро ҳам модари инсон зоида аст! Агар дар вуҷудат заррае аз инсоният боқист, бигиру озод кун ин кулфатзадагонро!

Ҷунайд *(ангуштаринро мегирад)*. Хайр, ба сипаҳсолор мерасонам. *(Ба деҳқонон)*. Ҳамаатон озод!

*(Ба сарбоз марди дастбастаро нишон дода).* Дасти вайро кушо! Сар деҳ, равад!

Дасти он мардро мекушоянд. Ҷунайд бо сарбозон меравад. Деҳқонон Рӯдакиро миёнагир мекунанд.

Деҳқони мӯсафед. Илоҳӣ ба сад дарой! Ба муроду мақсадат бирасӣ! Мо ин некии туро фаромӯш намекунем!

Деҳқони якӯм. Акнун биёед, додар, имрӯз ба мо меҳмон шавед, бо мо нону намак хӯред.

Деҳқони дувввӯм. Деҳаи мо дур нест: ана, дар пушти ҳамин кӯтал.

Рӯдакӣ. Агар фурсат медоштам, бо ҷону дил мерафтем. Мо бояд зудтар ба Бухоро бирасем. Шумоён равон шавед. Насиб бошад, боз ҳамдигарро мебинем.

Деҳқони мӯсафед. Илоҳӣ насиб кунад. Саломат бош, додар. Хайр, роҳи сафед!

Ҳама меравaнд, марди «балвогар» мемонад.

Рӯдакӣ. Шумо чаро намеравед?

Мардак хомӯш.

Шумо кистед?

Мард. Ман касе ҳастам, ки дар ду дуньё аз шумо қарздорам.

Рӯдакӣ. Агар аз қарз гуфтан мақсад халосии худатон бошад, ман аз қарзи шумо даргузаштам.

Мард. Аз гардиши фалак, шумо бо ин ду бор маро аз аҷал халос кардед.

Рӯдакӣ. Ду бор?

Мард. Бале... Ин ҳафт сол пеш буд... Ҳамааш дар пеши назарам: ҷанги Самарқанд, кушокушӣ, ғорат. Амири шаҳид ба амакаш шикаст дода, ғуломони вайро бандӣ кард. Фармон дод, ки ҳамаро аз дами теғ гузаронанд. Шоирон, олимон ба зиёрати амир омада буданд, амир аз шумо пурсид: эй шоир, ба ман бигӯ, мард кист ва мардӣ чист? Шумо бо шеър ҷавоб додед:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае биригӣ, мардӣ!

Амир инро шунида дар андеша ғарқ шуд. Баъд ҳоҷиби худро фармуд, ки: «Бирав, бандиҳоро озод кун!» Дар байни он бандиҳои озодшуда ман ҳам будам.

Р ӯ д а к ӣ. Шумо кистед? Чикораед?

М а р д. Ман Акбари Марвазӣ ҳастам...

М а ҷ. Акбари Марвазӣ!

М а р д. ...Сарбози пештара, гурезаи зиндонӣ, бекасу кӯй, саркашу нофармонбардор. Мазҳабам исмоилӣ, ба қавли шумоён қарматӣ. Пешвои қарматиён Муҳаммад Нахшабӣ ҳодии ман аст ва ман пайрави ӯ. Мо ҳақиқат меҷӯем! Адолат мехоҳем! Халқ имрӯз даҳ-даҳ ба тарафи мо мегузаранд, фардо ки корд ба устухонашон расид, сад-сад ва ҳазор-ҳазор хоҳанд гузашт. Шумо дар ин ҷо асирони як деҳаро халос кардед, ва ҳол он ки саркардагон, амалдорон, навкарони амиру вазир дар садҳо шаҳру деҳа пилта аз сабади бевазан мебаранд ва луқма аз даҳони ятим мекашанд! Он бенавоёнро кӣ халос мекунад? Кӣ?.. Бубахшед, ман шумоёнро аз роҳ боздоштам, худам ҳам аз шариконам қафо мондам. Саломат бошед *(мeравад)*.

Р ӯ д а к ӣ *(моту мабҳут)*. Пилта аз сабади бевазан... Луқма аз даҳони ятим...

П а р д а.

## НАМОИШИ ШАШӮМ

Маҳтобшаб. Гӯшаи чорбоғи вазир. Рӯдакӣ интизор. Нигина меояд.

Р ӯ д а к ӣ. Эй олиҳаи зебоӣ, ин туӣ? Наход ки ту боз бо ман бошӣ? Агар ин ба бедорист, маълум мешавад, ки офаридгор саодати биҳиштро ба одам дар ин дуньё ҳам ато мекардааст ва агар ин хоб аст, бигузор ман то қиёмат бедор нашавам.

Н и г и н а. Кошкӣ хоб мебуд! Зеро саодатеро, ки шумо мегӯед, кас танҳо ба хоб мебинад.

Р ӯ д а к ӣ. Азизам, ин тавр нагӯй! Туро намедонам, аммо ба ман дидори ту саодат аст. Туро парешонҳол мебинам, Нигина, чӣ шуд? Ё ту аз ин дидор шод нестӣ?

**Нигина.** Шодам... агар кас тавонад, ки аз охирин дидори маҳбубаш шод бошад.

**Рӯдакӣ.** Охирин? Чаро охирин?

**Нигина** *(ёрои гуфтан надорад)*. Чаро ки... ҳамин тавр... Не, ҳеҷ гап не... Шумо дар Самарқанд хуб саёҳат кардед?.. Хешу таборро дидед?.. Хушнуд баргаштед?..

**Рӯдакӣ.** Чӣ сон хушнуд барнагардам, ки ба сӯи ту мешитофтам. Нигина, «дидори охирин» гуфтанат чӣ маънӣ дорад? Чаро гапро мегурезонӣ?

**Нигина** *(ноилоҷ)*. Ман... асира будам, аммо асираи бонангу номус. Акнун худо ҳамин асоратро ҳам ба ман ҳайф дид. Мехоҳанд маро асираи бенангу номус гардонанд, охирин шарафи одамии маро, ки бе вай зиндагӣ марг аст, ба боди фано диҳанд. ... Дар шифти айвони мо фароштурук хона андохта буд, ин пагоҳ бачагонашро парровчак карда буд... Ман парвози онҳоро тамошо мекардаму як вақт хабардор шавам, ки гириста истодаам. Онҳо пару бол бароварда, парида рафтанд, аммо ман... ман пеш аз он ки як бор, лоақал як бор бо майли худ парвоз кунам, болу парамро буриданд. Акнун мехоҳанд худамро бисмил кунанд. Ба ҳар куҷо менигарӣ, дом, сайёд, қафас мебинӣ...

Дар вақти сухани Нигина аз паси деворе, ки боғро аз кӯча ҷудо мекунад, сари нахуст шоири дарбор намудор мешавад, ки савори асп аст ва дар дасташ қамчин дорад. Вай ғоиб мешавад.

**Рӯдакӣ.** Нигина, ту чиҳо гуфта истодаӣ? Сайёд кист? Кӣ мехоҳад туро «бисмил кунад»?

**Нигина.** Бонуи зарпараст, ҳариси молу дунё, маро ба сипаҳсолор фурӯхт. *(Мегирьяд)*.

**Рӯдакӣ.** Ё раббӣ!.. Ҳанӯз қадаме ба шоҳроҳи висол норафта, коме аз лаззати дидори ёр ноёфта, фалак ба мо аз ҷоми заҳролуди фироқ бода менӯшонад...

**Нигина.** Қасе ба ин тараф меояд. Ман маҳв шудам!

Балъамӣ гардишкунон ба болои инҳо омада мемонад.

Б а л ъ а м ӣ. Ҳо, Нигина?.. Ин мард кист?.. Рӯдакӣ?

Р ӯ д а к ӣ. Оре, ин манам. Ман ошиқи ин духтарам, хоҷаи бузург, вай ҳам маро дӯст медорад.

Б а л ъ а м ӣ *(ғур-ғуркунон)*. Беҳуда, беҳуда. Ҳосили ин ишқ ба ҷуз нокомию номуродӣ нест.

Р ӯ д а к ӣ. Чӣ?.. Хоҷаи бузург!

Б а л ъ а м ӣ. Бале. Агар ин духтарак дар коми наҳанг мебуд, гирифтанаш осонтар буд, аммо вай... дар панҷаи бонуст. Инак худи бону ба ин сӯ меояд. Ту бирав, Рӯдакӣ. Зудтар.

Рӯдакӣ меравад, бону ҳозир мешавад.

Б о н у. Нигина? Ту? Ман кай боз туро мекобам, дар ҳеҷ ҷо ёфта наметавонам! Чаро ту ҳаросонӣ? Чӣ воқеа рӯй дод?

Б а л ъ а м ӣ *(хандида)*. Ин дар торикии боғ ба ман бархӯрда, дасту по гум карду монд. *(Ба Нигина)*. Ё ту маро Довудхони роҳзан гумон кардӣ?

Н и г и н а *(ба худ омада, ба Балъамӣ таъзим мекунад)*. Бубахшед, ҳазрат, ман шуморо нашинохтаам.

Б о н у. Бирав ба хона!

Нигина меравад.

Ба гардиши пеш аз хоб баромада будед?

Б а л ъ а м ӣ. Бале... Шумо, бону, оё дар хулқу атвори канизакатон чизе мушоҳида кардед?

Б о н у. Ба гумонам, ин беақл ба Рӯдакӣ дил бохтааст.

Б а л ъ а м ӣ. Ба гумони ман ҳам инчунин. Аммо чаро беақл? Магар Рӯдакӣ сазовори ишқи вай нест?

Б о н у. Бо ин шумо чӣ гуфтанӣ мешавед?

Б а л ъ а м ӣ. Рӯдакӣ ҳам ба вай ошиқ аст. Бону, Саҳл бинни Мансур мӯҳтоҷи канизак нест. Агар шумо ба лутфу марҳамати худ духтаракро ба зании шоир медодед, ба ҳар ҳол як кори хайр мекардед.

Б о н у. «Кори хайр!» Магар ҳукумати Хуросонро ба Саҳл бинни Мансур додан кори хайр набуд? Магар ҳаққи хизмати вай дар хонадони мо кам аст? Ман амирро қариб розӣ карда будам, лекин шумо ба миёна даромада корро шикастед.

Б а л ъ а м ӣ. Сипаҳсолор ба шумо баҳои канизакро дода тамом кард ё на?

Б о н у. Нисфашро дод. Вай ҳоло хироҷи Дабусияро рӯёнда тамом накардааст.

Б а л ъ а м ӣ. Вай бо фармони амир барои исьёни Абусолеҳро фурӯ нишондан, пас аз чанд рӯз ба Нишопур лашкар мекашад.

Б о н у. Медонам.

Б а л ъ а м ӣ. Аз он ҷо кай бармегардад, зинда бармегардад ё не, худо медонад.

Б о н у. То баргаштани вай ман Нигинаро ба амонат нигоҳ медорам. Мо бо сипаҳсолор ҳамин тавр қавлу қарор кардем.

Б а л ъ а м ӣ *(бо истеҳзо)*. Духтарак аллакай азони сипаҳсолор шуд? Моли амонатии вай шуд?

Б о н у *(истеҳзои Балъамӣ ба нафсаш расида)*. Бошаду набошад, ба шумо чӣ, Нигина зархариди ман аст, ман бо вай ҳарчи хоҳам мекунам; беҳтар он аст, ки шумо ба кори ман дахл накунед. *(Меравад.)*

Б а л ъ а м ӣ. Оре. Шояд ман дар ин кишвар ягона шавҳаре бошам, ки занам мегӯяд «ба кори ман дахл накун».

П а р д а.

## НАМОИШИ ҲАФТУМ

**Дарбор. Саҳл бинни Мансур ва нахуст шоири дарбор медароянд.**

Н а х у с т ш о и р и д а р б о р. Шунидам, ки шумо дар мазрааи ишқ тухми ҳавою ҳавас коштаед, аммо чаро аз кишти худ хабардорӣ намекунед, ки поймоли сутурон шудааст?

С а ҳ л. Бо ман бе рамзу киноя гап занед. Чӣ шудааст?

Н а х у с т ш о и р и д а р б о р. Ман бо чашми худ дидам, канизак дар боғи вазир бо ҷавоне бӯсу канор дошт.

С а ҳ л. Нигина? Кай? Бо кӣ? Қасам ба мазори Абулҳафси кабир, ки агар дурӯғ гӯед, ман шуморо ана бо ҳамин ханҷари дудама...

Н а х у с т   ш о и р и   д а р б о р. Ман ҳаргиз ба ҳарфи кизбу дурӯғ забони худро касифу олуда накардаам, ман дӯсти шумоям. Дишаб, вақти аз дарбор ба хона баргаштанам, иттифоқан аз болои девори чорбоғи вазир нигоҳ карда, Рӯдакиро бо духтарак дидам, дуяшон саргарми сӯҳбат буданд. Чун бӯсу канори ошиқон ба амал пайваст, ман...

С а ҳ л. Бас аст! Валлоҳу биллоҳ, бо ҳамин ханҷари дудама шиками ҳар дуяшро чок мекунам!.. Шумо фаҳмед, Рӯдакӣ бо амир ба Ҳирот меравад ё ки дар Бухоро мемонад? Агар мемонда бошад, ман ҳам ба Нишопур намеравам, бигузор амир маро ба дор овезад. Ман намехоҳам, ки баррача бе ман дар ин ҷо тӯъмаи гург шавад.

Ҷунайд меояд.

Ҷ у н а й д. Ассаломалейкум. Сипаҳсолор, ман аз Пайканд омадам. Се ҳазор нафар қарздор дар он ҷо ба қалъасозӣ кор карда истодаанд. Аммо ман қарздорони Дабусияро ба он ҷо бурда натавонистам: шоир Рӯдакӣ ба ин монеъ шуд. Вай дар роҳ ба мо дучор шуда, ана ин ангуштаринро ба ман доду амр кард, ки: ҳамаро озод кун! Ман гапи шоири дарбор ва надими подшоҳро гардонда натавонистам.

С а ҳ л *(ба ангуштарин зеҳн монда)*. Инро ягон кас дид ё не?

Ҷ у н а й д. Ғайр аз чор нафар ғуломе, ки бо ман буданд, ҳеҷ кас надидааст.

С а ҳ л. Бирав, баъд гап мезанем.

Ҷунайд меравад.

Н а х у с т   ш о и р и   д а р б о р. Ин ҳамон ангуштаринест, ки подшоҳам ба Рӯдакӣ ато карда буданд.

С а ҳ л. Қимати ин аз панҷ ҳазор динор кам нест. Хоҷа, шумо медонеду худо. Даматонро набарород, ҳазор динор тани шумо!

Н а х у с т   ш о и р и   д а р б о р. Нагӯед! Инро худо ба шумо фиристодааст, ки зидди рақибатон кор фармоед. Ин ангуштарин аз ханҷари дудамаи шумо бурротару қотилтар аст! Панҷ ҳазор динор барои ҳамчун шумо давлатманде чӣ арзиш дорад?

С а ҳ л. Яъне... худам ба амир нишон диҳам?

Нахуст шоири дарбор. Албатта! Нишон диҳеду баъд ҳоли Рӯдакиро тамошо кунед. Амир заҳри ҳалоҳили ғазаб ба ҷоми ӯ хоҳад рехт ва шаҳди лутфу марҳамат ба коми шумо. Баррача ҳам ба як бор аз чанги гург халос хоҳад шуд.

Дар даҳлез ханда ва ғалоғула. Ойтош ба воситаи шамшерҳои бозичагӣ бо шоҳзода Нӯҳ дар ҳолати шамшербозӣ ва аз паси онҳо амир ва Суламӣ (дар дасташ тасбеҳ) бозиро бо шавқу завқ тамошокунон медароянд.

Суламӣ. Шоҳзода агарчи тифланд, вале аз садамоташон шуҷоат ва шаҳомати зотӣ ҳувайдост. Иншооллоҳ, ҷаҳонгир хоҳанд шуд!

Наср (*ба Суламӣ ва Ойтош*). Мо дуи шуморо муаллими шаҳзода таъин кардем. Ту, Ойтош, ба вай илми шамшеру камон ёд медиҳӣ; шумо, Суламӣ,— илми охирату имон. Биравед, бо шаҳзода машғулӣ кунед.

Ойтош ва Суламӣ бо Нӯҳ баромада мераванд.

Сипаҳсолор! Фардо мо ба Ҳирот сафар мекунем. шумо ба Нишопур лашкар мекашед. Пас аз он ки Абусолеҳи осии қарматиро фурӯ нишондед, назди мо ба Ҳирот хоҳед омад. Ба он тоифаи бадкешу малъун раҳм накунед! Оташи фитнаву фасодро ба оби шамшер мунтафӣ гардонед.

Саҳл. Фармонбардорам. Ин сар ва ин тан фидои подшоҳам, валинеъматам, соҳибдавлатам. Агар дар ин тан сад сару сад ҷон мебуд, ҳамаро бе дарег ба соҳибдавлатам нисор мекардам. Ин ғулом қадри некиро медонад, бевафоӣ намекунад; монанди баъзе кӯрнамакҳо саркашони побараҳнаву авбошро, бадхоҳони тоҷу тахтро ҳаводорӣ намекунад.

Наср. Шумо аз кӣ ва аз чӣ киноя мекунед, сипахсолор?

Саҳл. Аз саҳроиёни қаламкаш, кулолҳои шеъргӯ, зарбафтпӯшони гадотабъ, маснаднишинони беаслу насаб киноя мекунам, подшоҳам. Шумо якеро аз саҳро оварда шоири дарбор кардед, вай акнун тамом аз худ рафтааст. Ба хироҷу закот дахл мекунад, бо фуқаро аз номи амиру вазир гап мезанад, фармонҳо медиҳад, ҳукмҳо меронад.

Нахуст шоири дарбор. Бо гуфторҳои носазо ва кирдорҳои нораво ба номи подшоҳи худосоя ва ин даргоҳи осмонпоя иснод меоварад.

Наср. Шумоён Рӯдакиро дар назар доред? Сареҳтар бигӯед, вай чӣ кор кардааст?

Саҳл. Подшоҳам ба ман амр карда буданд, ки: дар қарибии Пайканд қалъае бисоз, то садди роҳи кӯчманчиён шавад ва онҳо натавонанд ба навоҳии обод тохту тоз кунанд. Мувофиқи ин амри олӣ, ман ба висоқбошӣ Ҷунайд фармуда будам ки: duздон, авбошон, роҳзанонро дастгир карда, ба Пайканд бурда дар қалъасозӣ кор фармой. Вақте ки Ҷунайд як гурӯҳ дуздон ва авбошони Дабусияро бандӣ карда бурданӣ мешавад, Рӯдакӣ ҳозир шуда ба вай аз номи подшоҳам фармон медиҳад, ки: «Ҳамаро озод кун!» Вай гуфтааст, ки: «Қалъа даркор нест, ин ҳама хаёли хом ва зулми амиру вазир аст бар фуқаро. Амир беандешагӣ карда ин фармонро дода буд ва акнун аз нияташ гашт». Ҷунайд маҷбур шудааст он тоифаи дузду авбошро сар диҳад.

Пауза.

Наср. Ҳар чанд ки эътибори шумо, сипаҳсолор, назди мо баланд аст, аммо он чи гуфтед, қобили эътибор наменамояд. Нек бисанҷед, мабодо ки бар зидди Рӯдакӣ иғвое сохта бошанд. Мардуми ҳасуд ва бахил бисьёранд, онҳо мекӯшанд, ки ин шоири закӣ ва пурҳунарро ба балое гирифтор кунанд. Ин ҳама гуфтору кирдоре, ки шумоён ба Рӯдакӣ нисбат медиҳед, хиёнате бас бузург, гуноҳе бас азим аст, ки сари гунаҳкорро ба дор мебарад! Рӯдакӣ ва ин гуна рафтор! Боввариам намеояд.

Саҳл. Подшоҳам, пас ман дурӯғ гуфтаам?

Наср. Шоҳид биёред!

Саҳл. Шоҳид Ҷунайд ва ғуломонанд.

Наср. Онҳо ғуломони шумоянд, ҳар чӣ шумо фармоед, бар он гувоҳӣ хоҳанд дод.

Нахуст шоири дарбор. Ҷунайд ҳамин ҳоло аз Пайканд омада, ин ҳамаро дар ҳузури ман ба сипаҳсолор нақл кард, ман бо гӯши худ шунидам.

Наср. Шумо ҳасудед, Рӯдакиро чашми дидан надоред... Ба худо қасам, агар гуфтаҳои шумоён дурӯғ

бароянд, мо ҷоҳу мансабу хизматҳои шумоёнро ҳам риоя нахоҳем кард. Аз ғазаби мо битарсед!

С а ҳ л. Рӯдакӣ хоин аст!

Н а с р. Далел биёред!

С а ҳ л. Шинохтед? Ин аст далел! *(Ангуштаринро бароварда ба амир медиҳад)*.

Н а с р. Ангуштарин?.. Мо инро ба Рӯдакӣ ҳадья карда будем.

С а ҳ л *(бо заҳрханда)*. Подшоҳам, албатта, имони комил доштанд бар он, ки шоир ҳадьяи олиро азиз ва табаррук хоҳад дошт? Ҳошо! Рӯдакӣ дар Дабусия барои якчанд дузду саркашу муттаҳамро халос кардан ин ангуштаринро ба Ҷунайд ришва додааст! Ҷунайд оварда ба ман супурд.

Н а х у с т ш о и р и д а р б о р. Куфрони неъмат! Ҳадьяи подшоҳ,— нишонаи марҳамати олиро ин тавр хор кардан ва бар хоки мазаллат афкандан танҳо аз дасти ашхоси хиёнатпеша ва кӯрнамакони бадандеша меояд!

Н а с р *(дигаргун шуда)*. Чаро инро ба мо дар аввал нишон надодед?

С а ҳ л. Ман хостам аввал эътимоди подшоҳамро нисбат ба худам бисанҷам ва бубинам, ки подшоҳам ба сухани ман бовар мекунанд ё намекунанд.

Н а с р *(хиҷил ва хашмгин)*. Чӣ ҳоҷат будааст, ки Рӯдакӣ он дуздону авбошонро халос кунад?

Н а х у с т ш о и р и д а р б о р. Шояд ки дар байни онҳо ёрони собиқи худро дида бошад? Ё балки аз ваҷҳи шӯҳратпарастӣ бошад, то ки халқ ӯро марди ҳалиму бахшоянда гӯянд ва Ҳотами Той хонанд!

М у л о з и м и д а р б о р *(даромада)*. Рӯдакии шоир ба хизмат омадааст.

Рӯдакӣ медарояд, таъзим ба ҷо меоварад. Дар вақти гуфтугӯи ӯ бо амир, Балъамӣ меояд.

Н а с р. Чӣ хабар, шоир?

Р ӯ д а к ӣ. Дирӯз аз Самарқанд баргаштам. *(Саҳлро дида дигаргун мешавад.)* Ман арз дорам, подшоҳам.

Н а с р. Чӣ арз?

Р ӯ д а к ӣ. Карам кунед, подшоҳам, ба доди ситамдидагон бирасед. Сипаҳсолор дар Дабусия хироҷи

ноҳақ меситонад. Ғуломони вай пилта аз сабади бевазан мебаранд ва луқма аз даҳони ятим мекашанд. Ман деҳаҳои торочгашта ва фуқарои хонабардӯшро дидам. Деҳотиёни гуруснаву бараҳнаро монанди рама ба Пайканд меронанд! Фарқ он аст, ки рама ба чарогоҳ меравад ва ин бенавоён ба кори ройгони ноҳақтар аз зулми золим ва гудозандатар аз оташи ҷаҳаннам!

Н а с р *(тааммул карда)*. Мо дар ангуштони ту ангуштаринро намебинем. Вай куҷо шуд? Ё магар ту ҳадьяи моро чандон эҳтиёт мекунӣ, ки дар сандуқ нигоҳ медорӣ?

Р ӯ д а к ӣ. Ангуштарин... бо ман нест. Подшоҳам, халқи ҷафокашида...

Н а с р. Ангуштарин куҷост?

Р ӯ д а к ӣ. Ангуштарин... бо ман нест. Хироҷи ноҳақ...

Н а с р. Инак ангуштарин!.. Ҳоло бигӯ, ҳадьяи подшоҳро ту ба кадом қимор бохтӣ? Ё ба кадом хабис ришва додӣ?

Р ӯ д а к ӣ. Оре. Чун нақдина надоштам, ман онро ба навкари сипаҳсолор додам, то ки вай гирифторони банди беадолатиро раҳо кунад.

С а ҳ л. Ин шоир ба ман бӯҳтон мезанад. Банда сӣ сол боз ба даргоҳи олӣ хизмат мекунам; бо фармони ҷадди* кабирашон ва падари шаҳидашон шамшер задам, кишварҳо кушодам. Худо ва халоиқ гувоҳанд, ки ман ҳаргиз ба зердастон ситам накардаам; хосу ом, сипоҳу фуқаро ҳамеша аз ман розӣ ва даст ба дуо бурдаанд.

Н а с р *(Рӯдакиро нишон дода)*. Зиндон кунед ин кӯрнамакро!

Ғуломон ҳозир шуда Рӯдакиро бурдани мешаванд.

Б а л ъ а м ӣ. Подшоҳам, тааммул! Ман гуноҳи ӯро аз шумо металабам.

Н а с р *(ба ғуломон)*. Баред!

Рӯдакиро мебаранд.

---

* *Ҷад* — бобо. Саҳл Исмоили Сомониро дар назар дорад.

Б а л ъ а м ӣ. Банда ба танҳоӣ арзи муҳим дорам.

Наср ба Саҳл ва нахуст шоири дарбор имо мекунад, онҳо мераванд.

Подшоҳам, шоир бо нияти пок ва аз рӯи раҳму шафқат рафтор кардааст, оё шумо ба ин шубҳа доред? Агар гуноҳ карда бошад, гуноҳаш садьяки гуноҳи сипаҳсолор намешавад. Подшоҳам хироҷи Дабусияро ба Саҳл дар ғайби ман ва бе машварати ман арзонӣ доштаанд, вагарна ман розӣ намешудам. Он чӣ Рӯдакӣ дар бобати тороҷу яғмои фуқаро гуфт, ба ҳақиқат наздик аст; охир ман ҳам ин матлабро ба подшоҳам арз карда будам.

Н а с р. Чӣ, шумо мехоҳед, ки мо бо шикояти як шахси дирӯз ба дарбор омада сипаҳсолорро муттаҳам кунем? Ҷазо диҳем? Охир, вай фардо ба Нишопур лашкар мекашад, ба дафъи душмани ғаддори мо меравад!

Б а л ъ а м ӣ. Ман намегӯям, ки шумо ҳамин ҳоло Саҳлро ҷазо диҳед, ман мегӯям — шоир ҳам мустаҳиқи ҷазову уқубат нашудааст! Чунин беадолатӣ, алалхусус дар арафаи сафари Ҳирот ва ҷанги хатарноки Абусолеҳ аз андеша дур аст. Беҳтарин шоири мамлакат дар зиндон! Ин чӣ бадномист!

Н а с р. Вай ба мо хиёнат кард. Мо хиёнатро ҳаргиз афв намекунем.

Б а л ъ а м ӣ. Таънаи бегонагонро ба ёд оред, подшоҳам. Вакилони халифа, шоирони араб боз ба даргоҳ хоҳанд омад. Ман аминам: Рӯдакӣ ягона шоирест, ки онҳоро пургӯӣ кардан ва лоф задан нахоҳад гузошт, вай боиси рӯйсурхӣ ва сарбаландии мо хоҳад шуд!

Н а с р *(суст шуда)*. Охир ин саҳроӣ халқро ба дағдағаву нофармонбардорӣ таблиғ мекунад.

Б а л ъ а м ӣ. Чораи ин, подшоҳам, он аст, ки шумо минбаъд вайро аз даргоҳ дур шудан намонед ва пайваста дар наздики худ нигоҳ доред, то ки вай бо халқ вонахӯрад. Ба Ҳирот ҳам вайро бо худатон гирифта баред.

Н а с р *(баъд аз сукут)*. Гӯед, вайро озод кунанд.

П а р д а.

# ПАРДАИ СЕЙӮМ

## НАМОИШИ ҲАШТӮМ

Лашкаргоҳи амир ба соҳили наҳре дар қарибии Ҳирот. Аз дур шаҳри Ҳирот менамояд. Атроф ҳама сабзу хуррам. Саркардагон ва ғуломон *(сарбозон)* ин сӯ-он сӯ мегарданд. Рӯдакӣ дар хаймаи худ май нӯшида шеър менависад.

Рӯдакӣ *(шеъри навиштаашро мехонад).*

...Дилам чун арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро?
Биё инак нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар бечон равон хоҳӣ танеро...

Балъамӣ меояд, ғарқи хаёлу андеша. Рӯдакӣ ӯро дида аз хайма мебарояд.

Хоҷаи бузург, то кай мо дар ин диёр сарсарӣ мегардем? Охир се сол боз мо аз ватан дур афтодаем.

Балъамӣ. Ба Бухоро пазмон шудаӣ?

Рӯдакӣ. Агар болу пар медоштам, парида мерафтам. Чӣ кунам, ки амир рухсатам намедиҳад.

Балъамӣ. Оре, то худи амир азимати Бухоро накунад, на ту рафтан метавонӣ ва на дигарон... Аз дер мондани амир дар ин ҷо хатари азиме ба сари Бухоро меояд. Ман аз бону нома гирифтам...

Рӯдакӣ. Аз бону? Дар бораи Нигина чизе навиштаанд ё на?

Балъамӣ. Чизҳои аз Нигина ҳазор маротиба муҳимтар ҳаст. Бародари амир, ки дар зиндони Бухорост, бо амирзодаҳояш робита пайдо карда, дар паи фитнаву фасод афтодааст. Мамлакат, молу ҷони халқ дар хатар.

Рӯдакӣ *(бесаранҷом).* Шумо амирро огоҳ кардед?

Балъамӣ. Бале. Аммо вай бовар намекунад. «Овозаи беаслу асос» мегӯяд. Амир, ҳавои Ҳирот дар сараш ва ишқи Ҳирот дар дилаш, аз ин кишвари хурраму зебо рафтан намехоҳад... Назар ба баъзе хабарҳои расида, кӯчманчиён ҳам тараддуди пинҳонӣ доштаанд, ки ба як бор хуруҷ карда тамоми Мовароуннаҳрро бо ҳамроҳии Бухоро зер карда гиранд.

Р ӯ д а к ӣ. Пас чӣ бояд кард, хоҷаи бузург?

Б а л ъ а м ӣ. Далели ақл назди амир оҷиз омад, акнун даст ба тадбири дигаре бояд зад. Ту мизоҷи амирро медонӣ, Рӯдакӣ, вай туро дӯст дорад. Чорае биандеш, ҳунаре ва санъате бикун, ки вай аз ин хок бархезад.

Р ӯ д а к ӣ. Модом ки вазири соҳибтадбир аз ин кор оҷиз бошанд, аз дасти ман чӣ меояд?

Б а л ъ а м ӣ. Қоре бикун, ки эҳсосоти ватанхоҳии амир буҷӯшад ва сараш ҳавои Бухоро бигирад. Охир, ту шоирӣ, созанда ва сарояндаӣ, ту ба тори дили мардум нохун мезанӣ.

Хомӯшӣ. Рӯдакӣ дар андеша.

О ваҳ, ман ҳар оби равон, ҳар бӯстоне, ки бубинам, аз вай бӯи Ҷӯи Мӯлиёни Бухоро ба димоғам мезанад.

Р ӯ д а к ӣ *(бо шавқ)*. Ҷӯи Мӯлиён... Бӯи Ҷӯи Мӯлиён... ояд ҳаме...

Ба илҳом омада, ҳаяҷоннок гардишкунон шеър эҷод менамояд. Ба хаймааш даромада менависад. Наср, либоси шикорӣ дар бар, бо саркардагон (дар байни онҳо Саҳл бинни Мансур ҳам ҳаст), дарбориён, камондорон меояд. Ҳамаашон аз бода сархуш.

Н а с р. Хоҷаи бузург, меравем ба шикор! Шумо тайёред?

Б а л ъ а м ӣ. Подшоҳам, маслиҳати бозгаштро дидан лозим буд. Дар Ҳирот аз ин зиёд мондан шоиста нест.

Н а с р. Бухоро гурехта намеравад. Тобистон аз ин ҷо хуштар мақомгоҳе намеёбед.

Б а л ъ а м ӣ. Шумо ҳар бор фаслеро ба фасле меандозед: тобистон ояд, мегӯед «тирамоҳ меравем», тирамоҳ ояд — мегӯед «баҳор меравем». Охир, ин се ҳазор бухорӣ дар иштиёқи ватан ва аёлу фарзанд дилхун шудаанд!

Саркардагон, дарбориён, навкарон сухани вазирро қувват медиҳанд.

— Рост мегӯед.

— Дилхун шудаем, дигар тоқат намонд.

— Кошкӣ зудтар ба ватан бармегаштем.

Н а с р *(ба Балъамӣ)*. Монед, аз давлати ҷавонӣ андак диламонро хуш кунем. Чӣ ташвиш мекашед?

Мамлакат осуда, душманҳо забун, бахт ҳамъинон! Як душмани ғаддор Абусолеҳ буд, ки шамшери хунрези сипаҳсолор кори вайро ҳам тамом кард. Дигар ба ман аз Бухоро гап назанед.

Рӯдакӣ шеъри навиштаашро гирифта аз хайма мебарояд.

Р ӯ д а к ӣ. Подшоҳам, ман як шеъри нав гуфтам. Агар рухсати олӣ шавад...

Н а с р. Бихон!

Р ӯ д а к ӣ. «Суруди бозгашт».

А т р о ф и ё н и а м и р *(бо ҳаяҷон)*. «Суруди бозгашт»?

Р ӯ д а к ӣ.

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

А т р о ф и ё н и а м и р *(такрор мекунанд)*. «Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме»!..

Р ӯ д а к ӣ.

Реги Ому бо дуруштиҳои ӯ,
Зери по чун парниён ояд ҳаме,
Оби Ҷайҳун, бо ҳама паҳноварӣ
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.

А т р о ф и ё н и а м и р *(шӯру ғавғо мекунанд)*. Бухоро!.. Бухоро!.. Шод бошу дер зӣ, эй Бухоро!..

Б а л ъ а м ӣ. Подшоҳам, Бухоро нигарон аст!

Н а с р *(дар изтироб)*. Аспи ман куҷост? Аспҳоро зин кунед! Ба Бухоро! Ба Бухоро!..

Шитобон меравад, дигарон аз паи ӯ. Садои суми аспон баланд мешавад.

П а р д а.

## НАМОИШИ НӮҲУМ

Гӯшаи чорбоғи вазир. Нигина меояд.

Н и г и н а. Наход ки наёяд? Охир, се рӯз шуд онҳо аз Ҳирот баргаштанд! Эй интизорӣ, ин қадар ту гаронӣ, ҷонкоҳӣ! Диламро чун кӯҳ мефишорӣ. Наход ки

наёяд? Ё маро фаромӯш кард? Дил ба дигаре бохт? Не, не! Дур шав аз дилам, эй гумони бад. Охир, номаи ӯ бо ман аст. *(Аз даруни остинаш номаро мебарорад).* Қасе, ки дар он диёри дур чунин ғазалеро ба ёди ман ва барои ман гуфтааст, маро фаромӯш нахоҳад кард. (*Мехонад*):

«Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.
Ҳар шаб нигаронам ба Яман, то ту бароӣ,
Зеро ки суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.
Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,
Аввал суханам — номи ту андар даҳан ояд».

Рӯдакӣ меояд.

Р ӯ д а к ӣ. Нигина!.. Офаридгор маро боз ба ту расонд. Шукронаи ин саодатро бо чӣ гуна бандагӣ ба ҷо орам? Се сол бе ту, дур аз ту!.. Гумон мекардам, ки шабистони фироқ поён надорад. Мӯъминон саҷда ба қибла меоранд, ман саҷда ба сӯи Бухоро мекардам.

Н и г и н а. Азизам, ту се сол мегӯӣ, аммо барои ман ин як умр буд. Агар баъд аз ин ҳам зиндагонӣ кунам, пиндор, ки дидори ту ба ман умри дубора бахшидааст.

Р ӯ д а к ӣ. Нозанинам, ба ман бигӯ, ту дар ин ҷудоӣ чӣ гуна зистӣ?

Н и г и н а. Бо ёди ту.

Р ӯ д а к ӣ. Ман ҳам. Дуруст аст, ки ёди ту чун бод оташи ҳиҷрони маро шӯълавар мекард, аммо бо ин ҳама, вай роҳатафзо ва ҷонбахш ҳам буд: намегузошт, ки ман сӯхта хокистар шавам.

Н и г и н а. Ин корро бо ман номаи ту кард. Агар номаи ҷонбахши ту намебуд, шояд ки ман аз ғам ҳалок мешудам. Он бод, ки ба ту аз сӯи Бухоро мевазид, дар бозгашт ба ман бӯи гули умедро аз Ҳирот меовард. *(Маҳзун).* Аммо, азизам, ба бахти сиёҳи ман, сипаҳсолор ҳам бо ҳамроҳии шумоён ба Бухоро баргаштааст.

Р ӯ д а к ӣ. Оре. Фақат вай, то ман зиндаам, туро нахоҳад гирифт.

Нигина. Шумо маро халос мекунед? Чӣ гуна? Охир ман зархариди ӯям.

Рӯдакӣ. Умедворам, ки хоҷаи бузург ба мо мадад расонанд. Агар нарасонанд ё натавонанд, ман ба чораи дигар, ба чораи охирин даст хоҳам зад. Инак, худи хоҷаи бузург меоянд.

Балъамӣ меояд. Парешонҳол.

Балъамӣ. Рӯдакӣ! Қасида чӣ шуд? Навиштӣ?

Рӯдакӣ *(бо алам)*. Қасида дар гӯр, хоҷаи бузург. Ба дилам ҳеҷ чиз намеғунҷад.

Нигина *(назди Балъамӣ ба зону афтода)*. Ҳазрат, ба ман раҳм кунед, маро халос кунед!

Балъамӣ. Бархез. Бирав ба хона, бону туро меҷӯянд.

Нигина гирьён меравад.

Афсӯс. Умеди ман аз ту буд, Рӯдакӣ. *(Бетоқат ва асабӣ)*. Амир ба шарафи фатҳи Нишопур маҷлиси зиёфат тартиб медиҳад. Вакили халифа ва дигар сафирони хориҷӣ ҳозир хоҳанд шуд. Амир мунтазири қасидаи нав аст. Бояд бузургии давлати Сомонӣ, бузургии подшоҳи моро тавсиф кард, ба иловаи ин ки Бухоро аз Бағдод камтар нест ва илоохир. Дувоздаҳ шоирро ба сари коғазу қалам нишондам, пагоҳ боз теша бар паҳлӯи андеша мезананд, аммо натиҷае нест. Аз ту зинҳор мекунам, Рӯдакӣ, ҳунаре бикун, чунон ки дар Ҳирот карда будӣ.

Рӯдакӣ. Имрӯз ҳаёту мамоти ду инсон, ду дилдода, ду бегуноҳ бояд ҳал шавад, шумо бошед — дар ғами қасида! Лаънат ба қасида!

Балъамӣ. Ман чӣ гуна дар ғами қасида набошам, ки ин бегоҳ шаъни мамлакати мо, шарафи шуаро ва фузалои мо ба ҷодаи имтиҳон кашида хоҳад шуд.

Рӯдакӣ. Дуньёи равшан дар чашмам торик, хазонаи дилам ба яғмо рафта, хотирамро ба ҷуз номи Нигина ҳамаи маъниҳо ва хаёлҳо тарк кардаанд, боз шумо аз ман шеър мепурсед! Хоҷаи бузург, охир бону Нигинаро...

Балъамӣ. Медонам, ҳоҷати гуфтан нест.

Р ӯ д а к ӣ. Охир, бону завҷаи шумоянд, ҳукми шумо бар он кас равост!

Б а л ъ а м ӣ. Дар ин кишвар бар ду кас ҳукми ман раво нест: яке амир, дигар бону.

Р ӯ д а к ӣ. Хоҷаи бузург!

Б а л ъ а м ӣ. Оре, ман ҳокимам ва маҳкум, забардастам ва зердаст, шавҳарам ва ғулом. Нигина зархариди бону буд, акнун зархариди Саҳл бинни Мансур аст. Аз ман дар ҳар коре ки хоҳӣ, мадад пурс, аммо на дар ин кор.

Р ӯ д а к ӣ *(маъюс, аламзада)*.

Лаб тар макун ба об, ки талх аст дар қадаҳ,
Даст аз кабоб дор, ки заҳр аст тавъамон.
Бо коми хушку бо ҷигари тафта даргузар,
Эдуи, ки дар саросари ин сабз гулситон...

Шуморо марди соҳибдил мегӯянд, шумо маърифати Юнону Арабу Аҷамро фаро гирифтаед, побанди ин ҳама расму ойини фалокатнишон нестед. Ба қавли худатон, шумо одамият, мурувват ва додгустариро пешаи худ кардаед, аммо акнун... акнун шумо «зердаст», «ғулом»! Шумо аз тадбири ҳоли ду ҷафокаши бегуноҳ оҷизед.

Б а л ъ а м ӣ *(фикр карда)*. Рӯдакӣ! Ягона тадбире, ки ман дар ин мушкили ту метавонам кардан, ин аст... Нигина ҳамин шаб мегурезад. Худи ту ӯро мегурезонӣ... Вай дар деҳае аз деҳоти дур ба хонаи пиразане паноҳ мебарад. Баъд аз ду-се моҳ, моҷаро пасанда ки шуд, ту ба наздаш меравӣ ва ӯро ба қайди никоҳи худ медарорӣ. Сипаҳсолорро чорае намемонад ба ҷуз ин ки зару моли ба бадали канизак додаашро пас бигирад, вассалом.

Р ӯ д а к ӣ. Ман ӯро чӣ гуна мегурезонам?

Б а л ъ а м ӣ. Як марди далеру бебок даркор аст, ки ба ту ёрӣ диҳад. Оё дар байни дӯстони ту чунин марде ҳаст?

Р ӯ д а к ӣ *(фикр карда)*. Ҳаст Акбари Марвазӣ.

Б а л ъ а м ӣ. Пас биё, ман чӣ гуна гурезондани духтаракро ба ту хоҳам гуфт.

П а р д а.

НАМОИШИ ДАҲУМ

Дарбор. Маҷлиси зиёфат. Наср дар курсӣ нишастааст, дар ду паҳлуи ӯ вакилони халифаи Бағдод, сафирони Фарангистон, Хитой, Киев, Қошғар, Ҳиндустон, ҳар кадоме ба либоси миллии худ ҷой гирифтаанд. Дарбориён, саркардагон ва шоирон. Дар тоқчаҳо ва рӯи дастархонҳо гулдонҳои бисьёреро бо гулҳои рангоранг гузоштаанд. Созанда ва сарояндагон бо чангу руду барбату най саргарми нағма. Баъд шоири араб ба арабӣ шеър мехонад.

Шоири араб *(ба Наср ва Балъамӣ)*. Хуб, шумо қасидаи наве аз шоири худ ваъда кардед, куҷост он қасида? Куҷост он шоири аҷамии беҳамто?

Балъамӣ *(саросема)*. Вай... каме нохуш буд... Меояд.

Наср *(оҳиста ва ғазаболуд ба Балъамӣ)*. Шумо чӣ кор кардед? Ку Рӯдакӣ? Ку қасида?

Балъамӣ *(ба танг омада)*. Мешавад... андак сабр кунанд.

Наср. Қасида ҳаст ё на?

Балъамӣ. Мм... Бале, ҳаст... Ҳамин соат...

Рӯдакӣ медарояд. Балъамӣ хурсанд шуда ба назди ӯ меравад.

Омадӣ? *(Оҳиста)*. Кори Нигина чӣ шуд?

Рӯдакӣ. Гусел кардам. Аз нӯшдоруи шумо сипаҳсолорро хоби сахт бурдааст. Нигинаи ман наҷот ёфт! Ман ин некии шуморо ҳаргиз...

Балъамӣ. Қасида навиштӣ?

Рӯдакӣ. Маъзур доред, хоҷаи бузург охир ман то ҳамин дам як дақиқа вақти холӣ надоштам.

Балъамӣ. Нанавиштаӣ?.. Ту ки қавл дода будӣ! Ман намедонистам, ки ту чунин беқавлӣ! Ту моро шарманда кардӣ!

Рӯдакӣ. Хоҷаи бузург, осуда бошед. Қасида... хоҳад шуд. Ҳаст!

Балъамӣ. Ҳаст? Куҷо?

Рӯдакӣ. Дар ин ҷо! *(Дилашро нишон медиҳад)*. Биёед.

Балъамӣ ва Рӯдакӣ ба маҷлиси зиёфат дохил мешаванд. Шоир ба амир ва ба меҳмонон таъзим мекунад.

Наср. Шоир, шароб бихӯр! *(Ба ӯ қадаҳ дароз мекунад)*.

Рӯдакӣ. Саломатии сари подшоҳам. (*Менӯшад*).

Наср. Рӯдакӣ! Назар ба қавли ин меҳмони бағдодӣ *(ишора ба вакили халифа)*, шоирони бузурги араб, аз қабили Ҷарир, Тойӣ, Ҳассон, дар вақти базму зиёфат бадоҳатан шеърҳо мегуфтаанд. Ба даст коғазу қалам мегирифтаанду дар пеши чашми халифа қасида менавиштаанд. Мо ба меҳмони азиз гуфтем: «Офарин ба шоирони араб! Шоирони мо ин тавр намекунанд, зеро ки мо намефармоем, аммо агар фармоем — мекунанд». Оё ту метавонӣ гуфтаи моро собит кунӣ?

Ғулом фавран дар лаълӣ коғазу давоту қалам меорад. Рӯдакӣ лаълиро нагирифта, балки онро бо librasтaш ба як тараф тела дода, фикркунон дар байни қатори нишастагон гардиш мекунад, маҷлиси зиёфатро аз назар мегузаронад. Амир ва ҳамаи меҳмонон ба вай чашм медӯзанд.

Рӯдакӣ *(бадоҳатан ба шеъргӯӣ сар мекунад)*:

Маҷлис бисохта шаҳриёр бадин сон.
Аз гулу в-аз ёсумину хайрии алвон!
Неъмати фирдавс густарида зи ҳар сӯ,
Шӯхра раёҳину тахтҳои фаровон.

*Ба тарафи созандагон:*

Барбати Исову фаршҳои Фаводӣ,
Чанги Мадакниру нойи чобуки ҷонон!

*Балъамӣ ба қатори саркардагон менишинад.*

Як саф мирону Балъамӣ биншаста,
Як саф ҳуррону пир Солеҳи деҳқон.

*Ғуломбача ба шоир май медиҳад:*

Бодадиҳанда буте — бадеъ зи хубон,
Қомат чун сарву зулфаконаш чавгон

*Ҷоми булӯрини май дар даст:*

Май ба булӯр андарун бубинӣ, гӯӣ:
Гавҳари сурх аст ба кафи Мӯсии Умрон.
Хусрав бар тахти пешгоҳ биншаста,
Шоҳи ҷаҳон, офтоби гавҳари сомон
Гар бикушояд забон ба илму ба ҳикмат,
Гӯш кун инак ба илму ҳикмати Луқмон.
Марди адабро хирад фазояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб фазояду имон.
Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тани уй.

Кӯҳи Саём аст, ки кас набинад ҷунбон.
Душман ар аждаҳост, пеши синонаш
Гардад чун мум пеши оташи сӯзон.
Рустамро ном гарчи сахт бузург аст.
Зинда бадӯяст номи Рустами дастон.
Ҳар ки биёмад зи Чину Ҳинду зи Тозӣ
Шуд ба Бухоро бари шаҳ азиз меҳмон.
Қунун ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Бузург потахти шаҳриёри Хуросон.
Инак мадҳе чунон ки қудрати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.
Ҷуз ба сазовори шоҳ гуфт надонам,
Гарчи Ҷарирам ба шеъру Тоию Ҳассон.

Ҳ о з и р о н *(ғавғо ва ҳаёҳу. Бисьёрии нишастагон ба по мехезанд)*. Аҳсант!.. Шаккар ба даҳонат!.. Доди суханварӣ додӣ!

Ҳ и н д ӣ. Бале, бале, бале-е-е!..

Х и т о й. Бисьёр аъло, бисьёр аъло!

Қ и е в ӣ. Бухоро ҳақ дорад бо ин шоири худ фахр кунад.

Ф а р а н г ӣ. Бузург ва некбахт аст подшохе, ки ба даргоҳаш чунин шоир, чунин вассофи хос дорад!

Н а с р *(ба вакили халифа шоирро нишон дода)*. Чӣ тавр?

В а к и л и  х а л и ф а. Беназир! Мӯъчиза! Ҳаргиз чунин шоиреро надидаам!

Б а л ъ а м ӣ. Подшоҳам! Дар ин аср на дар Араб ва на дар Аҷам шоире, ки бо Рӯдакӣ баробар шудан тавонад, нест!

Н а х у с т  ш о и р и  д а р б о р *(ба Рӯдакӣ)*. Дар майдони сухангӯӣ сабқат бурдед, ман ба шумо тоҷ додам!

Н а с р. Қадри сухан ва суханвар назди мо баланд аст. Мо ба шоир чиҳил ҳазор дирам ато мекунем. Рӯдакӣ! Аз имрӯз ту сари шоирони дарбори мо ҳастӣ! Хилъат биёред! Симу зар пошед!

Дар байни ҳаёҳу ва таҳсину офаринҳои аҳли маҷлис ба Рӯдакӣ хилъат — ҷомаи фохира мепӯшонанд, аз сараш халта-халта зару сим мепошанд. Аз дар Маҷ пайдо мешавад, саросема ва парешонҳол худро ба гӯшае гирифта мунтазир меистад.

Н а с р *(аз курсӣ бархоста)*. Хоҷаи бузург, меҳмононро ба сайру тамошо даъват бикунед.

Меравад.

Б а л ъ а м ӣ. Меҳмонони азиз лутф фармоянд, машқи асптозӣ ва найзабозиро тамошо бикунанд!

Ҳама мераванд. Маҷ аз қафои Рӯдакӣ расида ӯро нигоҳ медорад. Дар саҳна фақат дуяшон мемонанд.

Р ӯ д а к ӣ *(аз авзои Маҷ дар хавотир афтода)*. Чӣ хабар, Маҷ?

Маҷ бо кафи даст рӯяшро пинҳон мекунад.

Нигина дастгир шудааст?

Маҷ ба аломати тасдиқ сар меҷунбонад: маҷоли гап задан надорад.

Ҳазл мекунӣ!.. Вақтҳои охир ту хеле шӯх шудай, Маҷ!.. Гӯй, ки «Ҳазл кардам»... Худоё!.. Қошкӣ ту боре бо ман ҳазл мекардӣ!.. Охир зудтар гап зан! Қай? Дар куҷо? Ба ту кӣ гуфт?

М а ҷ. Акбари Марвазӣ гуфт. Вай навакак пинҳонӣ ба хонаи ман омад. Ғуломони сипаҳсолор дар дашт ҳар дуро дастгир кардаанд. Нигина бо ханҷар худро ҳалок кардааст. Акбарро баста кашон-кашон бурдаанд, аммо вай дар роҳ худро ба ҷарӣ ҳаво дода гурехтааст.

Р ӯ д а к ӣ. Эй хок ба сарам!..

Оҳ аз ҷаври ин замонаи шум,
Ҳама шодии ӯ ғамономеғ!

П а р д а.

## ПАРДАИ ЧАҲОРӮМ

### НАМОИШИ ЁЗДАҲӮМ

Ҳавлии Рӯдакӣ дар Бухоро, айвон. Дар рӯи миз чанд ҷилд китоб, варақҳои парешон ва давот. Аз он дуртар мизи дуйӯм истодааст, ки дар паси он Маҷи солхӯрда машғули китобат мебошад. Дар кӯча ғалоғула овози ҷарчӣ. «Мусулмонон, ҳар ки қарматиҳои кофирро донаду хабар надиҳад, худаш зиндон, молу мулкаш подшоҳӣ карда мешавад.

М а ҷ. Боз! Ин гиру дор кай тамом мешуда бошад?

Орифӣ ва Шакурӣ меоянд, салом медиҳанд.

Ш а к у р ӣ. Устод дар хонаанд?

М а ҷ *(тарафи хонаро нишон дода ангушт ба лаб мениҳад, ки бо овози баланд гап назананд)*. Боз ин чӣ ғавғо?

Ш а к у р ӣ. Заҳҳоки замон хуни қарматиён мехоҳад.

М а ҷ. Қарматиёнро кушта тамом накардаанд магар?

Ш а к у р ӣ. Ҳар касе ки афту башарааш ба ин саркардагони хоин ва соҳибони дину шариат нафорад, қарматӣ аст!

О р и ф ӣ *(худ ба худ мисраъ бофта)*. «Саркардагони хоин, соҳибдинони... бедин».

Ш а к у р ӣ *(тарафи хонаро нишон дода)*. Кайфияти устод чӣ гуна аст?..

М а ҷ. Пагоҳ боз аз хона намебарояд. Бисьёр ғамгин. Охир, ҳамин қадар ёру дӯстонаш нобуд шуданд.

О р и ф ӣ. «Заҳҳоки ташнаи хун, в-ин зумраи даду дун»...

Ш а к у р ӣ *(аз варақҳои дар рӯи мизи Рӯдакӣ хобида мехонад)*:

«Димнаро гуфто ки то ин бонг чист?
Бо наҳибу саҳм ин овои кист?»

«Қалила ва Димна»-и манзум! Аз тамкину ҳавсалаи устод дар ҳайратам, ки дар ҳамин замони пуршӯру валвала ҳам даст ба қалам мебаранд, шеър мегӯянд.

М а ҷ. Худо ба вай қувват диҳад — баъд аз ягон моҳ «Қалила ва Димна»-ро ба шеър гардонда тамом мекунад.

О р и ф ӣ.

«...в-ин зумраи даду дун.
Доранд ҳукмронӣ дар кишвари Фиредун».

Ш а к у р ӣ *(дафтари Маҷро дида)*. Ба китобат сар кардед? Китоби мусаввар! Ин расму суратҳои аҷоибро кӣ кашид?

М а ҷ. Наққоши Чин.

Ш а к у р ӣ. Баҳ, баҳ! Орифӣ, шеърбофиро мону ин аҷоиботро тамошо кун. Ин паланг ҳамин дам аз сафҳаи китоб ҷаста ману туро медаррад! *(Ба Маҷ)*. Кадом наққоши Чин?

М а ҷ. Наққош нагӯед, Монии дуввум гӯед!

Шакурӣ. Ҳамон наққоше, ки ин амири нохалаф...

Мач (*тарсида*). Оҳиста, Шакурӣ!

Шакурӣ. Нохалаф аст! Бо фитнаи саркардагони хоин ва ин дину шариатфурӯшони худобехабар падарашро аз тахт ғалтонд; ба ҷои Балъамии донишманд он зоҳиди аблаҳ — Суламиро нишонд.

Орифӣ. Хайр, хайр, ин қадар пургӯй нашав, Шакурӣ. (*Ба Мач*). Хӯш, он кадом «Монии дуввум» будааст?

Мач. Вайро арӯси Нӯҳ — духтари ҳоқони Чин бо ҳамроҳии худаш ба Бухоро оварда буд. Рӯдакӣ дар рӯзҳое, ки ҳанӯз аз дарбор пояшро наканда буд, ба ин наққош қиссаи «Қалила ва Димна»-ро нақл карда буд, наққош ба шавқ омада, китобро дар як ҳафта бо ин суратҳои ҳайвонот зинат дод.

Орифӣ. Аҷаб корҳое! Эҷодкунанда — халқи Ҳиндустон, ба шеър гардонанда — шоири Бухоро, зинатдиҳанда — наққоши Чин. Ба ростӣ, ки ҳунару дониш на дину мазҳаб, на нажоду миллат, на сарҳадҳо — ҳеҷ кадомро намешиносад, фақат инсонро мешиносад. Ҳиндуро бо форс хеш мегардонад ва хитоиро бо ҳинду бародар.

Аз хона Рӯдакии пир мебарояд. Шоирони ҷавон таъзим ба ҷо меоранд.

Рӯдакӣ. Биншинед. (*Ба Мач*). Ман навакак бо Нигина вохӯрдам. Чашмам ба ғанаб рафта будааст, вай ба хобам даромад. Айнан мисли ҳамон рӯз...

Дар кӯча шӯру ғавғо, тӯпаланг. Овозҳо: «Доред! Занед! Хуни ин қарматию, исмоилиҳои бадкеш ба мо ҳалол!» Шакурӣ ва Орифӣ давида ба кӯча мебароянд ва боз бармегарданд.

Шакурӣ (*дар изтироб*). Фароловиро бурданд!

Рӯдакӣ бо дарду алам сар ба зер меафканад.

Орифӣ. Чӣ бояд кард, устод? Ҳамин тавр рафтан гирад, пагоҳ-фардо шуморо ҳам, моро ҳам...

Рӯдакӣ. Аз ҳақ ноумед нашавед, ҳақ ба ҷояш мерасад. (*Аз қуттича варақҳои дастнависро бароварда*). Шеъратро хондам, Шакурӣ. Ба ростӣ, ки шеъри хубест. Ту назар ба панду ҳикмат дар ҳаҷв забардаст-

тари, чунон ки Орифӣ назар ба қасида дар ғазал маҳораташ зиёдтар аст. *(Маъюсона)*. Вақте ки Шаҳид ва Муродӣ аз олам гузаштанд, ман дилшикаста шудам. Акнун ҳар боре, ки ягон шоири ҷавон назди ман шеъри хубе меоварад, ман шодӣ мекунам ва ба худ мегӯям, ки: инак Шаҳиди дуввум ё Муродии дуввум пайдо шудааст! Иншооллоҳ, аз шоирони мо корҳои бузург ба амал хоҳад омад. Ҷаҳон ба шеъри дарии мо дил хоҳад дод. Қадри сухан бидонед. Шоир ҳам монанди деҳқон аст: вай дар ҷаҳон тухми накӯӣ ва ростӣ мекорад. *(Ҳаяҷону изтироби дилашро нигоҳ дошта натавониста, қариб фарьёд зада)*. Бо ашъори худ дилҳои сангро нарм гардонед, маҳфилҳои сардро гарм созед! Ба афтодагон мадад хоҳед, ситамгаронро сарпаст бикунед!

Акбари Марвазӣ медароянд. Ин ҷанговари гармову сармодида пир шуда бошад ҳам, ҳанӯз хеле боқувват менамоянд.

А к б а р. Ассалом-алайкӯм.

М а ҷ. Акбар? Акбари Марвазӣ?

Акбар аз ҷавонони ношинос хавф бурда, фаши саллаашро ба рӯяш мекашад.

Р ӯ д а к ӣ *(бархоста назди Акбар рафта, бо вай ҳамоғӯш шуда вохӯрдӣ мекунад)*. Аз ин ҷавонон хавф набар, Акбар, инҳо шогирдон ва дӯстони содиқи маананд. Ту чунон дигаргун шудаӣ, ки кас базӯр мешиносад. Ин қадар сол дар куҷо будӣ? Аз куҷо меоӣ? Биншин.

А к б а р. Фурсат нест, хоҷа. *(Хавф бурда ба сӯи дар менигарад)*. Як мулло паи маро гирифта меомад, метарсам, ки ҷосус бошад. Саргузашти ман дароз аст, хоҷа. Ман дар Хуросон будам. Чаҳор шӯриш, се дафъа фирор аз зиндон, шаш ҷанг бо лашкари амир ва ҳокимон... Сухан кӯтоҳ, ман барои халқ адолат хостам. Яҳьёи сомонӣ ба Бухоро лашкар кашида омада истодааст, ман ҳамроҳи ӯям, ман ба шаҳр пинҳонӣ даромадам. Худи ҳамин шаб мо қиём мекунем. Ё марг ё наҷот. Дар шаҳр ман лашкари бисьёр дорам.

Р ӯ д а к ӣ. Лашкар?

А к б а р. Бале. Оҳангару мисгар, машкоб, нонвой, саис, ҳезумкаш — ҳама лашкари мананд. Хоҷа! Шу-

мо, ба ҳар эҳтимол, имрӯз аз шаҳр берун равед, то ки дар ғавғову тӯпаланг ҷони шумо ба хатар намонад.

Ногаҳон аз кӯча ба ҳавлӣ як гурӯҳ сарбозони мусаллаҳ ва муллоҳо бо сардории Ҷунайди солхӯрда, ки акнун ба мансаби калони низомӣ расидааст, зада медароянд.

Мулло. Ана Акбари исьёнкор!

Акбар ҷаҳида ба по мехезад, даст ба шамшери аз зери чакман овехтааш мебарад.

Ҷунайд. Ҳо, «ошнои» қадимӣ!.. Маро шинохтӣ?

Акбар. Шинохтам. Сагбача будӣ, пирсаг шудаӣ. Ҳанӯз ҳам мундии Саҳл бинни Мансурро мелесӣ?

Ҷунайд. Дузд! Роҳзан! Ман аҷали туям! Ту ду бор аз дасти ман халос шудӣ, аммо ин дафъа халос намешавӣ! Таслим шав, нобакор!

Акбар. Ба ту? Ҳошо! Қуҷо шунидаӣ, ки шер ба саг таслим шуда бошад?

Ҷунайд *(ба ғуломон)*. Гиред ин малъунро!

Ҳамла ба Акбар. Шамшерзанӣ.

Рӯдакӣ *(ба байн даромада)*. Даст нигоҳ доред! *(Ба Ҷунайд)*. Ман намегузорам, ки ту дар хонаи ман бедодгарӣ кунӣ! Акбар меҳмони ман ва дар паноҳи ман аст. Хонаи маро тарк кун!

Ҷунайд *(бо истеҳзо)*. Шумо тавре гап мезанед, ки гӯё ҳанӯз ҳам шоири дарбор бошед. Шумо кайҳо аз дарбор ронда шудаед, хоҷаи азиз. Даври шумо гузашт. Амире, ки пушту паноҳи шумо буд, дар зиндон аст. Ҳомии шумо Балъамӣ ҳам ҷон ба каф гирифта фирор кард. Акнун давр даври мо, Нӯҳ подшоҳи мо, Саҳл бинни Мансур саркардаи мост! Шумо тамом шудаед, хоҷа, аз шумо ҷасаде мондааст халос.

Акбар *(шамшерашро бӯсида ба пои Рӯдакӣ мениҳад)*. Хоҷа, афв кунед. Худо шоҳид, ман ба назди шумо бо дили соф омада будам. Агар шумо маро афв кунед, ман дигар на аз дор, на аз теғи ҷаллод боке надорам.

Рӯдакӣ. Ту гуноҳ надорӣ, Акбар.

Ҷунайд *(ба Рӯдакӣ)*. Ба ман муқаррар шуд, ки шумо бо исьёнкорон алоқа доред. Ман, ки ба муҳофизати шаҳр маъмурам, бояд шуморо дар давлат-

хона ҳозир гардонам. Шумо ба худи амир ҷавоб хоҳед дод.

Маҷ *(бо тани худ Рӯдакиро паноҳ карда, ба Ҷунайд)*. Шарм кун, бедодгар! Аз худо битарс!

Орифӣ. Агар ин тавр бошад, моро ҳам бубаред!

Шакурӣ. Аввал моро бикуш ва баъд устодро бубар!

Рӯдакӣ. Бигузоред, ман худ меравам. Ман додхоҳам! Ман ба ин бедодгариҳо чашми амирро мекушоям! *(Ба Ҷунайд)*. Бубар маро, ман ҳозирам.

Ҷунайд ва ғуломон Рӯдакиро бо ҳамроҳии Акбар пешандоз карда мебаранд.

Парда.

## НАМОИШИ ДУВОЗДАҲУМ

Дарбор. Амир Нӯҳ, Саҳл бинни Мансур, Суламии вазир, Ҷунайд, Устод — нахуст шоири собиқи дарбор, дарбориён. Рӯдакӣ дар мобайн рост истодааст. Аз паси тиреза, аз майдони пеши қаср ғалоғулаи халқ ба гӯш мерасад.

Ойтош медарояд.

Ойтош. Издиҳоми халқ торафт меафзояд. «То Рӯдакиро озод накунанд, мо намеравем!» гуфта ғавғо карда истодаанд.

Саҳл *(хашмгин, ба Ҷунайд Рӯдакиро нишон дода)*. Ҷаро ту вайро рӯзона аз растаю бозор гузаронда гирифта овардӣ?! Шабона овардан лозим буд, ки ҳеҷ кас набинад!

Нӯҳ. Халқ ба Рӯдакӣ чӣ кор доранд? Рӯдакӣ як нафар ғуломи мост, мо ҳар ҷазое, ки ба ӯ бидиҳем, соҳибихтиёрем.

Устоди собиқ. Тавба кун, Рӯдакӣ, тавба кун, подшоҳам гуноҳатро мебахшанд.

Рӯдакӣ хомӯш.

Нӯҳ *(ба Рӯдакӣ)*. Ту исьёнкоронро дастгирӣ мекунӣ? Тарафи саркашони побараҳнаву авбошро мегирӣ?!

Суламӣ. Бо душманони подшоҳам улфатӣ мекунӣ?

Саҳл. Ин худаш аз аввал хайрхоҳи қарматиён буд!

Суламӣ. Ба зоташ мекашад, подшоҳам. Дарахти талхро агарчи бо шакаробу шаҳди ноб парвариш кунанд, боз мевааш талх аст.

Нӯҳ *(ба Рӯдакӣ)*. Ту як нафар саҳрой, як деҳотии гадо будӣ, хонадони Сомониён туро ба ин мартабаи баланд расонд, акнун ту ба некӣ бадӣ мекунӣ?

Устоди собиқ. Охир, тавба кун, замин бӯс!

Рӯдакӣ. Амирам, лутфу марҳамати Сомониён дар ҳаққи ман бузург аст ва шукри неъмати ин хонадони олӣ бар ман воҷиб. Аммо ин ҳама мардумони бахтбаргашта, ба доми бало афтода, хору забуншуда ва ба қатлу ғорат маҳкум гардида, ки шумо онҳоро қарматӣ, осӣ, бадкешу бадмазҳаб меномед, гуноҳ надоранд! Худо шоҳид, гуноҳ надоранд! Ва агар касе гуноҳ дошта бошад *(ба атрофиёни амир ишора карда)*, гуноҳаш ба гардани онҳоест, ки ба воситаи хироҷҳои гарон ва мусодираҳои беамон корд ба устухони халқ расонидаанд!

Шӯру ғавғо дар байни ҳозирон.

Ойтош. Забон нигоҳ дор, шоир, густохии ту аз ҳад гузашт!

Рӯдакӣ. Назди шумоён сухани ҳақ густохист. Халқон дар талаби адолат ҷон медиҳанд, ғавғоҳои маҳшар бапо мекунанд. Дар баробари мардонагию диловарии онҳо густохии ман ҳеҷ аст.

Суламӣ. Худоё, агар як нафар ғуломи даргоҳ тавонад, ки ба рӯи подшоҳи аъзам ин гуна суханҳо гӯяду ҷазое ҳам накашад, кошкӣ ман кӯру кар мебудам, то ки инро намедидам ва намешунидам!..

Нӯҳ *(бо ғазаб ба по мехезад. Мехоҳад фармоне дар ҳаққи Рӯдакӣ диҳад, аммо дар ин дам ғавғои халқ дар майдон баландтар мешавад, амир аз тиреза ба берун нигоҳ карда, ба танг меояд, дудила шуда мемонад. Ба Суламӣ муроҷиат карда мепурсад)*. Раъйи шумо чист, вазир?

Суламӣ *(мад кашида)*. Подшоҳам ба адлу дод бузурганд ва ба фазлу дониш муваффақ. Ҳар як сухани подшоҳам тафсире аз наҷоти дарвешон, фароҳи

ғамнокон ва халосии бадбахтон аст. Қасе, ки мункири ин ҳақиқат бошад, малъун аст ва нохалаф...

Н ӯ ҳ *(бетоқат шуда)*. Кӯтоҳ кунед!

С у л а м ӣ. Рӯдакии шоир куфрони неъматро шиори худ сохта, аз ин даргоҳи олӣ бадгӯӣ мекунад, ӯ дар шеъраш мегӯяд:

«Чӣ нишинӣ ба дарғаҳаш ҳамвор,
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст»,

яъне ҳама кори подшоҳам ноҳамвор ва носавоб ва ғалат будааст! Боз мегӯяд: «Дониши ӯ на хубу чеҳраш хуб». Шунидед? «Зишткирдору хубдидор аст», яъне кирдори подшоҳам ҳама паст ва...

Н ӯ ҳ. Бас аст!

Ғавғои халқ дар майдон.

С а ҳ л. Халқ бебок шудааст, амирам, чашми халқро тарсонда мондан лозим.

Н ӯ ҳ. Халқро пароканда кунед!

Ойтош тозон баромада меравад.

Қарматиёнро бароварда дар Регистон сар бизанед! Акбари осиро дар танӯри тафсон андозед!

Ҷунайд тозон баромада меравад.

Р ӯ д а к ӣ. Бозистед!.. Аз хуни бегуноҳон тарсед!.. *(Ба амир)*.

Гар теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт!
Дар пеши худованд бадӣ нест фаромушт!..

Ҳозирон дар ғазаб шуда ҳаёҳу мекунанд.

Н ӯ ҳ. Сазои ин хоин...

У с т о д и с о б и қ *(бо тарсу ҳарос)*. Подшоҳам, тараҳҳум! Адолат! Ба шоир ситам раво надоред!..

С а ҳ л *(ба Устоди собиқ)*. Ба шумо чӣ шуд? Шумо, ки як вақтҳо Рӯдакиро чашми дидан надоштед, аз вай бадгӯӣ мекардед!

У с т о д и с о б и қ. Пушаймонам, сад бор пушаймонам. Ман кӯр будаам. Рӯдакӣ беҳамтост! Ман донистам, вай соҳибқирони шоирист! Бузург устод аст! Охир вай пояи назми форсиро устувор кард, шеъри дариро ба тахти салтанат нишонд!..

Н ӯ ҳ. Ин кӯрнамакро... *(Аз майдон ғавғои халқро шунида дудила шуда мемонад).*

С у л а м ӣ. Зиндон бояд кард!

С а ҳ л. Сараш ба дор беҳ!

У с т о д и с о б и қ *(гирьён).* Подшоҳам, адолат!

С а ҳ л. Ҷазо додан ба хоинон айни адолат аст.

Н ӯ ҳ. Саҳл бинни Мансур! Мо гунаҳкорро ба шумо месупорем. Ҳар ҷазое, ки савоб бошад, ба ӯ бидиҳед. *(Ба дари хонаи дигари қаср даромада меравад).*

С а ҳ л *(ба Рӯдакӣ наздик рафта).* Акнун ту дар дасти манӣ. Ман ин соат, ин фурсатро солҳои дароз интизор будам.

Р ӯ д а к ӣ. Ту, Саҳл, ночизтар ва разилтар аз онӣ, ки шоир аз ту битарсад.

С а ҳ л. Ту ҳоло ба ин суханони худат ҳам ҷавоб хоҳӣ дод. Ту имрӯз хоҳӣ донист, ки Саҳл бинни Мансур кист ва кинаи ӯ чӣ гуна аст. Ман имрӯз «барзагов ва булбул», хироҷи Дабусия, «пилтасабади беразан»-ро ба ту нишон дода мемонам. Никори Нигинаро аз ту мегирам. Ҳаёту мамоти ту акнун дар дасти ман аст.

Р ӯ д а к ӣ. Мехоҳӣ ҳаёти маро аз ман бигирӣ? *(Хандаи истеҳзо).* Дер мондӣ, Саҳл, ғафлат кардӣ! Ҳаёти ман кайҳо ба ашъорам, ба китобҳоям рафта-аст, ту аз ман чӣ мегирӣ? Ҳаёти шоир, қисмати шоирро подшоҳон ҳам наметавонанд ба ҳукми худ тобеъ кунанд, то ба монанди ту ҷаллоди хунолуда чӣ расад!

С а ҳ л *(дар хашм).* Гиред ӯро!

Бо имои Саҳл дарбориён ба Рӯдакӣ дарафтида, ӯро кашон-кашон ба хонаи дигар мебаранд. Устоди собиқ ба замин афтода, ба домани дарбориён часпида дод мезанад, онҳо вайро нолону гирьён гузошта мераванд. Аз хонае, ки шоирро ба он ҷо бурданд, фарьёди кӯтоҳи ҷигархароше баланд мешавад. Дар дақиқаи дигар дарбориён ақибнокӣ аз хона мебароянд ва Рӯдакӣ бо рӯймолчаи хунолуд чашмонашро пинҳон карда, калавида-калавида меояд.

Р ӯ д а к ӣ *(бо дард).* Чашми сарамро рабуданд. Худоё, чашми диламро во кун!

Саҳл, Суламӣ, дарбориён аз ҷинояти худ ба даҳшат омада, аз Рӯдакии пешоянда ваҳмида, ақибнокӣ рафта ба деворҳо ҷафс шуда мемонанд.

П а р д а.

## НАМОИШИ СЕЗДАҲУМ

Ҳавлии Рӯдакӣ. Дар айвон Рӯдакӣ, Мач (сари миз нишаста аст), Орифӣ, Шакурӣ, Устоди собиқ.

Рӯдакӣ. Навиштӣ, Мач?

Мач. Навиштам.

Рӯдакӣ. Ҳоло боз чанд байте бигӯям, ин достон ба поён мерасад... Чӣ бигӯям?.. «Қалила ва Димна» — донишномаи зиндагонист. Ҳамаи донишҳо аз зиндагонист. Ман ҷаҳонро дигаргун мебинам, гирдгардон мебинам. Чашми сарамро рабуданд, чашми дилам боз шуд, ман бинотар шудаам. Оре, барои дидани рӯи хуршед шаби торро бояд таҳаммул кард. Ҷаҳон обистан аст, рӯзгори нав, тарҳи нав хоҳад зоид. Шод ва боумед бояд зист. Зиндагонӣ бераҳм аст, сахтгир аст, аммо устод аст, омӯзгор аст...

Амалдор бо навкарони худ меояд.

Амалдор *(ба Мач)*. Бо фармони вазир ман барои мусодира кардани...

Мач *(оҳиста бо нафрат)*. Хомӯш! Мусодира кунед, халал нарасонед!

Навкарҳои амалдор ба ғундоштану кашондани ашьёи хонаи шоир сар мекунанд. Орифӣ ва Шакурӣ китобҳои шоирро аз яғмо халос мекунанд.

Рӯдакӣ. ...Хирадмандони ҳамаи кишварҳо дар ҳама забонҳо донишеро, ки аз гузашти рӯзгор омӯхтаанд, азиз доштаанд, онро зарра-зарра ҷамъ карда, дар баргу пӯстлохи дарахтон навиштаанд, рӯи чармҳо, рӯи сангҳо нақш кардаанд ва оқибат дар китобҳо гирд овардаанд, то ки мардумон биёмӯзанд, панд бигиранд. Ман дониши зиндагониро ситоиш мекунам. Бинавис, Мач!

То ҷаҳон буд аз сари мардум фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардуми доно ба ҳар давру замон
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Инак достони ман поён ёфт... *Мач*!.. Инхо... мусодира карданд?

М а ч. Ҳамаро бурданд, ҳеҷ чиз намонд.

Р ӯ д а к ӣ *(сахт безобита шуда)*. Чӣ? Китобҳоро ҳам?..

М а ч. Китобҳоятон монд, ҳамааш дар пештатон.

Р ӯ д а к ӣ *(ба китобҳо даст зада осуда мешавад, механдад)*. Хармӯҳраро бурдаанд, дурр мондааст!

А м а л д о р *(ба Мач)*. Бо фармони вазир ин ҳавлӣ подшоҳӣ шудааст!

Р ӯ д а к ӣ *(сухани ӯро шунид. Табассум мекунад)*. Мехоҳанд, ки ман бечораву бенаво бишавам, беному нишон биравам, бекасу кӯй бимонам. На! Ҷаҳолат! Нақше бар об! Ман бечора нестам. *(Китобҳояшро даст-даст мекунад)*. Ин аст пасандози ман, ганҷи безаволи ман! Ғазалиёти Рӯдакӣ. Қасидаҳои Рӯдакӣ. Рубоиёти Рӯдакӣ. «Пандномa»-и Рӯдакӣ. «Синдбоднома»-и Рӯдакӣ. «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ. Ин аст ному нишони ман, умри ҷовидони ман. Ин ҳамаро ман ба мардумон, ба онҳое, ки ман дӯст медорамашон ва ба онҳое, ки маро дӯст медоранд, мебахшам. Ман бекасам? На! Халқам ёри ман аст ва дили вай макони ман. Асо биёред, ман ба макони худ меравам!..

Ба ҳусни савт чу булбул муқайиади назмам,
Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асири зиндонӣ.
Басо нишастам ман бо акобиру аъён,
Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.
Нахостам зи таманно магар ки дастурӣ,
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ

П а р д а

БИБЛИОТЕКА
Инв. № 25541
Пединститута

# МУНДАРИЧА

Қалтакдорони Сурх . . . . . . . . . . . . 3
Гавҳари шабчароғ . . . . . . . . . . . 75
Рӯдакӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 135

СОТИМ УЛУГЗОДА

ПЬЕСЫ

(*на таджикском языке*)

Муҳаррир *М. Ғуломова*
Рассом *А. Арзуманов*
Муҳаррири расмҳо *Т. Королёва*
Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *Қ. Шукуров*

Ба матбаа супурда шуд 18/X-1963. Ба чопаш имзо карда шуд 27/II-1964. Коғаз 84×108¹/₃₂. Ҷузъи чопӣ 5,875. Ҷузъи чопии шартӣ 9,87. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,3. Адади нашр 2000. Нархаш 44 тин. КЛ 03297. Супориши № 1807.

Душанбе, Комбинати полиграфии Комитети Давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба матбуот.